**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**

**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ – 8 (575.3)
ТКБ – 83.3 (5Тоҷ)
Ҳ - 78

**ҲОМИДОВА ШАМСИЯ МИРЗОРУСТАМОВНА**

# ҲАВЗАИ АДАБИИ ХУҶАНД ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII – АВВАЛИ АСРИ XX

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),**
**доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ.**
**(6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ)**

**роҳбари илмӣ:**
доктори илми филология, муовини директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
Нуров Нуралӣ Норович

**ХУҶАНД – 2022**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА…………………………………………………………..3-13**

**БОБИ I. МУҲИТИ ИЛМИВУ АДАБӢ ВА ФАРҲАНГИИ МОВАРОУННАҲР АЗ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII ТО ИБТИДОИ АСРИ XX..........................................................................................................14-69**

1.1. Ҳаёти адабии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва сарчашмашиносии омӯзиши он................................................14-25

1.2. Мавзуъ, муҳтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирони ҳавзаи Хуҷанд..........................................................................................25-44

1.3. Ривоҷи адабиёти дузабона........................ ………………………........44-53

1.4. Мақоми бонувони суханвар дар инкишофи адабиёти давр……..........53-68

Хулосаи боби I ………………………………………...……………....68-69

**БОБИ II. ТАҲАВВУЛИ ЖАНРҲОИ АДАБӢ.......................................70-121**

2.1. Жанрҳои хурди ғиноӣ ........................................................................70-88

2.2. Жанрҳои бузурги ғиноӣ......................................................................88-107

2.3. Анвои дигари адабии манзум ва мансур..........................................107-120

Хулосаи боби II.......................................................................................120-121

**БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ ПОЭТИКИИ АШЪОРИ СУХАНВАРОНИ ҲАВЗАИ АДАБИИ ХУҶАНД...........................................................122-160**

3.1. Таъсири поэтикаи шеъри Бедил ба шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд..........................................................................................122-132

3.2. Баррасии ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ............132-139

3.3. Заминаҳои зуҳури падидаҳои шеъри нав..........................................139-148

3.4.Вежагиҳои ҳунарӣ ва шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ....................148-159

Хулосаи боби III......................................................................................159-160

**ХУЛОСАҲО.** I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия.......................161-165

II.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот..........................166

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.......................................................................167-187

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**...................188-189

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Хуҷанди бостонӣ фарзандонеро ба тамаддуни башарӣ ато кардааст, ки бо маҳсули зеҳниву фикриашон номи ин марзу бумро баланд бардоштаанд. Фарзандони адабпарвару фарҳангдӯсти Хуҷанд, чун Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Маҳастӣ, Зиёуддини Хуҷандӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ, Шайдо, Шӯхӣ, Файёз, Кошиф, Ҳоҷӣ Сиддиқхоҷа, Асирӣ ва Фарзонаи Хуҷандӣ мақому эътибори ин диёри қадимиро дар арсаи илму адаб ҳамчун зодгоҳи фарҳангу адабиёти пурғановат интишор додаанд.

Ҳамчунин, шуҳрат ва эътибори ин сарзаминро метавон ба пайкорҳои фарҳангсолоронаи хонадони маъруфи Оли Хуҷанд нисбат дод, зеро корномаҳои ба ёдгор гузоштаи эшон, ки дар сарчашмаҳо ва осори мухталиф зикр шудаанд, аз манзалат ва бузургвории онҳо гувоҳӣ дода, номи зодгоҳи ниёгони хеш – Хуҷандро низ боло бардоштаанд.

Нуфузи суханварони форсигӯ аз нимаи дуюми асри XVIII то аввали асри XX дар шаҳри Хуҷанд ва навоҳии дигари Фароруд бештар гардид, ки дар ин миён ҷойгоҳи Шӯхӣ, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Хотиф, Нозил, Лисонӣ, Асирӣ, Туробӣ, Равнақ, Воқиф, Фавзӣ, Қозӣ Самеи Росих, Зоир ва дигарон, инчунин бонувони сухангӯ, аз қабили Қамбархон, Муаззамхон, Муаттархон, Зебо, Бифазилат, Шарифабибӣ Оҷиз, Бибӣ, Бибиҳидоят ва Қутбинисоро метавон ба таври махсус таъкид намуд. Мутаассифона, намояндагони адабиёти ин аҳд ва осори ғаноманди эшон дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик ба таври бояду шояд омӯхта нашуда, қимати аслии офаридаҳои онҳо дақиқан муайян нагардидааст. Дар ҳоле, ки дар бузургтарин китобхонаҳои Осиёи Миёна девону дастнависи садҳо шоиру нависандаро метавон пайдо кард, ки ному пайкори онҳо, алҳол, барои аҳли илм ба куллӣ рӯшан нашудааст. Омӯзишу таҳлили ашъори ғаноманди ин шоирон дар муайян намудани баъзе равандҳои умумӣ ва ҷудогонаи адабиёти давраи мазкур кӯмак расонида метавонад.

Дар давраи мавриди пажуҳиши мо, асосан, се ҳавзаи бузурги адабиёти тоҷик дар ҳоли рушду нумуъ қарор дошт, ки адибон ва суханварони Хуҷанд

ба ҳайати хонигарии Хӯқанд дохил буданд. Вале таҳқиқи жарфтари рӯзгору осори шоирони хуҷандиасли ин давра баёнгари он аст, ки аксари онон қисми зиёди умр ва фаъолияти эҷодияшонро дар зодгоҳи худ гузаронида, муҳимтарин суннатҳои адабиёти гузаштаро дар ин ҷо тарвиҷу ташаккул додаанд. Маълум аст, ки Хуҷанд аз дергоҳи таърих зодгоҳ ва маркази парвариши аҳли илму адаб ба шумор рафта, ҳамчун яке аз марокизи муътабари адабиву фарҳангӣ шуҳратёр буд. Бино бар таъкиди профессор А.Насриддин «Хуҷанд шаҳрест қадимиву маъруф ва дар сарзамини Мовароуннаҳр, маркази илму адаб ва тамаддун, хостгоҳи донишмандон ва сухансароёни соҳибзавқ, ки таърихи бештар аз дуҳазору панҷсадсола дорад» [45, 11]. Истифодаи таъбирҳои «маркази илму адаб ва тамаддун, хостгоҳи донишмандон ва сухансароёни соҳибзавқ», ки дар аксари сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ҳам ибораҳое инчунин нисбат ба Хуҷанд истифода шудааст, ба мо имконият медиҳад, ки бо такя бар ҳузури чунин донишмандон ва сухансароён дар ин шаҳр онро чун ҳавзаи илмиву адабӣ қабул намоем. Махсусан, аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX шоирони зиёде дар ин сарзамин зиндагонӣ ва эҷод намудаанд, ки ҳузури онон, бешубҳа, омили аслии идомаи падидаҳои адабии хоса як ҳавзаи адабии таърихӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд бархе аз шуаро бо сабабҳои маълум ва номаълум тарки зодгоҳ намуданд, чароғи шеъру маърифат бевосита бо шарафи оғоз ва ривоҷи эҷодиёт дар зодгоҳи эшон ҳамеша фурӯзон буд. Дар баробари ин, агарчи қисмате аз ин шоирон таҳти таъсири омилҳои муайян аз Хуҷанд берун рафтанд, вале ҳамон умумияти мавзуӣ, вежагиҳои сабкӣ ва шеваи баёни калом дар осори онҳо ҳамсон бо хусусиятҳои адабии осори шоирони сокини ин шаҳр ва, дар маҷмуъ, адабиёти тоҷикии Фароруд боқӣ мондааст. Маҳз дар адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XX гурӯҳи шоироне дар ин шаҳр зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки тамоми умрашонро ҳамин ҷо ба сар бурда, миёни ҳамдигар робитаҳои хуби эҷодӣ доштаанд. Аз доираи суханварони давраи мавриди таҳқиқу баррасии мо зиёда аз 30 нафар дар Хуҷанд зиндагӣ ва эҷод намудаанд. Аз дигар умумиятҳое, ки миёни шоирони ин давр, чи дар

Хуҷанд ва чи берун аз он ба мушоҳида мерасад, мавҷудияти ашъоре дар васфи Хуҷанд аст, ки пайванди маънавии онҳоро бештар тақвият додааст.

Маҷмуи ин омилҳо ба мо имконият медиҳад, ки рушди адабиёти тоҷики ин даврро дар мисоли шоирони зодаву парвардаи шаҳри Хуҷанд, ки ашъори эшон умумиятҳои сабкӣ ва мавзуӣ доранд, ҳамчун як ҳавзаи адабӣ ба риштаи таҳқиқ кашем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзишу таҳқиқи адабиёти асри XVI то ибтидои асри XX, ки давраи таҳқиқи мо низ ба ин марҳилаи таърихии адабиёти форсу тоҷик дар қаламрави Мовароуннаҳр рост меояд, ба таври умумӣ, аз С.Айнӣ [19; 20] оғоз ёфта, баъдан, дар осори илмии донишмандоне, чун Е.Э.Бертелс [193; 194], И.С.Брагинский [196], А.Мирзоев [120; 121], Н.Маъсумӣ [119], Х.Мирзозода [123], Р.Ҳодизода [180; 181], С.Саъдиев [151], У.Каримов [113; 114; 115], С.Амирқулов [91; 92; 94; 95], Э.Шодиев [59; 60; 190; 204; 210; 211], С.Султон [154; 155; 156], А.Насриддин [45], С.Тилабов [158; 159; 208], М.Неъматова [49], Б.Раҳматов [50] ва дигарон вусъат ёфтааст.

Дар баробари ин, силсилаи таҳқиқоте ба сомон расидаанд, ки ба шоирони ҷудогонаи ин давра иртибот мегиранд. Аз ҷумла, рисолаи У.Каримов «Нозили Хуҷандӣ» дар хусуси ҷараёни зиндагӣ, мероси адабӣ, мазмун ва мундариҷаи ашъори ин шоир баҳс мекунад [32].

Руҷуъ ба бахше аз таҳқиқоти дигар, ҳарчанд ба хадамоти намояндагони Хуҷанд дар густариши адабиёт дар даврони дигари таърихӣ бахшида шуда бошанд ҳам, аз аҳаммият холӣ намебошад. Пажуҳиши профессор С.Асадуллоев «Оли Хуҷанд. Садри Хуҷанд» роҷеъ ба чеҳраҳои хонадони хуҷандӣ ва рутбаи шоирии фарзандони ин диёр – Садри Хуҷандӣ ва Абӯбакри Хуҷандӣ маълумот медиҳад [96]. Дар канори ин, адабиётшиноси мазкур рисолаи «Ғароиби сипоҳ»-и Тоҷири Хуҷандиро соли 1993 мураттаб карда буд, ки ба таъкиди худи ӯ рисола дар бораи «таърихи шаҳри Хуҷанд, саҳми хуҷандиён дар воқеаҳои давраи ҳукмронии Олимхон, Умархон ва Муҳаммадалихон, махсусан, дар бораи ҳокимони шаҳри Хуҷанд, ки аз

тарафи хонҳои Хӯқанд ва амирони Бухоро гузошта шуда буданд, ниҳоят гаронбаҳо мебошад» [44, 4].

Рисолаҳо ва мақолаву тақризҳои М.Мирзоюнус [125;126], К. Ёқубӣ [107; 108; 206], Ф.Насриддинов [134; 135], С.Мирзоев [122], М. Ӯрунова [165], Ш.Тоҷибоев [160], Д.Ваҳҳобзода [101], С.Тилабов [158; 159; 208], М.Неъматова [49], А.Ҳоҷиев [202], Б.Раҳматов [50], Б.Ҳайдарова [174; 175; 176; 177] ва дигарон ба таҳқиқу баррасии саҳми намояндагони шаҳри Хуҷанд ва хонадонҳои он, мавқеи занони суханвар дар ин ҳавзаи адабӣ ва ҷойгоҳи намояндагони ҷудогонаи он дар даврони мухталифи рушди адабиёт, хоса, даврони мавриди таҳқиқи мо бахшида шудаанд.

Дар рисолаҳои С.Хӯҷақулов «Ташаккули жанрҳои адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ» [170] ва «Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX» [172] дар баробари суханварони дигари ҳавзаи Фароруди қуруни мазкур намояндагони адабиёти ҳавзаи адабии Хуҷанд низ сарфи назар нашудаанд. Аз ҷумла, яке аз мақолаҳои ин муҳаққиқ ба «Мавқеи жанри қасида дар осори Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ» бахшида шудааст [171, 188-195].

Яке аз муҳимтарин тадқиқоте, ки вобаста ба адабиёти ин давра дар хориҷ аз Тоҷикистон рӯйи кор омадааст, китоби муҳаққиқи эронӣ Иброҳими Худоёр «Ғарибаҳои ошно» мебошад. Ҳарчанд муаллиф дар ин китоб ба намояндагони адабиёти ҳавзаи Хуҷанд камтар рӯй овардааст, аммо мулоҳизоти ӯ дар мавриди вежагиҳои ҳавзаи адабии Хӯқанд қобили истифода ва таваҷҷуҳ мебошанд [80].

Дар баробари ин, силсилаи таҳқиқоте низ вобаста ба ҳавзаҳои адабии Самарқанду Бухоро, Хӯқанд, Истаравшан, Ҳисор, Дарвоз, Қаротегин, Зарафшон рӯйи кор омадаанд, ки зимнан ин ҷо метавон таълифоти адабиётшиносонеро, чун А.Абдуллоев [84; 85], С.Саъдиев [151], А.Абибов [86], Х.Мирзозода [123], М.Маҳмадшоев [118], Н.Охунҷонова [141] ва дигарон ёдовар шуд.

Ҳамин тавр, вежагиҳои муҳимми ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, аз ҷумла, осори шоирони давраи мавриди таҳқиқи мо аз ҷумлаи масъалаҳои ба таври зарурӣ омӯхтанашудаи адабиётшиносии тоҷик боқӣ монда, баррасии он барои шинохти бештари ин ҳавзаи адабӣ ва мақоми суханварони он дар рушди адабиёт мусоидат хоҳад кард. Агарчи рӯзгору осор ва вежагиҳои асосии ашъори баъзе аз намояндагони адабиёти ин давр ба таври алоҳида таҳқиқ шудаанд, вале ба назар мерасад, ки ҳанӯз муҳимтарин хусусиятҳои ташаккули ҳавзаи адабии Хуҷанд, робитаҳои адабии шоирони давр ва дигар ҷанбаҳои муҳимми мавзуиву ҳунарии ашъори онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Таҳия ва таълифи «Тазкираи шуарои Хуҷанд» аз ҷониби профессор А.Насриддин барои анҷоми як таҳқиқоти комил дар бораи ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди таҳқиқи мо заминаҳои мусоид фароҳам меоварад [45].

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**.

Масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишуда бо барномаҳо (лоиҳаҳо)-и мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ робитаи устувор дошта, он дар доираи «Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷик барои солҳои 2016-2020: Матншиносӣ, таҳияву тасҳеҳ ва нашри осори адабӣ»-и факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади аслии таҳқиқот баррасии муҳимтарин вежагиҳои ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд, вазъи адабӣ, анъанаҳои шеъри классикии тоҷикӣ ва ҷойгоҳи шуарои ин аҳд дар рушди шеъри тоҷикии нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ба шумор меравад. Дар рисола таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқи суннатҳои шеъри тоҷикӣ, аз ҷумла анъанаҳои иншои ашъори дузабона ва идомабахшии эҷоди анвои шеъри форсӣ, бедилгароӣ, татаббуъ ва назирагӯйӣ, иҷтимоъгароӣ, таъсири шеъри классикии форсӣ ба ин доираи адабӣ дар назар аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои аслӣ дар рисола саъй шудааст, ки корҳои зерин ба сомон расанд:

– баррасӣ ва таҳқиқи мухтасари авзои адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – ибтидои асри XX ва ҷойгоҳи шуарои номвари ин аҳд дар адабиёти тоҷик;

– муайян намудани равишҳои идомаи суннатҳои шеъри классикии форсии тоҷикӣ дар ҳавзаи адабии Хуҷанд;

– таҳқиқ дар заминаҳои зуҳур ва инкишофи муҳимтарин ҷараёнҳои адабии давр;

– идомаи суннатҳои адабии Бедил ва ҷойгоҳи шоирони пайрави ӯ дар миёни адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд;

– баррасии мавзуъ, мундариҷа ва таркиби мероси адабии шоирон;

– пажуҳише дар сабки таълиф ва вежагиҳои ҳунарии ашъори шуарои хуҷандӣ;

– таҳқиқи хусусиятҳои вежаи эҷодиёти адибони зуллисонайни давраи мавриди омӯзиш;

– рушди анвои шеъри форсӣ-тоҷикӣ дар ҳавзаи адабии Хуҷанд;

– шеваи бозгашти адабӣ ва унсурҳои он дар таркиби ашъори шоирони ин давраи адабиёти ҳавзаи адабии Хуҷанд;

– идомаи суннатҳои насри классикӣ ва вежагиҳои сабкиву мавзуии осори мансур дар мисоли «Ғароиби сипоҳ».

**Объекти таҳқиқот**ро осори адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд, маҳорат ва хусусияти эҷодиёти онҳо ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» унвон дошта, дар он масъалаҳои мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шуаро, ривоҷи адабиёти дузабона, мақоми бонувони суханвар, таҳаввули жанрҳои адабӣ, ҷараёну мактабҳо, падидаҳои шеъри нав, поэтикаи ашъори шоирони ҳавзаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро комёбиҳо ва принсипҳои пажуҳиши муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, мисли Э.Браун, Е.Бертелс, А.Г.Маонӣ,

С.Нақавӣ, А.Зарринкӯб, А.Мирзоев, И.Брагинский, Р.Ҳодизода, А.Абдуллоев, Н.Маъсумӣ, С.Саъдиев, С.Воҳидов, С.Амирқулов, У.Каримов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, А.Насриддин, Н.Салимӣ, М.Хоҷаева, Н.Нуров ва дигарон ташкил медиҳад. Дар рисола усулҳо ва равишҳои шарҳу таҳлили матн, омориву тавсифӣ, муқоисавӣ-таърихӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Таҷрибаи илмиву таҳқиқии феҳристнигорони нусхаҳои хаттии Осиёи Миёна, таҳиягарони девонҳо ва мунтахаботи ашъори шоирони давраи таҳқиқ, аз ҷумла маҷмуаи ашъори Шӯхӣ, Кошиф, Нозил, Фахрӣ, Тоҷир, Иффат Фавзӣ, Файёз, Тошхоҷа Асирӣ ва мураттибону муаллифони тазкираҳо, аз ҷумла С.Айнӣ, Э.Шодиев, А.Насриддинов, М.Ҳомидзода барои таълифи диссертатсия дар самти офаридани ҳолнома ва омӯзиши мероси адабии шоирон заминаҳои асосӣ ба шумор рафтааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот**ро раванди таълим ва илм дар МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, конференсия ва маҳфилҳои илмӣ-методии донишгоҳӣ ташкил менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар рисола бори нахуст масъалаи поэтикаи ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, идомаи анъанаҳои шеъри классикии форсӣ, аз ҷумла, бедилгароӣ, назирагӯйӣ, иҷтимоъгароӣ, дарёфти падидаҳои шеъри нав ва баррасии ҷараёни адабиёти дузабона, бо диду назари нав дар назми ҳавзаи адабии Хуҷанд мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҳамчунин, зимни таҳқиқи рисола чанд шоире, ки дар тазкираҳои Э.Шодиев [60] ва А.Насриддин [45] зикр наёфтаанд, маълум шуданд. Аз ҷумла, Мунирхон Муинзодаи Хуҷандӣ [20, 328], Ҳумулии Хуҷандӣ [183, 78-91], Бибиҳидоят [53, 84], Таввобхон Мадаминов [53, 38], Ҳоҷӣ Мирмуҳсин [53, 83], Мулло Абдулҳай [53, 128], Шафқати Хуҷандӣ [53, 160], Олимхон Махдум [53, 161], Осимхон [53, 167], Мирзосаъдуллои Хуҷандӣ [53, 170] ва Қорӣ Абдулмаҷид [53, 193], ки дар бораи аксари онҳо маълумот дар ин таҳқиқот зикр ёфтааст.

Инчунин се нафар суханвари дигар, ки зикраш дар тазкираҳои мавриди назар наомадааст ва метавон онҳоро ҳамчун шоирони омӯхтанашуда муаррифӣ кард: Ғозии Хуҷандӣ (нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX) [63, 91-92]; Қутбинисо (соли таваллуд 1872) [35]; Муҳаммад Султон Маъсуми Хуҷандӣ – (соли таваллуд 1880) [212].

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Бино ба маълумоти бадастомада дар асрҳои мавриди таҳқиқи мо дар ҳавзаи адабии Хуҷанд беш аз 60 шоир зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Ҳарчанд гурӯҳе аз онон ба тақозои замон тарки диёр намудаву дар шаҳрҳои дигар поёни умрашонро сипарӣ кардаанд, зиндагонӣ, ҷараёни эҷод ва равобити адабии онҳо дар ин шаҳр моро бар ин натиҷа мерасонад, ки фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии онҳоро дар як ҳавзаи адабӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем, зеро дар шеъру андешаҳои ин шоирон муштаракоти зиёде ба мушоҳида мерасад, ки махсусиятҳои суханварии шоирони як ҳавза будани онҳоро нишон медиҳад.

2. Шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи таҳқиқ баробари идомаи беҳтарин суннатҳои адабиёти форсу тоҷик, вежагиҳои хоси ҳунариву мавзуиро падид овардаанд.

3. Муламмаъсароӣ аз анъанаҳои қадимаи шуарои форсу тоҷик буда, дар ҳавзаи адабии Хуҷанд низ, бар асоси таваҷҷуҳи шоирон бар он, таҳаввул ёфтааст.

4. Анвои адабии шеъри форсӣ-тоҷикӣ: маснавӣ, қасида, ғазал, қитъа, мухаммас, мусаддас, рубоӣ дар ҳавзаи адабии давраи мавриди таҳқиқ давом ва рушд кардааст.

5. Истиқбол аз сабки сухан ва андешаву шеъри Бедил, инчунин, муҳимтарин суннатҳои сабки ҳиндӣ аз вежагиҳои хоси шеъри ҳавзаи адабии Хуҷанд ба шумор мерафт. Бар ин асос, бархе намояндагони адабиёти давр, ки аз ҳавзаи адабии Хуҷанд бархостаанд, дар умум пайравони мактаби Бедил дар Фароруд דониста мешуданд.

6. Ашъори шуарои Хуҷанд, ки ба ду забон эҷод шудааст, фарогири мавзуъҳои ошиқона, орифона, иҷтимоӣ, тасвири манзараҳои табиат, одобу ахлоқ ва ғайра мебошад.

7. Дар ашъори шуарои Хуҷанд муҳимтарин суннатҳои поэтикии шеъри классикии тоҷик ҷилвагар шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо истиқбол аз сабки суханварии қудамо, таҷрибаҳои ҳунарӣ дар қолабҳои анвои шеърӣ, татаббуъ ва назирагӯйӣ, истифодаи ҳунармандонаи саноеи бадеӣ ба шумор меравАнд;

8. Дар давраи мавриди пажуҳиши мо метавон 9 бонуи суханварро шинохт, ки ин амр ба саҳми назарраси онҳо дар таҳаввули шеъри замони хеш ишорат мекунад.

9. Дар заминаи ҷустуҷӯйи махзани китобхонаҳои мухталиф ва омӯзиши феҳристҳо маълум шуд, ки шоирони ношинохта ва ҳанӯз муаррифинашуда низ дар ин давра зиндагӣ кардаанд, ки дар бораи чанд нафари онҳо маълумот пайдо ва намунаҳои ашъорашон дастрас гардид. Аз ҷумла, аз хазинаи Маркази мероси хаттии АМИ Тоҷикистон нусхаи хаттии девони Ғозии Хуҷандӣ ва баёзе дастрас гардида, ки дар он намунаҳои ашъори Воқифи Хуҷандӣ ҷой доранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар рисола ҳаллу фасл шудани масъалаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, аз ҷумла, поэтикаи ашъори шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд, анъанаҳои шеъри классикии форсӣ: бедилгароӣ, пайравӣ ва татаббуъ, адабиёти зуллисонайн, идома ва рушди суннатҳои эҷоди анвои адабии шеъри тоҷикӣ, муҳимтарин мавзуоти шеъри замон ва монанди инҳо аз аҳаммияти назариявии таҳқиқот дарак медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки рисола дар роҳи омӯзиши адабиёти тоҷики ҳавзаи адабии Хуҷанд муҳим буда, онро дар раванди тадриси адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX тоҷик барои донишҷӯёни риштаҳои филологӣ ҳамчун маводи дарсӣ метавон истифода бурд. Ҷанбаҳои махсуси ҳаллу фасли ин тадқиқотро дар самтҳои зерин метавон ба кор гирифт:

– барои таҳияи мавод дар омӯзиши масъалаҳои адабиётшиносӣ: таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, поэтикаи жанрҳо;

– барои таҳияи девон ва ё ашъори мунтахаби шоирони мавриди назар;

– барои таълифи корҳои илмӣ ва ғайра.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқот дар дарсҳои лексионию амалии факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» истифода шудааст. Муҳимтарин нуктаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2016-2022), дар семинарҳои махсуси факултети филологияи тоҷик баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мувофиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаб**и **дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъоварии мавод, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаву маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ асоснок шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҷаласаи кафедраи номбурда (протоколи №9, аз 23.04.2021), дар сексияи адабиётшиносии шурои дифои 6D.КОА – 037 (протоколи №5, аз 25.06.2022) ва шурои васеи олимони факултети филологияи тоҷик (протоколи № 2, аз 30.09.2022) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Бахшҳои асосии рисолаи мазкур дар ҷаласаву семинарҳои назди кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Аз рӯйи мавзуи рисола дар конференсияҳои байналмилалӣ (2018, 2020, 2022), ҷумҳуриявӣ (2018, 2022), илмии солонаи устодону кормандони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (2016-2022), маъруза ироа гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 12 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 бобу 11 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 189 саҳифаи чопи компютериро дарбар мегирад.

# БОБИ I. МУҲИТИ ИЛМИВУ АДАБӢ ВА ФАРҲАНГИИ МОВАРОУННАҲР АЗ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII ТО ИБТИДОИ АСРИ XX

## 1.1. Ҳаёти адабии Мовароуннахр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва сарчашмашиносии омӯзиши он

Таҳқиқу баррасии таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX, ки ҳавзаи адабии Хуҷанд ҷузъи таркибии он ба шумор меравад, яке аз масъалаҳои муҳимми адабиёти тоҷик маҳсуб ёфта, як қатор муҳаққиқон роҷеъ ба ин давраи таърихӣ асарҳои илмиву таърихӣ таълиф намудаанд. Адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ – С.Айнӣ, Е.Э.Бертелс, А.Мирзоев, И.С.Брагинский, Х.Мирзозода, Ш.Ҳусейнзода, Н.Маъсумӣ, С.Амирқулов, А.Абибов, Э.Шодиев, У.Каримов, Р.Ҳодизода, М.Шакурӣ, С.Хӯҷақулов ва чанде дигар бо таълифи асарҳо дар кушодани чандин уқдаҳои ин давр саҳм гузоштаанд. Хусусан, хизмати С.Айнӣ, А.Мирзоев, Х.Мирзозода, Н.Маъсумӣ, У.Каримов қобили таъкид мебошад, зеро асарҳои эшон дар омӯхтани маъхазҳои адабию таърихӣ, таҳаввулу хусусиятҳои ҳаёти адабӣ, аҳвол ва ашъори чанде аз намояндагони барҷастаи адабиёти ин давра қимати фаровон дорад. Бо сабаби он ки роҷеъ ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии ин давра пажуҳишҳои ҷудогонае аз ҷониби муаррихон ва адабиётшиносон ба анҷом расидааст, мо такрори онро зарур нашуморида, бештар талош намудем, ки ба ҳаёти адабии ин давра таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Ба иттилои С.Султон таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Яке аз сабабҳои кам омӯхта шудани ин давраро ӯ бо сухани С.Айнӣ тасдиқ намудааст: «Авохири аҳди Аштархониён ва авоили Манғитиён давраи фатрат (фосила) ба шумор меравад ва адибоне, ки дар он давр гузаштаанд, асарашон камёб ва зикрашон дар пардаи ҳиҷоб аст» [154, 3]. С.Султон сабаби дигари кам омӯхта шудани адабиёти ин давраро дар он мебинад, ки «осори адабии бисёр шоирони маъруфи ин давр дар дасти авлодонашон ва дар китобхонаҳои шахсии одамони алоҳидаи шаҳру деҳоти Осиёи Миёна маҳфузанд» [154, 3]. Мо низ

ҷонибдори фикри ин муҳаққиқ ҳастем ва сарчашмаҳои омӯзиши адабиёти давраи мазкурро чунин дастабандӣ намудем:

**а) Тазкираҳо.** Яке аз муҳимтарин маъхазе, ки роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд ва шоирони дарбори хонигарии Хӯқанд дар давраи таҳқиқ иттилоъ медиҳад, ин «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Ф.Намангонӣ мебошад. Фазлӣ ин тазкираро соли 1821 бо амри хони Хӯқанд Амир Умархон таълиф намуда, дар дебоча оид ба ҳаёту фаъолияти 76 нафар шоир, аз ҷумла намунаи ашъори 9 нафар шоири хуҷандӣ – Хотиф, Равнақ, Фоиз, Кошиф, Маъюс, Зинат, Қозӣ Самеи Росих, Нузҳат ва Мутриб маълумот додааст [9].

Тазкираи дигаре, ки роҷеъ ба шоирони нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XX маълумот медиҳад, ин «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ мебошад. Возеҳ дар бораи 148 намояндаи ҳавзаи адабии Бухорову Хӯқанд, аз ҷумла 2 шоири хуҷандӣ – Лисонӣ [29, 193] ва Хотиф [29, 89] маълумот додааст.

Дар қисмати аввали тазкираи Мирсиддиқхоҷаи Ҳашмат «Тазкират-уш-шуаро» доир ба рӯзгору осори 94 нафар шоиру нависандагони охири садаи XIX ва ибтидои асри XX, аз ҷумла 2 шоири зодаи Хуҷанд – Тошхоҷа Асирӣ [27, 66] ва Хотиф [27, 182] маълумот оварда шудааст.

Дар тазкираи «Армуғони Саббоқ»-и Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Саббоқ низ дар қатори шоирони дигар дар бораи Қозӣ Порсохоҷа [1, 126; 28, 111], Қозӣ Мавлавӣ Убайд [1, 136; 28, 119], Хотиф [1, 157], Муҳаммадаминҷон [1, 173; 28, 142], Камолиддин Махдум [1, 173; 28, 146], Абӯбакри Сиддиқ [1, 177; 28, 148], Муҳйиддин Махдум [1, 169; 28, 177], Акмалиддин Махдум [1, 173] ва Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ [1, 179; 28, 149] маълумот омадааст.

Инчунин дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам низ дар бораи Зоир [8, 155,156] ва Мирмуҳсин Қории Хуҷандӣ [8, 298-299] сухан рафтааст.

Дар адабиётшиносии муосир бошад, нахустин шуда С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар қатори 220 нафар шоири гуногундавру

гуногунмакон, роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти шоирони Хуҷанд – Шайх Муслиҳиддин [19, 36; 20, 50], Зиёуддини Форсӣ [19, 38; 20, 52], Хоҷа Камол [19, 50; 20, 65], Асирӣ [19, 130; 20, 149], Хотиф [19, 168; 20, 193], Файёз [19, 267; 20, 304], Лисонӣ [19, 274; 20, 312] ва Мунирхон Муинзода [19, 289; 20, 328] маълумот додааст.

Дигар аз тазкирае, ки бевосита дар мавриди шоирони Хуҷанд маълумот медиҳад, ин «Тазкираи шоирони Хуҷанд»-и Э.Шодиев мебошад. Муаллиф дар хусуси рӯзгор ва фаъолияти 30 тан аз шоирон, ки аз он 25 нафарашон аз шуарои мавриди таҳқиқи мост, маълумот додааст [ниг. ба: 60].

Ҳамчунин, дар китоби дигари ҳамин муаллиф – «Шоираҳои тоинқилобии Хуҷанд» дар хусуси бонувони сухангустари давр – Қамбархон [59, 13], Муаззамхон [59, 28], Муаттархон [59, 43] ва Бифазилат [59, 54] маълумот рафтааст.

Дар тазкираи «Ёди ёри меҳрубон»-и М.Муллоаҳмад низ, ки дар хусуси шоирони порсигӯйи сарзамини Вароруд то Ҳинди асрҳои X-XIV / XVI-XX сухан меравад, дар қатори 178 нафар суханварони форсисухан муаллиф аз 12 нафар шоирони Хуҷанд – Шайдо [7, 313], Хотиф [7, 351], Шӯхӣ [7, 485], Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф [7, 633], Фахрӣ [7, 793], Файёз [7, 745], Нозил [7, 773], Асирӣ [7, 685], Қамбархон [7, 573], Муаззамхон [7, 583], Муаттархон [7, 585] ва Зебо [7, 597] ёд намудааст.

Ҳамчунин, дар «Тазкираи Андарунӣ. Шарҳи аҳвол ва шеъри шоирони зан дар асри Қоҷор то паҳлавии аввал», ки бо кӯшиши Б.Ҳиҷозӣ рӯйи чоп омадааст, ба 4 нафар бонувони хуҷандии давраи мавриди таҳқиқ – Бифазилат [17, 303], Зебо [17, 306], Муаттархон [17, 308] ва Муаззамхон [17, 309] изҳори назар шудааст.

Тазкираи мукаммале, ки аксари шоирони хуҷандиро дарбар мегирад, ин «Тазкираи шуарои Хуҷанд»-и А.Насриддин буда, муаллиф дар он теъдоди суханварони Хуҷандро то ба 90 тан расонид [ниг. ба: 45]. Аз ин теъдод муаллиф дар хусуси 79 нафар бо овардани намунаи осор маълумот дода, феҳристи номи 11 нафари дигарро, бо таъкиди он ки «зикри аҳволу осори

онҳо фароҳам нест ва анҷоми ин кор вақти бештар мехоҳад» [45, 473] зикр намуд. Аз шумораи шуарои дар тазкира зикршуда зиёда аз 45 нафарро шоирони давраи мавриди таҳқиқи мо ташкил медиҳанд [ниг ба: 45].

Тазкираи дигаре, ки дар шинохти баъзе аз шоирони ношинохтаи Хуҷанд, ки қисме аз маълумоти он қаблан дар тазкираҳои дигар зикр наёфта буд, «Тазкираи шоирони авлодӣ» мебошад, ки соли 2006 бо кӯшиши М.Ҳомидзода таълиф ёфтааст. Тазкира фарогири маълумот ва намунаи ашъори зиёда аз 60 нафар шоирони авлодии Хуҷанду Истаравшан, аз ҷумла 26 нафар шоирони давраи мавриди таҳқиқи мо, ки роҷеъ ба 9 нафар дар сарчашмаҳои дигар маълумот наомадааст – Таввобхон Мадаминов [53, 38], Ҳоҷӣ Мирмуҳсин [53, 83], Бибиҳидоят [53, 84], Олимхон Махдум [53, 161], Осимхон [53, 167], Мирзосаъдуллои Хуҷандӣ [53, 170], Қорӣ Абдулмаҷид [53, 193], Мулло Абдулҳай [53, 128] ва Шафқати Хуҷандӣ [53, 160] ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, дар китоби «Шоирони Мовароуннаҳр»-и Алии Муҳаммадии Хуросонӣ дар бораи Шӯхӣ [61, 219], Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф [61, 384] ва Тошхоҷа Асирӣ [61, 436] маълумот омадааст.

Дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои дигар маълум шуд, ки дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С.Айнӣ Мунирхон Муинзодаи Хуҷандӣ – соли таваллуд 1320/ 1902 буда, аз ӯ як ғазали чор байтӣ намуна оварда шудааст [19, 289; 20, 328] ва дар китоби «Ҳафт сутуни симин»-и М.Ҳомидзода шоире бо номи Ҳумулии Хуҷандӣ – соли таваллуд 1900 буда, аз ин шоир се ғазал ва як мувашшаҳ оварда шудааст [183, 78-91]. Аммо бо сабаби ба мо номаълум зикри ин шоирон дар тазкираҳои марбут ба Хуҷанд [60; 45] дарҷ наёфтаанд.

Чунонки ба мушоҳида расид, барои гирд овардани мероси адабӣ ва омӯхтани шарҳи ҳолу эҷодиёти шоирони хуҷандӣ аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX Хуҷанд мақоми тазкираҳо калон буда, аз маълумоти тазкираҳои бадастомада маълум шуд, ки шоирони Хуҷанд дар ривоҷу равнақи шеъру шоирӣ дар марказҳои адабии дигар низ хидмати босазое анҷом додаанд.

**б) Дафтару баёзҳо.** *Дафтари №1*. Бино ба маълумоти С.Султон андозаи он 38*23 буда, ҷамъан 70 варақ дорад. Ин дафтар моли шахсии набераи шоир Хоҷа Убайдуллоҳи Солик – Фатҳуллохон ибни Абдуррасулхони Истаравшанӣ буда, онро аз гузари Намозгоҳи Истаравшан дарёфт намудаанд [154, 28].

Ба иттилои муҳаққиқ дар ин дафтар «бо хати настаълиқи хафӣ қатор-қатор ғазалу мухаммас ва рубоиҳои шоирони Бухоро – Возеҳ, Фидоӣ, Амлаҳ, Эраҷ, Наво, Афсаҳ; шоирони Хӯқанд: Амир, Ғозӣ, Муҳаммад Алихон, Зокир, Ҳисор, Ҳасрат,Васлӣ; шоирони Хуҷанд: Маъюс, Хотиф, Равнақ ва дигарон ҷой дода шудааст» [154, 29].

*Баёзи Абдумузниби Ромӣ.* Аз маълумоти С.Султон чунин бармеояд, ки ин баёз «соли 1301/1883 дар ҳаҷми 27*13 – 358 варақ бо хати настаълиқ китобат шуда, дар он мероси адабии шоирони доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Истаравшан бисёр омадааст, ки дар байни он ду нафар шоири Хуҷанд – Равнақ ва Шайдои Хуҷандӣ низ ҷой доранд» [154, 33-34]. Аммо иштибоҳан номи мураттиби баёз аз ҷониби С.Султон ба сурати Абдумузанниби Ромӣ рафтааст [154, 33-34].

*Баёзи Фавзӣ.* Фавзӣ маъруф ба Махдуми Булбул – яке аз шоирони намоёни замони худ буда, бино ба иттилои А.Насриддин «нахустин шахсест, ки ба ҷамъ овардани ашъори шуарои хуҷандӣ иқдом карда, сафинае тартиб дод ва дар он бо хати хушу зебои худ ашъори шуарои ин шаҳри қадимаро навишт» [45, 401]. Аз маълумоти дар «Тазкираи шуарои Хуҷанд» омада маълум шуд, ки Фавзӣ бо баробари зикри рӯзгор ва фаъолияти чанд нафар шоири ҳамзамину ҳамзамони худ – Фоиз, Хотиф, Зоир, Фаррух, Ҳаҷрӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн Роҷӣ ва дигарон, ҳамчунин, аз осори эшон намуна овардааст [45, 214, 323, 339, 358, 371, 373].

**в) Девонҳо.** Муҳимтарин сарчашмае, ки перомуни ҳаёт ва эҷодиёти шоирон маълумот медиҳад, ин осори худи онҳост. Дар ҷараёни омӯзиш маълум гардид, ки дар давраи мавриди таҳқиқ 4 нафар – Шӯхӣ, Воқиф, Нозил, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф аз шоирони соҳибдевон мебошанд.

Бино ба андешаи А.Насриддин Воқиф шоири соҳибдевон буда, «Бахше аз девони ашъораш дар ганҷинаи дастхатҳои АИ ҶТ таҳти шумораи 1003 нигаҳдорӣ мешавад» [45, 208]. Ин нусха дар асл баёзе ҳаст, ки дар саҳифаҳои 235б то 240б намунаҳо аз ашъори Воқиф ҷой гирифтаанд, ки яке аз онҳо ғазали зерин аст.

*Ба куҷо меравӣ, эй бар зада домон, бинишин,*
*Дорам аз дасти ту сад чоки гиребон, бинишин.*
*Арақе сард кун, эй ашк, ки гарм омадаӣ,*
*Машитоб ин ҳама, дар сояи мижгон бинишин.*
*Руҳи Маҷнун магар ояд ба мададгории ту,*
*Ба такаллуф ду-се рӯзе ба биёбон бинишин.*
*Намаки суҳбати ин қавм чашидан дорад,*
*Завқ пайдо куну бо габру мусулмон бинишин.*
*Шайху шоб, эй дили девона, ба дардат нарасад,*
*Баъд аз ин манзара бо ҷиргаи тифлон бинишин.*
*Дами назъ аст, марав аз сари болин моро,*
*Меравӣ баъди даме, дар қадамат ҷон, бинишин.*
*Фурсати як-ду нафас монда чу шамъи саҳарам,*
*Мерасад қиссаи ман зуд ба поён, бинишин.*
*Сарсарӣ нагзарӣ аз ҳалқаи ин зулф, эй дил,*
*Нафасе чанд ба ин ҷамъи парешон бинишин.*
*Воқиф, аз баҳри азизон, чӣ бало менолӣ,*
*Муҳр ба лаб зану дар кулбаи аҳзон бинишин* [3, 248б].

Аммо ҳангоми муқоиса маълум гардид, ки ин ғазал ба тағйироти начандон зиёд дар девони Воқифи Лоҳурӣ низ дида мешавад, ки, албатта, таҳқиқи матншиносии маҷмуаи ашъори мавҷуд дар ин баёз бо девони шоири мазкур никотеро дар ин самт бештар равшан хоҳад намуд. Р.Худоёрзода низ дар замина қиёси матни чанд ғазали дар тазкираи А.Насриддин аз Воқифи Хуҷандӣ ҷойдошта, изҳори назар намуда, аз мавҷудияти се адади он дар девони Воқифи Лоҳурӣ ёдовар шудааст [36, 5-8].

Нозил, ки девони ӯ аз рӯйи нусхаи худи муаллиф рӯйнавис шудааст, таҳти №1033 дар ганҷинаи Маркази мероси хаттии АМИ Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешавад [13]. Аз маълумоти А.Насриддин бармеояд, ки «Нусхаи хаттии девони Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф мунҳасир ба фард аст ва охиран бо саъйи фозили хушнавис Мирзо Саъдуллоҳ Аббосзодаи Хуҷандӣ нусхаи дигар аз девони шоир бознависӣ шудааст» [45, 266]. Бино ба маълумоти мураттиби «Мунтахаби ғазалиёт»-и Шӯхӣ – Б.Раҳматов ва муҳаққиқи рӯзгору осори Шӯхӣ – Б.Ҳайдарова ду нусхаи хаттии девони шоир мавҷуд аст, ки яке таҳти №2313 ва дигаре таҳти №863-II дар Маркази мероси хаттии АМИ Тоҷикистон [50, 18; 179, 64] ҷойгир аст. Нусхаҳои ёдшудаи девони Шӯхӣ ва Нозил дар ҷараёни таълифи диссертатсия истифода шудаанд [13; 15; 16].

**г) Феҳристҳо.** Ҳамчунин, дар раванди таълифи рисола ба чанд феҳристҳо руҷуъ намудем, ки нусхаҳои девон ва ашъори бозмондаи баъзе шуарои мавриди таҳқиқ дар феҳристи нусхаҳои хаттии АИ ҶТ ва АИ ҶӮ мавҷуд будааст. Аз ҷумла, «Шеърҳои Ғозӣ» [63, 91-92], «Девони Равнақ» [66, 384], «Девони Шайдо» [65, 180; 66, 432-437], «Девони Шӯхӣ» [65, 190], «Девони Нозил» [64, 112] дар феҳристҳои мазкур зикр шудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки аз Ғозии Хуҷандӣ ва шеърҳои ӯ дар тазкираҳои мавриди назар, энсклопедияҳо [191; 192; 203], фарҳангномаи адаби форсӣ [77] ва «Луғатнома»-и Деҳхудо [68] ёд нашудааст. Танҳо дар китоби У.Каримов бо зикри «шуарои хонияи Хӯқанд» [114, 74] ва С.Султон [154, 29] дар бахши маъхазҳо дар қатори шоирони Хӯқанд номи Ғозӣ бидуни насаб ва ашъор омадааст. Ба мо равшан нест, ки манзури У.Каримов ва С.Султон Мулло Муҳаммад Ғозии Хуҷандӣ аст ё Ғозии дигар.

Дар феҳристе, ки номи Ғозии Хуҷандӣ ёд шудааст, чунин маълумот омада: «Маҷмуаи ашъори ӯзбекӣ-тоҷикии нопурра аз Мулло Муҳаммад Ғозии Хуҷандӣ (XI/XVIII-XIII/XIX). Дастхати мазкур бештар шомили ашъори ӯзбекӣ аст» [63, 91-92]. Дар идома абёти зерин ба унвони шоҳид аз ашъори шоир омадааст:

*Аз дилу ҷон шаҳу дарвеш бувад муҳтоҷат,*

*Васфи рухсори ту «Ва-ш-Шамс»-у «ла амрук» тоҷат*

(Тарҷума: *«Ва-ш-Шамс»: номи сураи 91-уми Қуръон: қасам ба офтоб; «ла амрук» порае аз ояти 72-юми сураи Ҳиҷр: қасам ба ҳаёти ту.)*

***

*Эй вуҷудинг комили пирояи арши барин*

*В-эй ғубори мақдаминг сармояи дунёву дин»* [63, 91-92].

(Тарҷума: *Эй вуҷуди комилат пирояи арши барин*

*В-эй ғубори мақдамат сармояи дунёву дин)*

Ҳарчанд аз рӯйи маълумоти феҳрист Ғозӣ ҳамчун шоири ӯзбекзабон ёд шудааст, аммо аз мавҷудияти ин абёт равшан мегардад, ки ӯ ба ҷуз ӯзбекӣ боз бо забони форсӣ ва арабӣ низ ашъор сурудааст.

Дар давраи омӯзиши мо ҳаёти адабӣ дар се маркази давлатҳои хонии Осиёи Миёна – Бухоро, Хӯқанд ва Хева ҷараён дошт ва ҳар кадом доираи дарборӣ бо хусусиятҳои худ аз ҳам тафовут доштанд. Гарчанде ҳавзаи адабии Хуҷанд бевосита ба хонигарии Хӯқанд менигарист, аммо қисмате аз шоирон асосан дар Хуҷанд зиндагонӣ ва эҷод намуда, барои ривоҷи адабиёти ин давра хидматҳои шоистае ба сомон расонидаанд. Маҳз бо лақаб ва тахаллусҳои Хуҷандӣ ё зикри нисбаи Хуҷандӣ ба номҳои ин шоирон аз он дарак медиҳад, ки шаҳри Хуҷанд маскани парвариш ва камолоти шоирии ин суханварон ба шумор меравад.

Ҳаёти адабии Хӯқандро дар давраи мавриди назар асосан амирони маъруфи давр чун Амир Олимхон, Умархон ва Муҳаммадалихон сарварӣ кардаанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи замони ҳукуматдории Амир Умархон барои равшан намудани баъзе аз матлабҳои мо аз аҳаммият холӣ нест, зеро замони ҳукуматдории ин амир аз марҳалаи муҳим ва муассир дар ривоҷи адабиёти тоҷику ӯзбек мебошад. Роҷеъ ба ин давра дар бархе аз рисолаҳои илмии муаррихон ва адабиётшиносон маълумоти муҳимме ба назар мерасад. Аз муҳтавои баъзе аз рисолаҳо [141] маълум мешавад, ки Амир Умархон дар

ташаккули адабиёти дузабона дар ҳавзаи адабии Хӯқанд нақши боризе гузоштааст. Даврони ҳукмронии ӯ аз марҳалаҳои муҳим дар пешрафти вазъи сиёсӣ ва адабии ин ҳавза буда, адабиёт дар ин ҷо бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ рушд мекард ва ҳамаи шоирони ин давра «зуллисонайн» буданд. Ин хусусияти эҷодии ҳавза давоми мантиқии эҷодии асосгузори адабиёти ӯзбек Алишер Навоӣ буд. Дар ин бора Н.Маъсумӣ қайд менамояд, ки «доираи адабии Хӯқанд дар ҳақиқат доираи муташаккили адабӣ буда, анъанаҳои адабии асри XV ба таври махсус, мувофиқи меъёри талаботи дарбор воқеъ мегардид, ки ташкилотчӣ ва раҳнамои маънавии он амир ва шоир – Умархон буд» [119, 7].

Адабиёти дарборӣ дар хонигарии Хӯқанд ва аморати Бухоро асосан аз тақлиди адабиёти гузашта иборат буд, ки ин ҳол на танҳо қасидаи мадҳиявиро рушд дод, балки ҳаҷви дарбориро низ ба вуҷуд овард.

Аз осори бархе шоирони ин давра бармеояд, ки рушди доираи адабии Хӯқанд маҳз ба сиёсати шоирпарварона ва қадрдониву эҳтироми Амир Умархон нисбати шоирон вобаста буда, ҳатто, ба дараҷаи Низомӣ ва Навоиву Ҷомӣ донистаанд. Чунончи, Ҳозиқ дар достони «Юсуф ва Зулайхо» ин андешаро таъкид намуда:

*Зи адлаш кишвари Фаргона он ёфт,*
*Ки дар огоз аз Нӯшервон ёфт...*
*Ба туркӣ бурда аз ширинадоӣ,*
*Ба майдони сухан гӯй аз Навоӣ.*
*Ба назми форсӣ гаҳ бо Низомӣ*
*Ҳариф афтода ҳарфаш, гаҳ ба Ҷомӣ* [119, 6].

Дар давраи мавриди назар вазъи сиёсию маданӣ нисбат ба ҳавзаҳои дигар дар хонигарии Хӯқанд беҳтар ба назар мерасад. Амир Умархон нисбати пайвандонаш як муддат оромию осудагиро фароҳам оварда, дар муҳити худ уламову удаборо ҷой дод. Аҳли адаб дар ҷавоби ин гуна муносибат ва силаи шоҳона ба ривоҷи қасидасароиву назирагӯйӣ дар ин давра мусоидат намуданд. Чунончи, Н.Маъсумӣ як силсила ғазалҳое, ки бо

радифи «чашм», «ангушт», «омад бурун»-и шуарои даврони мавриди назарро аз мисолҳое, ки дар пайравии Амир Умархон таълиф ёфтаанд, меҳисобад [119, 9]. Дар зер чанд намунае меорем.

Амир Умархон: *Қадаҳ бишкаст соқӣ, ман шикастам шишаи дилро,*

*Ту ҳам тарфи кулаҳ бишкан, ки бишкан – бишкан аст имшаб*

[21, 39].

Маъюс: *Шикастам тавба бо ёди лаби лаълат, ту ҳам соқӣ,*

*Ба як ҷо орзу бишкан, ки бишкан – бишкан аст имшаб*

[45, 222].

Хотиф: *Чу ақди тавба ман бишкастам аз мавҷи май, эй соқӣ,*

*Ту ҳам зулфи тараб бишкан, ки бишкан – бишкан аст имшаб*

[45, 330].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Роҷӣ:

*Фалак паймона бишкасту малак паймони худ, Роҷӣ,*

*Ту ҳам минои дил бишкан, ки бишкан – бишкан аст имшаб*

[45, 373].

Фахрӣ: *Шикастам ман сари зуҳду вараъ аз роҳи бадмастӣ,*

*Ту ҳам бишкан сари мағмум, бишкан-бишкан аст имшаб*

[42, 19].

Ба ин монанд, чанд ғазали дигареро, ки аз лиҳози шакл, яъне қофияву радифи ягона ҳамсонанд, метавон ёдовар шуд. Мо ин ҷо аз шарҳи муфассали масъала канорагирӣ карда, танҳо бо зикри саҳифаи мисолҳо иктифо менамоем. Масалан, радифи «эй тӯтӣ» ва ё «эй қумрӣ», ки асосан дар ашъори шуарои бо дарбори Амир Умархон рабтдошта ҷой доранд, [21, 301]; [45, 218, 318; 336], ҳамчунин бо радифи «эй қумрӣ» [45, 301; 337] дар пайравӣ аз Амир Умархон суруда шудаанд, ки мавҷудияти ду ғазали алоҳида бо ҳамин радиф далели ин гуфтаҳост [21, 297, 299].

Ҳамчунин, дар ин хонигарӣ шоироне буданд, ки бо вуҷуди иртибот бо дарбор дуртар аз гирудорҳои дарбор ва наздик ба оммаи халқ умри хешро паси сар мекарданд. Аз ҷумла, Махмур, Гулханӣ, Муҷрим, Кошиф, Маъдан,

Ҳозиқ, Доғӣ, Акмал ва дигарон, аз мукофоту ёрии моддии ҳукуматдорон бениёз буданд. Чунин муносибати ин шоирон – алоқамандии ғайрирасмӣ бо дарбор ва ҷараёни мустақили зиндагӣ сабаб гардид, ки афкори хешро озодона баён намоянд. Ин шоирон дар байни оммаи мардум буда, садои шикоят, нуқсонҳои замона ва хостаҳои халқро ошкоро баён менамуданд, ки дар натиҷа сабаби «шоирони озодфикр» [119, 11] (Файёз, Асирӣ) ном гирифтани онҳо мегардад.

Оҳанги шикоятӣ ва муносибати танқидии ин шоирон ба рӯзгори воқеӣ бо тарзу услубҳои хос баён шуда, адабиёти мардумӣ ё озодандешонаро аз адабиёти дарборӣ ҷудо мекард. Осори адабии гурӯҳи чунин шоирон пароканда ва аз ҷиҳати мазмун дорои ихтилофи назар буда, мундариҷа ва услуби эҷодиёти шоирони озодфикр ва адибони равияи дарбориро аз ҳамдигар ҷудо мекунад.

Шикоят ва муносибати танқидиро шоирон, асосан, аз тарзи зиндагии шахсии худ мегирифтанд. Чунин оҳангҳои шиквоӣ хусусияти ҷамъбастӣ низ дошт. Чунончи, шеъри «Ҳазратам»-и Гулханӣ, ки бо лаҳҷаи кӯҳистонӣ эҷод шудааст, тартиботи давлатдории хонӣ ва тарзи давлатдории ҳукуматдорони Фарғонаро фош мекунад. Н.Маъсумӣ мулоҳизоти хешро дар ин маврид чунин баён доштааст: «Ӯ (Гулханӣ – Ш.Ҳ.) нишон медиҳад, ки дар замони дабдабаи дарбори Хӯқанд на танҳо аҳволи лашкариён, балки аҳволи аксарияти адибони ба дарбор муносибатдошта низ вазнин буд:

*Ҳазратам, аз гушнагӣ мурдам, ба ман нунум бидеҳ,*

*Кофирам, гӯям агар инум бидеҳ, унум бидеҳ*» [119, 12].

Бо ин оҳанг сурудани ашъор дар эҷодиёти аксарияти шоирони ин давр, аз ҷумла Нозил, Фахрӣ, Файёз ва бархе бонувони суханвар низ ба назар мерасад, ки бештари эшон дар либоси ҳаҷв андешаҳои хешро баён намудаанд.

Дар маҷмуъ, ҳавзаи адабии Хӯқанд, ки дар замони ҳукуматдории Амир Умархон яке аз марокизи бунуфузе дар қаламрави Мовароуннаҳр эътироф гардида буд, дар пешрафти адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ривоҷи шеър бо забони

ӯзбекӣ ва ҳамзамон равияи зуллисонайнӣ нақши муассир доштааст. Дар баробари ин, шоирони ин давра бо идомаи бузургтарин суннатҳои адабии адабиёти классикии тоҷик муваффақ бар он гардиданд, ки дар баробари суннатгароиҳо аз диди мавзую мундариҷа ва бархе вежагиҳои сабкӣ дар ашъори хеш навовариҳо ба миён оваранд, ки дар ҷараёни баррасиҳои илмӣ дар бобу фаслҳои баъдии рисола ин махсусиятҳо бештар ҷилвагар хоҳанд шуд.

## 1.2. Мавзуъ, муҳтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирони ҳавзаи Хуҷанд

Баррасии мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоирони ин давра маълум месозад, ки бо вуҷуди таассуби динӣ ҳукмфармо будан, шуарои пешқадам – Шӯхӣ, Нозил, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Асирӣ, Файёз ва дигарон дар мавзуъ ва мундариҷаи осори худ ҳолу аҳволи мардуми хешро бо тарзу усулҳои гуногуни бадеӣ ифода намудаанд. Дар эҷодиёти ин шоирон бештар инъикоси авзои замон, шикваю шикоят аз ноадолатӣ, сахтию бемурувватии давру фалак, вазнинии аҳвол, инчунин, мазаммат ва танқиди кирдорҳои ношоями табақаҳои болоии ҷомеа инъикос ёфтааст. Шоирони ин давр бо вуҷуди анъанаҳои гузаштагонро давом додан, аз тарафи дигар, ба таври ҷудогона садо, руҳия ва ормонҳои мардумӣ низ ифода кардаанд, ки мо онҳоро чунин дастабандӣ намудем:

*1. Бозтоби масоили иҷтимоӣ дар шеър (Шикваю шикоят ва носозӣ бо муҳит).* Яке аз мавзуъҳои асосии ашъори шоирони ин давраро шикоят аз сахтиҳои замон ва беқадриҳои аҳли фазлу дониш ва танқиди табақаи дорои ҷомеа ва аҳли давлат ташкил медиҳад.

Шуруъ аз асри XVII ба баъд мавзуи асосии эҷодиёти шоирон дар навъи маъмулии шеърии ғазал – ишқ оҳиста-оҳиста мавқеи худро аз даст дода, масоили иҷтимоӣ ва шарҳу тафсири авзои замон ҷойгоҳи мустаҳкам пайдо кард. Ин падида, махсусан, дар ғазали шуарои Мовароуннаҳр ба хубӣ мушоҳида мешавад, зеро авзои сиёсӣ дар ин минтақа нисбат ба дигар манотиқи забони форсӣ-тоҷикӣ мураккабтар буд. Вобаста ба гуногунрангии

мавзуи ғазал дар ин давра С.Амирқулов чунин навиштааст: «Дар адабиёти охири асри XVIII ва нимаи якуми асри XIX иншои ғазалҳои арзиҳолӣ ривоҷ ёфт. Ин силсила ғазалҳо комилан хусусияти тарҷумаиҳолӣ дошта, аҳволи бади иқтисодӣ ва маишии қаҳрамони лирикӣ бо услуби хоси «маишинигорӣ» басо аламангез арзу ирсол шудаанд. Мавқеи шоирони пешқадам аз таълифи ин қабил ғазалҳо асосан ноҳақӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ аст» [94, 13]. Аз ин бармеояд, ки мавзуи шиква аз замон дар ғазалиёти шоирони ин аҳд мавқеи мустаҳкам дошт. Масалан, Шӯхии Хуҷандӣ зимни шикоят аз толеъву бахти худ изҳор медорад, ки аз асари шиква аз толеъ забони ман дар ком мисли хома сиёҳ гардид. Ҳамзамон, ӯ худро чунон аз зарбаи чархи ҷафокеш ба замин афтода мебинад, ки мисоли соя аз замин бархоста наметавонад:

*То сар зада аз шикваи толеъ сухани мо,*
*Чун хома сияҳ гашт забон дар даҳани мо.*
*Моро ба замин чархи ҷафокеш чунон зад,*
*Чун соя муяссар нашавад хостани мо* [45, 253].

Ин омилҳо бештар сабаб мешуданд, ки ғояҳои дунёбезорӣ ва баркандагӣ аз алоиқи олам ҳам дар шеъри шоирон, бахусус, Шӯхӣ мавқеи муайян пайдо кунад. Дар мавриди дигар, Шӯхӣ ҳамчун шоири ориф таъкид медорад, ки хаёли хешро аз ишрат ва маишати дунёи дун дур бояд дошт, зеро ба андешаи шоир таваҷҷуҳ ба ишрати дунёӣ мисоли он аст, ки «пиразоли мурда»-ро ба оғӯш гирифта бошӣ. Ин ҷо шоир дунёро ба «пиразоли мурда» монанд мекунад:

*Дур кун аз дил хаёли ишрати дунёи дун,*
*Чанд гирӣ дар канор ин пиразоли мурдаро?!* [50, 71]

Фанои Хуҷандӣ низ дар ин маврид гуфтааст, ки аз ибтидо кунҷи фақр ҷойи ман аст. На симу зар, на молу сарват маро ёр нест. Шоир дунёро ба меҳнатсаро монанд карда, маҳз меҳнатро аз падару модар ҳамчун мерос ҳаққи худ донистааст:

*Маро аз рӯзи аввал гашт кунҷи фақр бар ҳаққам,*
*Надорам з-ин ҷиҳат молу манолу симу зар ҳаққам.*

*Дар ин меҳнатсарои Пулчуқур афтодаам дар хок,*

*Зи зери домани модар, ҳамин буд аз падар ҳаққам…* [45, 393]

Зоири Хуҷандӣ дар мавриди нодориву фақирӣ ва сар хам накардан назди одамони разилу паст, таъкид намудааст, ки ҳеч гоҳ аз ашхоси разилу паст туъма маталаб, беҳтар он аст, ки ба накди бакафовардаи худ қаноат намоӣ. Мисоли он ки аз абри дурафшон гармии меҳри фалак ҳосил намешавад, гиряи бедарди ман ҳам дар ин айём самаре надорад.

*Арзи таслим куну туъма зи дунон маталаб,*

*Нақд сабре ба каф ору зи касе нон маталаб!*

*Ҳосиле нест аз ин гиряи бедард маро,*

*Гармии меҳри фалак з-абри дурафшон маталаб* [45, 343].

Лисонии Хуҷандӣ аз бевафоиҳои дунёи фонӣ, гарониҳои бори гуҳар, бетамизиҳои одамон ба дод омада, дареғ аз он дорад, ки чашми бино ва гӯши шунавояшро аз дидани ин гуна нафарон дур карда наметавонад:

*Зи ҳарфи зинати дунёи фонӣ гашта кар гӯшам,*

*Надорад аз гаронӣ миннати бори гуҳар гӯшам.*

*Ҷаҳони офият аз бетамизӣ фаршу ман ғофил,*

*Дареғ, эй бебасират чашмаму эй бехабар гӯшам…* [45, 312]

Чунин эътирозу озодбаёниро дар эҷодиёти Шӯхӣ, Нозил, Файёз, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Асирӣ, бонувон ва шоирони дигари ин ҳавза метавон мушоҳида кард. Албатта, ин эътирозҳо бесабаб набуданд, чунки гурӯҳи ҷоҳилон ба қадру қимати инсон ва аҳли фазлу дониш намерасиданд. Маҳз беқадрӣ ва беэҳтиромии эшон сабаб шуд, ки мавзуи шикваву шикоят аз замон дар шеъри давр нуфуз пайдо намояд. Аксари шоирон беадолатиҳои замон, аҳволи вазнин ва дарду алами халқро дар шахсияти худ рӯйи қоғаз оварда, бо ҳаёти сарватмандон ва соҳибони мансабу давлат муқобил мегузоштанд.

Албатта, чунин эътирозу шикваю шикоят дар адабиёти гузашта низ ҷой дошт, аммо маҷмуи ин оҳангу мавзуи номбурдаро дар адабиёти ин давр

наметавон такрор ва тақлиди пешиниён унвон кард, чун дар меҳвари он мушкилот ва муаммои хоси ҳамин давра таҷассум ёфтааст.

*2. Ишқ***.** Шоирони ин давр дар идомаи мавзуоти асосие, ки ғазали форсӣ-тоҷикӣ қаблан фаро гирифта буд, аз он ҷумла, бозтоби масоили ошиқона, орифона, ахлоқиро низ дар ин давра давом додаанд. Дар адабиёти нимаи якуми асри XIX ишқи ирфонӣ ва ишқи заминӣ, ки бо ҳам як навъ омехтагӣ дошту ҳамчун услуби хоси ғазалсароии адабиёти давраи классикӣ (асрҳои XII-XV) пазируфта шуда буд, тағйир ёфта, дар осори шуаро ин ду навъи ишқ дар сурати ду навъи ҷудогонаи ғазал (ғазали ишқӣ ва ирфонӣ) ифода ёфт. Мутолиаи ин ғазали Шӯхӣ нишон медиҳад, ки ӯ бештар шиква аз бевафоии маъшуқи заминӣ мекунад ва дар заминаи шарҳи мавзуоти ишқӣ никоти иҷтимоиро низ баён мекунад:

*Меравад ҳар лаҳза бар авҷи фалак фарёди ман,*

*Кай ба доди дил расад он дилбари бедоди ман?!* [50, 254]

Ҳарчанд, дар баъзе аз ғазалҳои шоирони ин аҳд, ки ба мавзуи ишқ ихтисос доранд, ба ҳам омехтани баъзе ҷиҳатҳои ишқи заминӣ ва ишқи илоҳӣ ба назар мерасад, ба гумони мо чунин ғазалҳоро пурра сӯфиёна ё ба тарзи дигар, ғазали хонақоҳӣ қаламдод кардан дуруст нест. Барои он ки дар ғазалҳои хусусиятҳои мазкурро дошта танҳо истифодаи аносир ва ё истилоҳоти сӯфиён ба кор рафтаасту халос. Масалан, дар порчаи боло мисраи «Аз китоби бехудӣ ҳаргиз сари худ бармадор» ҳамин ҳолу ҳаворо дорад. Аммо дар мисраи сонӣ акси чунин андешаҳоро ба мушоҳида мегирем.

Қисми зиёди ғазалиёти Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф низ дар шарҳи мавзуи ишқи заминӣ буда, муҳаббат дар ашъори шоир мавқеи муҳим дорад. Дар ин маврид худи шоир дар муқаддимаи девонаш чунин гуфта: «Ишқ нахустин сарчашмаи эҷодиёти ман аст» [33, 6].

Шоир барои баёни сифоти маъшуқа аз иборaҳои «зулфи парешон», «насими анбаристон», «хатти гесӯ» истифода бурда, қайд кардааст, ки бидуни тавсифи маъшуқа дигар машқе, ё коре надорад:

*Шабе кардам ба хотир ёд он зулфи парешонро,*

*Машомам пушти дасте зад насими анбаристонро.*

*Рақам кардам ба лавҳи сина васфи хатти гесӯяш,*

*Ки ҷуз даври тасалсул нест машқи дигаре ҷонро…* [45, 268]

Хотиф низ маъшуқи хешро ба ибораи «бути танноз» васф карда, менависад, ки вақте барои пурсиши ҳолаш маъшуқ меояд, ҷони рафтааш дубора ба тан бармегардад. Ҳамчунин, шоир дар байти дуюм муроҷиат ба Худованд намуда, шодиву нишот, шӯру шавқи ҳар узвашро, ки гӯё аз дидани маъшуқ паридан мехоҳад, ба таври зайл баён мекунад:

*Барои пурсишам боз он бути танноз меояд,*

*Қиёмат бин, ки умри рафтаи ман боз меояд.*

*Ба шӯру ҷазбаи шавқе, ки аз худ меравам, ё Раб,*

*Ки ҳар узвам ба сони ранг дар парвоз меояд…* [45, 331]

Нозили Хуҷандӣ дар абёти поён бо хитоби «гулчеҳра», ки истиораи маъшуқ мебошад, арзу шикояти худро бар дилбар баён медорад:

*Боз, эй гулчеҳра, сӯи мо туро дидан нашуд,*

*Аз дили булбул ғами дерина пурсидан нашуд.*

*Аз ҳуҷуми номаи ушшоқ, к-аз ҳар сӯ туроcт,*

*Дафтари расвоиям як руқъа фаҳмидан нашуд…* [45, 236]

Мутолиаи ғазали мазкури шоир ва, ҳамчунин, шеърҳои Нозил [45, 236], Хотиф [45, 331], Зоир [45, 346], Ҳаҷрӣ [45, 371], Ҳоҷӣ Ҳусайни Роҷӣ [45, 373] ва дигарон бозгӯйи он аст, ки шикваву шикоят дар давраи мазкур ба ҳадде дар тору пуди ғазали форсӣ-тоҷикӣ ҷойгузин шуда буд, ки ҳатто дар мавзуи ишқ ҳам ба таври возеҳ таъсири худро расонид. Дар натиҷа ба мушоҳида мерасад, ки шоирон, ҳатто, дар кори ишқ низ забони шикваву шикоят аз маъшуқ кушода, зимнан баробари тафсири ҳолу ҳавои ошиқона тавассути муроҷиат ба дилдодаи худ баъзе аз аносири муҳити иҷтимоиро тафсир намудаанд. Ба таъбири дигар, дар ҷараёни бозтоби мавзуи ишқу муҳаббат бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи хоси оҳанги шикваву шикоят масоили иҷтимоии рӯзгор низ муҷассам шудаанд.

Дар баробар ин, дар эҷодиёти шуарои давраи таҳқиқи мо ғазалҳое дарёфт карда шуд, ки дар онҳо ҷанбаҳои ирфонӣ ҷой дошта, масъалаҳои беарзишии дунё, рӯй овардан ба маъшуқи якто, дил кандан аз алоиқи дунявӣ ва монанди ин ҷилвагар шуда бошанд ҳам, монанди ғазалҳои Саноиву Аттор, Мавлонову Авҳадӣ, Шоҳ Неъматуллоҳ ва суханварони дигар оҳангҳои дунёбезории хоси хонақоҳиро надоранд. Баръакс, бештар дар онҳо шеваи баёни муноҷот ба даргоҳи Офаридгор нуфуз пайдо кардаанд. Мисол аз Шӯхӣ:

*Илоҳӣ, даршумор аз ҷумлаи некӣ ҳисобамро,*

*Бигардон сархати ҳурон варақҳои китобамро* [50, 69].

Албатта, на ҳамаи ашъори муноҷотиро мо метавонем дорои оҳангҳои ирфонӣ ном барем, зеро тибқи муқаррарот шоирон, ҳатто, дар ҳаллу фасли масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва дигар падидаҳои рӯзгори хеш рӯ ба даргоҳи Офаридгор овардаву шеъри муноҷотӣ сурудаанд. Вале дар бархе мавридҳо баробари оҳанги муноҷотӣ доштан, мавзуи куллии ғазалро метавон бо фарогирии тарғиби масоили такмили вуҷуд ва падидаҳои дигари таҳаввули руҳии инсон ирфонӣ унвон кард. Масалан, дар байти боло вақте шоир хостори аз ҷумлаи некӣ баршуморидани ҳисобро дархост мекунад, як андоза ҷилваи руҳи ирфонӣ дар ғазал эҳсос мегардад. Бо ишорат ба ин матлаб мураттиби ғазалиёти Шӯхӣ – Б.Раҳматов навиштааст: «...ҳудудан панҷ ғазали девони ӯ (Шӯхӣ – Ш.Ҳ) муноҷотианд ва бо алфози «Илоҳӣ», «Ё Раб», «Худовандо» ё «Худо» оғоз мешаванд» [142, 15].

Чунин равиш, яъне дар ғазал ба даргоҳи Худованд нолиш кардан, баёни нотавонӣ ва нодории хеш, авф пурсидан аз гунаҳҳо як падидаи умумии замони Шӯхӣ буда, дар эҷодиёти дигар шуаро низ ба назар мерасанд. Мисол, Нозили Хуҷандӣ:

*Ҳеч кас, ё Раб, нагардад бо мани Маҷнун дучор,*

*Аз ғами Лайлии худ бо дидаи пурхун дучор* [45, 238].

Абӯбакр Сидқӣ:

*Ё Раб, дуои хастадилон мустаҷоб кун,*

*Роҳи наҷот бар рухи ҳар шайху шоб кун* [45, 431].

*3. Васфи табиат***.** Тасвири манзараҳои баҳор ва табиати сабзу гулпӯш аз мавзуотест, ки дар адабиёти ҳазорсолаи мо аз ҷониби шуарои даврони гуногун тафсир шудааст. Ашъори баҳория, ки асосан тасвири шукуфоии гулҳои зебо, омадани фасли баҳор, бедоршавии табиат мебошад, барои баён кардани авотифи зеҳниву ботинии шуарои давраи мавриди таҳқиқи мо низ бисёр ба мушоҳида мерасад. Чунончи, Фавзӣ:

*Нақши пои он парӣ, ё Раб, ба сар дорад баҳор,*

*Сад чаман рангу тароват дар назар дорад баҳор* [45, 405].

Ё ин ки дар ғазали дигари ҳамин шоир, ки матлааш чунин аст:

*Баҳор омад, ба хубӣ шуд муаттар ин гулистонҳо,*

*Баровcovered* 

Шӯхӣ:

*Омад баҳору саҳни чаман шишаранг шуд,*

*Май ҷилва доду машраби зуҳҳод танг шуд* [50, 197].

Ҳамин тариқ, ашъори ифодакунандаи васфи табиату зебоӣ дар эҷодиёти аксарияти шуарои мавриди таҳқиқи мо ба мушоҳида мерасад. Тасдиқи ин гуфтаҳоро аз ашъори Шӯхӣ [50, 252] ва шуарои дигар [45, 303; 346; 347; 381] метавон дарёфт намуд.

*4. Танқид***.** Бо баробари шикваю шикоят дар ашъори шоирони ин давр мавзуи танқид низ мақом дорад, зеро ин шоирон аз зулму истибдод ва беадолатиҳои умарову вузаро, ҳукамову амалдорони тундхӯй ва руҳониёни мутаассиби замона ниҳоят ба танг омада буданд. Зулми беинтиҳо боиси бад шудани аҳволи деҳқонону табақаи поёни ҷамъият гардида буд. Бинобар ин, шоирони пешқадами давр бо дилсӯзиву ғамхории самимона ба муқобили зулму асорат баромада, беҳтарин асарҳои худро офариданд. Чунончи, манзумаи «Дахмаи шоҳон», «Ба духтаре ошиқ шудани дарвеш», «Рафъи тумани Оҳугиру Хайробод», «Қазову қадар»-и Мирзо Содиқ, маснавиҳои «Маҷлисафрӯз», «Ҳайратангез», «Ҳадиқат-ур-расул»-и Носеҳи Хатлонӣ ва «Зарбулмасал»-и Гулханӣ асосан ба масъалаҳои танқиди зулм ва

беадолатиҳои замона бахшида шуда, ғояи асарҳои номбурдаро тарафдорӣ аз манфиатҳои оммаи мазлум ташкил медиҳад.

Шоирон бо мурочиат ба ашхоси бади замон аз вожаҳои дурушту нешдор, фошгӯии далерона, ба монанди «хартабъон», «аҳмақон», «ҷуҳҳол», «аҳли фасод», «бадталъатон» ва монанди ин истифода кардаанд. Нозил дар яке аз шеърҳояш одамони пасту золимро «нархар» номидааст:

*Ин нархаракон турфа ҳавое доранд,*

*Ҷавмаст шаванд, кадхудоӣ доранд.*

*Фардо галабон ба даст гирад калтак,*

*Маълум шавад, чӣ гуна пое доранд* [32, 110].

Фахрии Рӯмонӣ низ ба мисли Нозил тоифаи ин гуна одамонро ба гову хар шабеҳ дода, муллоҳои риёкорро танқид намудааст:

*Ҳар гову харе, ки соҳиби дунё шуд,*

*Ӯро ба ҷаҳон номи накӯ пайдо шуд.*

*Норафта ба мактабу нафаҳмида сухан,*

*Аз каҷравии замона домулло шуд* [42, 30].

Дар ашъори шоирони пешқадами ин давр баробари танқиди аҳли замон, мазамммати шайхону зоҳидон, сӯфиён ва дигар намояндагони динӣ хеле вусъат ёфта буд. Дар шароити хеле шиддатгирифтаи таассуби динӣ ва ҳукмронии ғояҳои иртиҷоӣ кӯшишҳои шоирони пешқадами давр ҷасорати ниҳоят бузург буда, аҳли хурофоти замонро ба ларза меовард.

Дар байтҳои зерин Шӯхӣ бар муқобили зуҳду тақво чунин эътироз мекунад:

*Ба саҳбо ранг кардам хирқаи пашминаи худро,*

*Ба лои хум сафо додам дили оинаи худро.*

*Ба назди хасм то ман гардани худро чу мӯ кардам,*

*Ба шамшери хиҷолат рехт хуни кинаи худро* [50, 43].

Асирӣ хасисии яке аз руҳониёни калони шаҳри Хуҷанд ва чанде лагандбардорҳои ӯро чунин танқид намудааст:

*Вот-воти карнаи Мирзои Султони валад,*

*Ҳар шабонрӯз менавозад ошу нонаш бедарак.*

*Меравад қозии пасту одами тарёкияк,*

*Бар сари хонаш мубошир таккаи кирми харак* [169, 120].

Умуман, дар ашъори шоирони давр ин оҳангу мавзуъро метавон бисёр ба мушоҳида гирифт, зеро чунин шеърҳо аз ҷиҳати баландии ғоя дар замони худ аҳаммияти калоне дошта, шореҳи дарди дил, хостаҳои халқи меҳнаткаш ва эътирозу муборизаҳои оммаи заҳматкаш бар муқобили аҳли фасод мебошанд.

5. *Мадҳ***.** Мадҳ низ аз мавзуотест, ки бо пайдоиши худи шеър робитаи ногусастанӣ дорад. Агар нахустин намунаҳои шеърии адабиёти форсу тоҷик, яъне баъд аз истилои арабро пеши назар орем, он ашъори мадҳӣ будааст. Пас, ин мавзуъ дар тамоми адвори шеъри форсӣ-тоҷикӣ муттасилона идома ёфта, ки дар давраи мавриди таҳқиқи мо низ аз мавзуъҳои асосӣ ба шумор мерафтааст. Дар ин бора адабиётшинос С.Амирқулов чунин қайд намуда: «Ба иллати пурқувват шудани ҷанбаи дунявии адабиёт дар қолаби мавзуъҳои фалсафаи «васл» ва «ҳаҷр»-и хоси ғазалҳои классикӣ бештар мавзуъҳои «васфу мадҳ»-и мушаххас ва «фироқия» ҳар кадоме ба таври васеъ ва мушаххас мушоҳида мекунем» [94, 11].

Аз доираи шуарои мавриди таҳқиқи мо асосан шоироне, ки дар дарбор қарор доштанд, ашъори мадҳӣ сурудаанд. Ба мисли Хотиф, ки яке аз муқаррабони дарбори Амир Умархон буда, ба гуфти А.Насриддин муҳимтарин сарчашмае, ки дар бораи рӯзгор ва осори ӯ маълумот медиҳад, ин тазкираи «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонист. «Фазлӣ аз муосирони Хотиф буда, ҳар ду муддате дар дарбори хони Фарғона рӯзгор ба сар бурдаанд» [45, 321]. Хотиф дар ситоиши Амир Умархон чунин гуфтааст:

*...Аз барои издиёди давлати Султон Умар,*

*Мекушояд Хотифи мо ҳамчу гул дасти дуо* [45, 329].

Аз шоирони дигари дарбори Амир Умархон, ки дар мадҳи шоҳ қасида эҷод намудааст, Маъюс мебошад [9, 234]:

*...Зинатафзои шариат, зеббахши мулку дин,*

*Ҳазрати Саййид Умар дар давлаташ бодо бақо* [45, 221].

Мутриб низ фармудааст**:**

*...То абад ҷовид гардад гирудори шавкаташ,*

*Давлати Саййид Умар – султони оламро бақо* [45, 320].

Шоири дигар Зинати Хуҷандӣ низ аз дарбори Амир буда, қасидае дорад, ки ифодакунандаи ин гуфтаҳост:

*...Ба исори роҳи қудуми ту, эй шоҳ,*

*Ки ҳастӣ шуҷоъву амиру диловар.*

*Надоранд тоби масофат замоне,*

*Чи Рустам, чи Бежан, чи Сому чи Нӯзар.*

*Умарвор агар адл хирман намоӣ,*

*Давад дар сафи хӯшачини ту Ҳайдар* [45, 227].

6. *Ҳаҷв***.** Дар давраи аввали инкишофи адабиёти классикии форсу тоҷик осори ҳаҷвӣ дар заминаи ғазаб қарор гирифтааст. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолатро С.Амирқулов дар «ба ҳисси ғазаб асос ёфтани ашъори ҳаҷвии шоирони машҳури ҳаҷвгӯ» меҳисобад [94, 94]. Ин ақидаро метавон бо байте аз Анварӣ тасдиқ намуд:

*Ғазалу мадҳу ҳиҷо – ҳар се бад-он мегуфтам,*

*Ки маро шаҳвату ҳирсу ғазабе буд ба ҳам* [94, 95].

Шуруъ аз охирҳои асри XV вобаста ба таназзули маънавиёти ҷомеаи феодалӣ ва пурзӯр гардидани танқиди иҷтимоӣ ҳаҷв, ки дар аввал моҳияти он мазоҳу масхара буд, коҳиш ёфта, дар он хислати танз (кинояву тамасхур), ки бо ғазаб бунёд гардидааст, устувор мегардад. Ин навъи ҳаҷвро мо аз осори намояндагони ин аҳд – Восифӣ, Ҷалолиддини Огаҳӣ, Аҳмади Табасӣ, Мавлоно Замирӣ, Ятими Машҳадӣ, ки осори ҳаҷвии эшон бештар ба худ хислати иҷтимоӣ касб намудааст, мушоҳида карда метавонем. Хусусияти шаҳрошӯбиро касб намудан, ба ҷазоҳои сахт гирифтор шудан, омили қатли шоирон ва ҳамчун аслиҳаи пурзӯри муборизаи иҷтимоӣ баён намудани шоиронро, ки А.Афсаҳзод [99] ва У.Каримов [115] вобаста ба ҳаҷви ин давра донистаанд, С.Амирқулов низ ҷонибдорӣ намудааст [94, 96].

Ҳамин тавр, дар асрҳои мавриди таҳқиқи мо ғазали ҳаҷвӣ-танқидӣ низ рушд кард, зеро нобаробариҳои замон, нодорӣ, аҳли дину хурофотро маҳз тавассути ин гуна ғазал фош мекарданд. Тошхоҷа Асирӣ барои он ки мақсадашро васеътару возеҳтар баён намояд, ҳамаи афъоли руҳониёну амалдоронро бо рамзҳои печдарпеч ба тариқи ҳаҷв изҳор медорад:

*Фақеҳе рӯзе аз роҳи баиде,*

*Ба сар як қалъаи кӯҳи сафеде.*

*Биёмад бар сари мо рост истод,*

*Сафи алломагӣ орост, истод.*

*Ҳамеомад ба тарфи ман хиромон*

*Ту гӯӣ сӯйи Рустам деви Аквон…* [169, 73-74]

Ба ин қатор ғазалҳои Нозил низ шомил мебошанд, зеро ӯ ба мисли гузаштагони худ на танҳо дар байту мисраъҳои алоҳида, балки дар ғазалҳои том ҳам руҳониёни авомфиреб, шайху зоҳидон ва муҳтасибони бадахлоқро ҳаҷву танқидҳо кардааст. Нозил бевосита девони дузабонаи «Ҳашвиётнома» дорад, ки дар он ҳаҷвҳои шоир ҷой дода шудаанд.

Тибқи таҳқиқи С.Тилабов Нозил дар эҷоди ҳаҷв аз зумраи шоирони навоварест, ки бо таъсирпазирӣ аз шоирони пешин ба сурудани ашъори ҳаҷвии ӯзбекиву тоҷикӣ дар жанрҳои маснавӣ, рубоӣ, ғазал, мухаммас ва мусаддас пардохта, дар инкишофи ҳаҷв саҳми арзанда гузоштааст. Муносибати эҷодии Нозил ба ҳаҷв ва ҳунари ҳаҷвнигории вай сабаб шудааст, ки шоирони насли баъд аз ӯ – Муқимӣ, Фурқат, Завқӣ ва дигарон таҳти таъсири ашъори «Ҳашвиётнома» қарор гиранд ва дар офаридани тимсолҳои ҳаҷвӣ баҳраҳои вофире аз Нозил ба вом гиранд. Муҳаққиқ Нозилро ба ҳайси ҳаҷвнигоре муаррифӣ кардааст, ки айбу норасоиҳои ҷомеа ва муҳити зиндагияш – шаҳри Хӯқандро дар тимсоли афроди алоҳида бепарда фош сохта, сабабҳои ба чунин вазъи шанеъ омадани ҷамъиятро дар бекориву нодонӣ, бемасъулиятиву бевиҷдонии намояндагони шариату ҳукумат медонад. Ҷо-ҷо дар «Ҳашвиётнома» забони танқиди ҳаҷвии Нозил ниҳоят

тезутунд буда, шоир барои баёни ҳақиқат аз истифодаи вожагони қабеҳ низ худдорӣ накардааст:

*Қозӣ паи ришва ҷон супурда,*

*Аз баҳри ду танга муфтӣ мурда.*

*Бо муҳтасиб аз Худой ғам нест,*

*Ҳар зарраи адл бедирам нест.*

*Шайхони замона ҷумла гулпӯш,*

*Дар деги риё ҳамеша дар ҷӯш* [158, 91]

Мисоли дигар:

*Аз ин сагпарастони беэътибор,*

*Карам соз, ё Раб маро дур дор…*

*Наҷосатхуморони олударӯ,*

*Шабу рӯз ғайбат ба ҳам гуфтугӯ…* [158, 91]

Ҳамин нуктаро низ бояд илова намуд, ки С.Тилабов ҳангоми таҳлили рубоиёти ҳаҷвии Нозили Хуҷандӣ гоҳе мисолҳое меорад, ки ба жанри рубоӣ тааллуқ надоранд [208, 92-93].

*8. Панду* андарз. Мавзуи панду насиҳат, тарғиби хислатҳои неки инсонӣ дар давраҳои мухталифи таърихи адабиёт мавриди назар қарор дошт. Аммо ин мавзуи муҳим дар ҳар давраи таърихӣ вобаста ба замон такмил ва тағйир пазируфтааст. Дар ин бора У.Каримов чунин андеша дорад: «Он афкори тарбияю ахлоқ, ки Саноиву Низомӣ ва Саъдӣ дар замони худ гуфтаанд, дар эҷодиёти шоирони нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX тамоман бетағйир намондааст» [114, 99].

Ба фикри мо ба чунин хулоса расидани муҳаққиқ дар он зоҳир мешавад, ки дар афкори тарбиявиву ахлоқии шоирон ҷой гирифтани оҳангҳои шикваю шикоят, танқиду мазаммати камбудиҳои замонро омили тағйир ёфтани шеваи бозтоби панду насиҳат ба мардум метавон номид. Нисбат ба давраҳои дигар бо оҳангҳои тезутунд ва сахттар баён шудани ақидаҳои пандомӯзии шоиронро ба вайронии ахлоқи табақаи ҳукмрон ва сахтии муҳити онрӯза

нисбат додан мумкин аст. Шӯхӣ дар яке аз шеърҳояш натиҷаи амали инсони сабурро чунин қаламдод кардааст:

*...Ёрони рафтаро чӣ зи аҳволи мо хабар?*
*Аз дида нест огаҳӣ ашки чакидаро.*
*Тамкиншиор бош ба олам, ки ҳамчу кӯҳ,*
*Олист рутба пойи ба доманкашидаро* [50, 78].

Ё дар шеъри дигар, камдонишони пургӯйро интиқод мекунад:

*...Шамъи маъниро хатар бошад зи таҳрики забон,*
*Раҳ мадеҳ дар анҷуман камдониши пургӯйро* [50, 79].

Хотиф:

*...Маҷӯ аз лафзи мушкил бетааммул ҷавҳари маънӣ,*
*Чу барқ оташдам аст ин теғ аз сангинғилофиҳо* [45, 329].

Зоир:

*Шакарсурат намудор аст заҳролудаи дунё,*
*Парешонҳолу саргардон дили афсурдаи дунё.*
*Ба ранги зинати гулзор чандоне машав мафтун,*
*Чу шабнам рехт авроқи чаманфарсудаи дунё...* [45, 341]

Дар эҷодиёти Асирӣ низ панду андарз мавқеи асосӣ дошта, шоир омӯхтани илм, ҳунар, дониш, ахлоқи нек, ростӣ ва дигар хислатҳои неки инсониро тарғиб намудааст. Ин андешаҳо дар шеъри «Насиҳат ба фарзанд» ба таври возеҳ инъикос ёфтааст:

*Биё, эй нури чашму ҷони дида,*
*Зи ман бишнав яке панди ҳамида.*
*Зи илму дини обо тӯша андӯз,*
*Дигар фанни маоши аср омӯз...*
*На он илме, ки муътоди замон аст,*
*Маолаш саллаву зеби чапон аст.*
*Ҳамон илме, ки динат гардад обод,*
*Туро созад зи банди фақр озод ...* [23, 11]

*9. Марсия.* Яке аз хусусиятҳое, ки дар марсияҳои ин давра дида шуд, баёни пурсӯзи шоирон ва ҳамроҳ кардани моддаи таърихи вафоти шахсони муътабар мебошад. Сурудани марсия дар ашъори Нозил, Фазилат, Асирӣ, Фавзӣ бештар дида мешаванд. Марсия ба вафоти Асирӣ аз тарафи Фавзии Хуҷандӣ:

*Ҳайф аз он ҳодӣ, к-аз ӯ будӣ ҷаҳонро ифтихор,*
*Кӯси реҳлат зад аз ин манзил ба чашми ашкбор…*
*Ҷустам аз рӯзи «ниёз»-у «ҷаҳд» таърихаш зи ақл,*
*Гуфт таърихи вафоташ: «Раҳмати Парвардигор»* [45, 407-408].

Ба ҳисоби абҷад ибораи «Раҳмати Парвардигор» ба соли 1916 мувофиқ аст, ки санаи марги шоирро бозгӯйӣ мекунад.

Нозил бошад, ба марги духтараш Фотима чор марсия дар жанрҳои мухаммас, мусаддас ва қасида таълиф намудааст. Марсияи дар навъи мухаммас навиштаи ӯ аз ҳафт банд иборат буда, дар охири ҳар банд танҳо як мисраи машҳури ғазали Бедил «Рафт булбул дар қафас андар фароғат монд зоғ» такрор шудааст, ки ин шеваро навъе навоварӣ ва шикастани қолаби маъмулии мухаммаснависӣ метавон унвон кард:

*Сабзадам гардид, гулҳо мекушояд боғ-боғ,*
*Оташам зад шуъла, аммо синаам чун лола доғ.*
*Ҳар нафас месӯзам аз ҳиҷрон ба монанди чароғ,*
*Дар чаман гар меравам, з-он гул намеёбам суроғ.*
*«Рафт булбул дар қафас, андар фароғат монд зоғ»* [32, 120].

Марсияи дигар дар жанри мусаддас буда, аз панҷ банд иборат аст, ки ин ҷо банди аввалашро меорем:

*Ваҳ, ки зад чархи фалак теғи ҳалокам бар сар,*
*Лоласон рехт маро ҳар мижа сад хуни ҷигар,*
*Шуд нагун айши ману оҳу фиғон афзунтар,*
*Меҳри дидори ту дар сина зи шаб то ба саҳар.*
*Нест як зарра туро аз мани саргашта хабар,*
*Бори ҳиҷрони ту андар дили ман то маҳшар* [32, 119-120].

Дар жанри қасида Нозил ду марсия навиштааст, ки дар охири марсияи аввал санаи марги духтари шоир ба ҳисоби абҷад нишон дода шудааст:

*Эй маҳи рӯзфузун, меҳри дурахшон, чунӣ,*

*Дар таҳи хок ба сад ҳасрату армон чунӣ...*

*Ҷустам аз ақл чу таърихи вафоташ гуфто:*

*Нест аз «ғайри дил» он рӯз намоён, чунӣ?*

*Нозилӣ, равзаи покаш ба ҷинон бод қарин,*

*Қисса кӯтаҳ, ки аз дарди фаровон чунӣ?* [32, 121-122]

Ба ҳисоби абҷад ибораи «ғайри дил» ба соли 1244/1828 мувофиқ аст.

Бино ба маълумоти С.Асадуллоев аз Тошхоҷа Асирӣ низ чор марсия боқӣ мондааст, ки яке дар вафоти фарзандаш – Вафохон [23, 127], марсияи дигар ба вафоти Акбархон бинни Бурҳонхон Эшони Аврод [23, 128] ва ду марсияи дигар – марсияи Калхот [23, 124-125] ва марсияи Оҳу [23, 126] мебошанд.

*10. Васфи Хуҷанд.* Васфи Хуҷанд бо он ҳама шукуҳу шаҳомати хеш, чаманзори пур аз лолаву райҳон, садбаргу ёсамин, дарахтони сарсабзу шаҳдбор, боғу киштзорҳои ҳосилхез, рӯди нилгун, макону мавзеъҳои таърихӣ ва монанди ин аз дуртарин даврони таърихӣ на танҳо мавзуи шоирони зодаву парвардаи ин сарзамин буд, балки дигар суханварон низ бо мутолеаи сарчашмаҳо мақоми ин шаҳрро сутудаанд [ниг. ба: 45, 11].

Ёдоварӣ ба маврид аст, ки таваҷҷуҳ ба макони зист, хоса шаҳрҳои куҳани сарзамини мардумони форсизабон собиқаи тӯлонӣ дорад ва мавзуи меҳварии таҳқиқот роҷеъ ба ҳавзаҳои адабӣ низ ба шумор меравад. Васфи Кашмир ҳамчун яке аз ҳавзаҳои адабии форсизабони Ҳиндустон дар ашъори шоирони ин сарзамин, чи маскун ва чи аз манотиқи дигар омада ҷилваи хос дорад, ки баррасии муфассали он дар рисолаи илмии профессор З.Ғаффорова ҷой дорад [102, 453-501].

Шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар фосилаи таърихии аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX низ васфи зебоиҳоиву табиати дилфиреб, рӯди зиндагибахшу мардумони хушзабони зодгоҳ намудаанд. Аз ҷумла,

Шӯхӣ табиати афсонавӣ, сабзаву лола ва баҳори Хуҷандро ончунон зебо ва дилрабо мешуморад, ки бинанда бо тамошои он ҳатто биҳиштро аз ёд мебарорад:

*Биҳишт бурда зи ёди дилам баҳори Хуҷанд,*

*Шукуфта доғи ҷунунам зи лолазори Хуҷанд.*

*Ману назораи он сабзае, ки мерӯяд*

*Чу хат зи орази хубонаш аз узори Хуҷанд…*

*Хирад гузар чу кунад, шахси ишқ мегардад,*

*Ҷунунфазоӣ назар кун зи кӯҳсори Хуҷанд.*

Шоир дар идома равонии оби чашмаи Кавсарро маҳз аз биҳори Хуҷанд дониста, гарду ғубори онро сурмаи чашм хондааст:

*Зи ташнагии қиёмат чӣ бок оташро?!*

*Ки кори Кавсари ҷаннат кунад биҳори Хуҷанд.*

*Чу тӯтиё бидиҳад нур, ман шавам зомин,*

*Кашӣ ба чашм ту чун сурма гар ғубори Хуҷанд.*

Хуҷанд на танҳо бо манзараҳои дилфиребу зебояш, балки бо ҳусну ҷамоли маҳрӯёну гулдухтаронаш дили ҳамагонро тасхир намуда:

*Сороғи ишрати хубон макун зи мулки дигар,*

*Ки ин арӯс бувад хуфта дар канори Хуҷанд.*

*Хаёли сайри чаманҳои нозанинаш кун,*

*Ки файзи хулди барин медиҳад баҳори Хуҷанд.*

Дар охир Шӯхӣ бо ифтихор ва сари баланд хитоб менамояд, ки зодгоҳи ӯ «арӯси олам» шинохта шудааст:

*Аз ин ки даҳр хитобаш арӯси олам кард,*

*Равост, Шӯхӣ, агар созад ифтихори Хуҷанд* [50, 198].

Маҳз ҳамин муҳаббати беандозаи Шӯхӣ нисбати зодгоҳаш буд, ки бо офаридани ғазалҳо дар васфи Ватан иктифо накарда, ба эҷоди маснавие бо номи «Дар ҳаққи Хуҷанд» мепардозад. Маснавии мазкур дорои 181 байт буда, шоир дар он манозир ва манотиқ, боғу киштзор, рӯду дарёи шӯхчанг,

гулҳои рангоранг, ҳавои ҷонбахшу насими атрогини Хуҷандро хеле ҷаззоб тасвир намудааст:

*...Чӣ шаҳре, к-аз ҳавояш аҳли ҷаннат,*

*Чу Маҷнунанд дар домони ҳасрат.*

Шӯхӣ муболиғаомез шахсонеро, ки дидори ин гулзори хубӣ насибашон гардидааст, ба Маҷнун шабоҳат дода, хурramиву болидани дилро чун арӯсони ин чаман маҳз аз замини хушҳаво, биноҳои фирдавсгун ва насими атрогинаш меҳисобад. Дар идома шоир ҳини тавсифи зодгоҳ онро ба биҳишт ташбеҳ дода, аз ояти ҳаштуми сураи «Баййина» – «таҷрӣ мин таҳтиҳ-ал-анҳору» (тарҷума: «зери он ҷӯйҳо меравад») [34, 598-599] истифода кардааст. Қобили зикр аст, ки шоир ба тақозои вазни шеър ҳангоми иқтибос аз ояти мазкур вожаи «таҳти»-ро ҳазф карда, онро дар шакли «таҷрӣ минҳа-л-анҳор» – (яъне, аз он дарёҳо равон мешавад) ба кор гирифтааст:

*Зи васфаш ҳар замон бар хештан дил,*

*Биболад чун арӯсони чаман дил.*

*Зиҳӣ, хуррамзамини хушҳавое,*

*Ки фирдавс аз биноҳояш биное.*

*Агар гӯям биҳишт аст ин, сазовор*

*Бувад мисдоқи «таҷрӣ минҳа-л-анҳор».*

Шӯхӣ софу пок будани оби рӯдро мисоли оина шуморида, ба акси ҷамоли худро дидани хубон ишора намудааст:

*...Ба баҳр оварда наздик ин хаёлаш,*

*Ки бинад то дар ӯ акси ҷамолаш.*

*Бале, хубон кунанд худро тамошо,*

*Ниҳанд дар пеши худ оинаеро.*

*Аҷаб дарёи соҳибшӯри хунхор,*

*Фитода зери кӯҳаш аждаҳовор.*

Дар идома Шӯхӣ сухан аз имороту иншоот, обу ниҳолу табиати афсункор намуда, бемисл будани шаҳри Хуҷандро, на танҳо дар сифоти ёдшуда, балки дар ҳисори мудаввару мунаққаши он донистааст.

Ҳамчунин, шоир ишора ба соҳиби ҳафт дарвоза ва шукӯҳу шаҳомати Хуҷанд карда, дарвозаҳоро муқобили дарҳои дӯзах ва шабеҳи дарҳои боғ номидааст:

*...Чу омад дар назар дарвозааш ҳафт,*

*Ҳароси ҳафт дари дӯзах зи дил рафт.*

*Нишеманҳо чунон бар ҷо фитода,*

*Ки аз ҳар сӯ дари боғе кушода.*

Дар анҷом шоир парирӯёни ин гулзорро ба ҳурони биҳишт ва садои мутрибони нозуковозро ба булбули нағмапардоз шабоҳат додааст:

*Парирӯён дар он гулзори ишрат,*

*Чу ҳурон ҷилвагар дар боғи ҷаннат,*

*Ба ҳар сӯ мутрибони нозуковоз,*

*Дар он гулшан чу булбул нағмапардоз* [45, 261].

Дигар аз шоири ин аҳд, ки васфи зодгоҳ намуда, Нозили Хуҷандист. Нозил дар рубоии зер ободониву оромӣ, хуррамиву шодӣ ва фориғ аз осеби даврон будани мардуми сарбаланди Хуҷандро таъкид кардааст:

*Манзили фирдавсоини Хуҷанд ободод бод,*

*Сокинонашро табиат хурраму дил шод бод.*

*Фориғ аз осеби даврон рӯзу шаб бо дӯстон,*

*Айшу ишрат, ҷоми май, сайри гулистон ёд бод* [32, 15].

Тоҷир низ васфи зодгоҳ намуда, кӯҳу дашти онро ба макони лолаву чаманистон, боду ҳавояшро ҷонбахш ва чашмаву дарёи онро поку беолоиш тасвир намудааст:

*...Нузҳати боду ҳавояш мурдаро ҷон медиҳад,*

*Мебаранд бар ғусли мурда оби дарёи Хуҷанд.*

Маҳз ҳамин табиати илоҳӣ, ки хоса дар айёми баҳор, тавассути ба бар намудани қабои наврӯзӣ, равонии оби зулоли рӯди мусаффо қалби оламиёнро тасхир менамояд, макони шахсиятҳои бузурги таърихӣ буда, зиёратгоҳи оламиён гардидааст:

*Ҷамъ оянд халқи олам бо ҳавас аз ҳар тараф,*

*Фасли наврӯзаш дар ин ҷо бо тамошои Хуҷанд.*

*Чашмаи раҳмат дар ин дарё, ки доим ҷорияст,*

*Ҳаст дар таҳти қудуми қутби Бобои Хуҷанд.*

Дар идома шоир шуҳрату шони ин шаҳрро гарчанде камтар аз Маккаву Мадина медонад, лекин ба дараҷаи Бухоро баробар карда, сокинони ин маконро дар зиракаву ҳушёрӣ ва оқиливу доноӣ, гулу раёҳини онро бартар аз зебоиҳои макони дигар ҳисобида, воситаи фараҳбахш ва дуркунандаи ғаму ҳасрат медонад:

*Гарчи дур аст то Мадина, Макка ин шаҳри латиф,*

*Шукр лиллаҳ, лек бо қурби Бухорои Хуҷанд.*

*Сокинони ин вило дар зиракӣ, андар сухан,*

*Шуҳрате дорад ба ҳар ҷо табъи донои Хуҷанд* [45, 262].

Дар охир шоир тавассути зикри номи Шайх Маслаҳатдин [163, 271] (ё Муслиҳиддин) ба қурби олам расидан ва шуҳраи офоқ гаштани ин шаҳри бузургро таъкид намуда, худро дар тавсифи он кӯчаку ночиз меҳисобад:

*...Бас таманно бар азизоне, ки ҳастанд ин замон,*

*Зикр мегӯянд ин ҷо бо расоҳои Хуҷанд.*

*Қутби олам – ҳазрати Шай(х) Муслиҳиддин гашта бас,*

*Тоҷири қосир чӣ гӯяд васфи аълои Хуҷанд* [45, 263].

Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ, ки аз ҷумлаи шоирони муҳоҷир буда, дар Арабистон умр ба сар бурдааст, дар ёди зодгоҳ фироқу ҳиҷрони хешро чунин баён намуда:

*Ба мулки ноз султонӣ, Хуҷандо!*

*Ба дарди ҷумла дармонӣ, Хуҷандо!*

*Агар як бор рӯятро бубинам,*

*Намонад дар дил армоне, Хуҷандо...*

*Дилам дар фурқати ту об гашта,*

*Надорам сабру сомоне, Хуҷандо!*

*Фидоят бод ҷонам, эй билодам!*

*Гадоят ман, ту султонӣ, Хуҷандо!*

*Ҷамолатро бубинам бори дигар,*

*Намедонам, ки кай хонӣ, Хуҷандо…* [189, 95]

Мутолиаи ашъори шуарои ин аҳд равшан месозад, ки эшон ҷиҳати изҳори муҳаббати худ ба Хуҷанд, манзараву маконҳои дилфиреб, рӯди поку пурасрори он на танҳо абёти ҷудогона, балки рубоӣ, ғазал, қитъа ва, ҳатто, маснавӣ эҷод намудаанд. Дар ашъори баррасишуда сухан аз зебоиву назокат ва латофати ин шаҳр рафта, шуаро тавонистаанд, ки чеҳраи аслӣ, табиати нотакрор ва мавзеъҳои дилфиреби Хуҷандро дар замони хеш тасвир намоянд.

Дар маҷмуъ, аз баҳсу баррасии мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар аҳди мазкур ба натиҷае метавон расид, ки авзои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба шеъри замон таъсири матлуб расонидааст, зеро нуфузи масоили иҷтимоӣ, тасвири зиндагонӣ ва ҳолу ҳавои худи шоирон ва рӯзгори онҳо дар ҳама намудҳои шеърӣ мавқеъ ва мақоми хоса касб намудааст. Дар баробари идомаи муҳимтарин мавзуоти роиҷ дар адабиёти гузашта, аз ҷумла, ишқ дар ғазал шоирон ба мадҳу санои аҳли дарбор, васфи зодгоҳ, табиати он ва амсоли ин муваффақ шудаанд, ки муҳимтарин мавзуоти шеъриро дар каломи хеш таҷассум намуда, бар ин васила доираи мавзуии шеъри замони хешро тавсеа бахшанд.

## 1.3. Ривоҷи адабиёти дузабона

Халқи тоҷик ва ӯзбек аз давраҳои қадим ҳамчун мардумони дӯст ва бародар маълум буда, равобити адабӣ яке аз унсурҳои таҳкимбахши дӯстии ин ду халқ эътироф гардидааст, ки намунаи барҷастаи он пайвандҳои маънавии Ҷомӣ ва Навоӣ мебошад. Зуллисонайнӣ ё ин ки адабиёти дузабона яке аз меваҳои ҳамкории ин ду халқи ба ҳам дӯст буда, омили муҳимми он дар ҳамкорӣ ва дӯстӣ, маърифати таъриху анъана ва забони ҳамдигар ба шумор меравад.

Перомуни таъсирпазирии адабиёти ӯзбек аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ муҳаққиқони зиёде, ба монанди И.С.Брагинский [197], Э.Шодиев [204; 209; 210; 211], З.Ӯлмасова [201], Д.Ваҳҳобзода [101], С.Тилабов [208] ва дигарон корҳои арзишманде анҷом додаанд, ё зимни таҳқиқоти худ ба ин масъалаҳо

ишорат намудаанд, ки барои муайян намудани ташаккул ва таҳаввули равобити адабӣ ва иҷтимоиву сиёсии ин ду халқи ба ҳам дӯст дар марҳилаҳои гуногуни таърих заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар мавриди таърихи пайдоиши адабиёти дузабона ҳаминро бояд қайд намоем, ки он дар асрҳои IX-X шакл гирифта буд. Дар ин давр бисёр шоирон бо забони арабӣ девонҳо ва китобҳои алоҳида низ таълиф намуда, баробари ин бо забони форсӣ низ ашъор сурудаанд. Ба ин хотир, дар ин давра адабиёти дузабона дар сурати форсиву арабӣ шакл гирифт.

Бояд қайд намоем, ки анъанаи бо ду забон: тоҷикӣ ва ӯзбекӣ таълиф намудани асар низ таърихи қадима дошта, ҳанӯз дар асрҳои XIII ва XIV пайдо шуда буд. Чунончи, Ҷалолиддини Румӣ ва Ҳисомиддини Барчинглӣ аз аввалинҳо шуда бо забонҳои арабиву тоҷикӣ ва туркиву ӯзбекӣ ашъор сурудаанд [114, 73]. Ҳарчанд забони ӯзбекӣ дар ин асрҳо ба марҳилаи такомули худ нарасида буд, манзури аслии У.Каримов ҳамоно забони туркист, ки яке аз сарчашмаҳои забони ӯзбекӣ мебошад. Бо назардошти ҳамин вежагӣ адабиётшинос У.Каримов заминаҳои зуҳури робитаи ду забони мавриди назарро, ба замони Ҷомию Навоӣ пайванд медиҳад, зеро бо ташаббус ва маслиҳати Ҷомӣ шоирони бисёре ин равишро идома бахшидаанд [114, 73].

Ҳатто, Навоӣ «Девони форсӣ» тартиб дод, ки аз тарафи Абдурраҳмони Ҷомӣ баҳои сазовор гирифтааст. Маҳорати баланди Навоиро дар эҷоди ғазалу қасидаҳои ҷавобияи ӯ ба ғазалу қасоиди Амир Хусрав, Саъдиву Ҳофиз ва Ҷомӣ метавон мушоҳида кард. Дар ривоҷи адабиёти дузабона шоирони дигари ин давр Саккокӣ, Амир Ҳайдар, Лутфӣ, Атоӣ, Яқинӣ, Муҳаммад Солеҳ ва аз шоирони тоҷик Давлатшоҳи Самарқандӣ, Зайниддин Восифӣ ва дигарон саҳми беандоза гузоштаанд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар давраи таҳқиқ адабиёти дузабона нисбат ба давраҳои пеш вусъати тоза гирифта, эҷодиёти шоирони зуллисонайн ҳамчун воқеаи муҳимми адабӣ маъмул гашт, ки дар ин маврид андешаи адабиётшинос З.Ӯлмасова шоистаи ёдоварист: «…дар тӯли ҳашт аср

(XII-XX) раванди дузабонагии ӯзбекӣ-тоҷикӣ дар адабиёти тоҷик гоҳе густаришу тақвият меёфт, гоҳе заъфу сустӣ пайдо мекард, аммо ҳеч гоҳ қатъ нагардид, хусусан, дар фосилаи таърихии аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX вусъатёбии ин ҷараён қобили таваҷҷуҳ аст» [201, 10-11].

Воқеан, дар ин давр натанҳо шуарои ӯзбекзабон таъсирпазир аз адабиёти форсӣ, балки шуарои тоҷикзабон низ аз адабиёти ӯзбек баҳраёб буданд ва бо ду забон осори зиёде таълиф намудаанд.

Роҷеъ ба ин масъала У.Каримов қайд карда, ки «дар байни шоирони умуман дузабонаи ин давр аз қаламрави Бухоро девони Шавқии Каттақурғонӣ, Муҷрими Обид, Ҷумъақулии Хумулӣ, Узлат, Гулмуҳаммади Афғон, Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Нодими Истаравшанӣ ва аз шоирони хонияи Хӯқанд девони Нозили Хуҷандӣ, Маъдани Понғозӣ, Узлати Косонӣ, Фанои Уротеппагӣ, Нодира, Ғозӣ, ашъори парокандаи Акмал, маҷмуаи шеърҳои Махмур ва «Зарбулмасал»-и Гулханӣ сазовори ҳаматарафаи тадқиқу таҳқиқ аст» [114, 74]. Шоирони номбаршуда дар ривоҷу равнақи забону адабиёт ва афкори ҷамъиятии тоҷику ӯзбек саҳми калон гузошта, беҳтарин анъанаҳои гузаштагони бузурги худро мувофиқи руҳ, завқу салиқа ва талаботи эстетикии замон давом додаанд. Дар байни шоирони дузабона, махсусан, эҷодиёти Махмур, Ҳозиқ, Гулханӣ, Шавқӣ, Нозил, Фано, Маъдан, Зокирҷони Фурқат ва Муқимӣ ҷолиби диққат аст ва дар эҷодиёти онҳо мо барҷастатарин хусусиятҳои адабиёти дузабонаро мушоҳида карда метавонем.

Яке аз шоироне, ки бо ашъори рангини худ дар назми замон ҷойгоҳи махсус дорад, Нозили Хуҷандист. Дар эҷодиёти ӯ нуқсону камбудии замони феодалӣ аз назари ҳақиқатнигориву нуктасанҷӣ тасвир ёфтаанд. Ашъори шоир бозгӯйи он аст, ки ӯ шоҳиди аксари ин воқеаҳо будааст. Нозил дар осораш асосан аҳволи беваю бечора ва фақиру дармондагони замонашро бо ғамхорӣ ва ҳисси дилсӯзӣ ба риштаи назм кашидааст. Чунончи, аз як манзумаи шоир, ки «Аз ҷиҳати мазамматти аҳли замон» унвон дорад, бармеояд:

*...Кӯрса агар ҳолини оташпараст,*

*Раҳм этиб, бермагай асло шикаст...*

*Ё на агар кӯрса Хитою Фаранг*

*Ҳоли дилини сурагай бедаранг* [114, 76].

(Тарҷума: *Агар аз ҳақиқати ҳолаш (яъне ҳоли мусалмон – Ш.Ҳ.) оташпараст хабардор шавад, / Ба вай раҳм оварда, аз шикасти ӯ худдорӣ мекунад./ Ё агар хитоиву фарангӣ бо ӯ дучор шавад, /Зуд варо ҳолпурсӣ мекунад.)*

Дар ибтидои асри XX адабиёти дузабона вобаста ба дигаргуншавии вазъи иҷтимоиву сиёсӣ тағйир ёфта, равнақи тоза касб кард. Соли 1925 дар шаҳри Душанбе ва соли 1927 дар Самарқанд нашриёти давлатӣ ба кор оғоз кард, ки ин албатта таъсири худро ба шоирону нависандагон расонид. Шуаро кӯшиш мекарданд, ки дар ҳамаи нашриёт ашъори хешро, чи бо забони тоҷикӣ ва чи бо забони ӯзбекӣ нашр кунанд. С.Айнӣ, А.Фитрат, А.Мунзим, А.Ҳамдӣ, З.Ҷавҳарӣ дар ривоҷи адабиёти дузабонаи давр саҳми беандоза гузоштаанд. Махсусан, хизмати С.Айнӣ шоистаи ёдоварист, зеро ӯ аз нахустин касонест, ки барои ба миён омадани маҷаллаҳои ӯзбекӣ, ба монанди «Таёқ», «Машраб» , «Болалар юлдоши» ва ғайра саҳмгузор буда, бо таълифи асарҳо – «Ҷаллодони Бухоро», «Ғуломон», «Духтарак ё Холида» ва монанди ин дар рушди забони ӯзбекӣ хизмати мондагор кардааст.

Дар шаҳри Тошканд бошад, нашри мунтахаби ашъори шоирон бо забони ӯзбекӣ оғоз шуд, ки ин яке аз омилҳои ривоҷи таълифи осор бо забони ӯзбекӣ гардид. Шоири маорифпарвар – Аҷзӣ ашъорашро ба забони ӯзбекӣ худ тарҷума намуд. Осори ӯ «Миръоти ибрат», «Анҷумани арвоҳ» ва мунтахаби шеърҳо «Ганҷинаи ҳикмат» ба забони ӯзбекӣ солҳои 1914 ва 1919 дар Самарқанд нашр шуд.

Яке аз нишонаҳои адабиёти дузабона муламмаъсароӣ мебошад, ки ба маънии рангоранг [166, 832] шарҳ ёфта, дар истилоҳ он аст, ки «шоир баъзе шеърҳои худ ба забоне гӯяд ва баъзе ба забони дигар ба як вазну қофият, на бар сабили тарҷума [152, 63]. Дар марҳилаи аввал муламмаъ бо забонҳои арабӣ ва форсӣ таълиф меёфт, ки дар ин ҷода Шайх Саъдӣ бо таълифи

девони «Муламмаот» ҳамчун беҳтарин шоири муламмаъсаро эътироф гардидааст. Баъд аз ӯ Хоҷа Камол ва Ҳофизи Шерозӣ низ хунари шоирии хешро дар ин навъи шеър таҷриба кардаанд.

Эҷоди муламмаъ бо забонҳои форсиву ӯзбекӣ ба номи Ҷомӣ ва Навоӣ пайванди мустаҳкам дорад.

Дар давраи мавриди назар низ анъанаи муламмасароӣ дар ҳамаи марказҳои адабии Осиёи Миёна идома ёфта, шоироне чун, Мирзо Содиқ, Фано, Махмур, Мӯнис, Аваз, Нодим, Туғрал, Асирӣ, Муқимӣ, Фурқат, Фахрӣ ва дигарон дар ривоҷи он саҳм гузоштаанд.

Омилҳои рушди ғазали ӯзбекӣ ё ин ки муламмаъсароӣ дар ин давра, пеш аз ҳама, ба сиёсати адабпарваронаи Амир Умархон вобаста буда, ба хотири эҳтироми ӯ ба эҷоди ашъори ӯзбекӣ даст задани шоирон ба ин муносибат мебошад. Ин мушахассот дар офаридани ашъори тоҷикиву ӯзбекӣ ва ба истилоҳ «адабиёти дузабона» ниҳоят муассир буда, дар шаклҳои гуногуни шеърӣ ба мушоҳида мерасад. Аксари шуарои ин давра бо чунин тарз ашъор сурудаанд. Аз ҷумла, Файёзи Хуҷандӣ дар маснавии «Ширу шакар» чунин тарзи баёнро ифода намудааст:

*Ул Фузулӣ, ки афсаҳи даврон,*
*Табъи эрди мисоли оби равон.*
*Шуаро ичра эрди донишманд,*
*Манга бӯлди бу икки байт писанд:*
*«Сарваро, гардиши сипеҳри кабуд,*
*Дойим ӯлмас мувофиқи мақсуд.*
*Боғламас ҳар шукуфа меваи тар,*
*Аксари биттуги еринда табар»* [48, 77].

(Тарҷума: *Фузулӣ, ки аз афсаҳони даврон аст,*
*Табъи чун оби равон дорад.*
*Дар хирадмандӣ аз ҳама шоирон бартар аст,*
*Ба ман ин ду байт писанд омад:*
*«Сарваро, гардиши сипеҳри кабуд,*

*Нест доим мувофиқи мақсуд»*

*Ҳар шукуфа набаст меваи тар,*

*Шохааш то нахӯрд захми табар.*

Қитъаи зерини Нозил бо чунин тарз (забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ) ба қалам омада, шоир нобаробариҳои замонро дар пардаи ҳаҷв инъикос намудааст.

*...Чу абнои мулку вазиру дабир,*

*Ки саркору доно сағиру кабир.*

*Хусумат қилур бир бириға зиёд,*

*Ики танга бӯлса, топарлар мурод...* [32, 39]

(Тарҷума: *Ба якдигар душманиИ зиёд мекунанд,*

*Аммо бо ду танга муродашон ҳосил мешавад.*)

Мухаммаси Файёз низ бо чунин тарз эҷод шуда, аз рушди адабиёти дузабона дарак медиҳад:

*Бигӯ, эй дил, ки то кай кори ту даъвою кизбу лоф,*

*Аз ин сон тору пуди ҳарза андак ресу камтар боф.*

*Макаш баҳри ҷаве бори ҷаҳонро чун хари аллоф,*

*Қадам берун манеҳ бо ҳеҷ кас аз вартаи инсоф,*

*«Ғараз зангоридан оинадек қалбингин қилғил соф»* [48, 63].

(Тарҷума: *Мисли оина дилатро аз занги ғараз тоза кун.*)

Мисоли дигар, ки дар жанри мусаддаси тарҷеъбанд мебошад, бо санъати хосаи муламмаъ (форсӣ ва арабӣ) таълиф ёфтааст:

*Шукру Лиллаҳ, фазли Эзид гашт моро раҳнамун*[1]*,*

*Ёфт ободӣ ҷаҳони илму фан аз ҳад фузун,*

*Ҷаҳлу нодонӣ зи по афтоду гашта сарнагун,*

*Кас надида инчунин мактаб дар ин чандин қурун!*

*Асраъу ё аййуҳ-ат-туллоб ило дор-ил-фунун,*

*Утлуб-ул-ъилма камол-ис-саъйи антум толибун!* [14]

---

[1] Аз сабаби он ки ашъори Фавзӣ аз дастнависҳои парешон оварда шуд, мисолҳо бидуни саҳифа зикр шуданд.

(Тарҷума: *Эй толибони илм ба сӯйи мактаб шитобед,*

*Ва бо камоли саъй талаби илм намоед, ки шумо толибони илмед.)*

Шоири маорифпарвар – Тошхоҷа Асирӣ анъанаи муламмаъсароиро вусъат бахшид. Ӯ манзумае дорад, ки дар таркиби он аз унсурҳои чор забон – арабӣ, форсӣ, туркӣ ва русӣ истифода бурда, «Манзумаи омехтаи арабӣ, форсӣ, туркӣ ва русӣ» ном ниҳодааст, ки дар он шоир дӯстии хешро бо оилаи Чиликин ном инжинери рус тасвир менамояд:

*...Ирҷи бика ҳурмату каломик,*
*Антарҷаъ илайя мин мақомик…*
*Мустаъҷири ҳавлият Чиликин,*
*Он кофири бовиқори бекин.*
*Аз хона баромадаш ягона,*
*Таклиф намуд сӯйи хона,*
*Гуфто зи раҳи вафопарастӣ:*
«*Приходите камне гӯсти*»...
*...Бир байти мурассаъ ичра кирдим,*
*Маржонидан ушбу дурни тердим* [23, 36-39].

(Тарҷумаи байти арабӣ:

*Боз гардад ба ту ҳурмати каломат,*
*То ин ки мақоматро дубора нишон диҳад.*

Тарҷумуи мисраи русӣ: *Ба хонаи ман меҳмонӣ биёед.*

Тарҷумаи байти ӯзбекӣ:

*Ба кохи ороста аз ҷавоҳир ворид шудам,*
*Ин шеъри чун гавҳарро аз он берун овардам.)*

Дилбастагӣ ба ватани аҷдодӣ ва манозиру маконҳои он Маҳзуни Хуҷандӣ барин шоирро водор намудааст, то ба мисли дигар ҳамзаминонаш, ки дар фасли пешин ба онҳо ишора шуд, бо забони ӯзбекӣ мавзуи васфи зодгоҳ, яъне Хуҷандро низ ба шумули мавзуоти адабиёти дузабона ворид кунад. Ӯ чаманистону меваҳои зодгоҳаш – Хуҷандро бебаҳову роҳати ҷон ва шоистаи тавсиф номидааст:

*Тожикистонда гулистондур Хужанд,*

*Мевасила роҳати жондур Хужанд.*

*Зираку ринди сухандондур Хужанд,*

*Ҳар нечук таърифга шоёндур Хужанд…* [53, 215]

(Тарҷума: *Гулистони Тоҷикистон аст Хуҷанд,*

*Бо меваҳояш роҳати ҷон аст Хуҷанд.*

*Шаҳри зиракону риндони сухандон аст Хуҷанд,*

*Шоистаи ҳама гуна таъриф аст Хуҷанд.*)

Маврид ба зикр аст, ки шуарои ин давр на танҳо муламмаъсароиро бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, балки бо забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ низ давом додаанд, ки намунаи онро аз ашъори Фавзӣ ва Асирӣ дар боло зикр намудем. Гарчанде аз ҷиҳати теъдод нисбати муламмаъҳои тоҷикиву ӯзбекӣ муламмаъҳои тоҷикиву арабӣ кам ба назар мерасад, лекин ин амр бозгӯ аз он аст, ки шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд суннатҳои шеъри гузаштаро ба шоистагӣ идома додаанд. Чунончи:

*Лака-л-ҳамду ва-ш-шукр, ё Залҷалол,*

*Туӣ бар ҳама қодиру баркамол* [48, 62].

*(Тарҷума: Бар ту бод ҳамду шукр, эй Худованди соҳибиззат)*

Мисоли дигар:

*Мумтозкорхонаву қудратаён туӣ,*

*Лайка камисли ваҷҳика фи-л-ъарзи ва-с-само* [50, 29].

(Тарҷума: *Мисли рухсори ту дар замину осмон мавҷуд нест.*)

Аз миёни шоирони хуҷандиасл Шӯхӣ ягона шоирест, ки теъдоди зиёди муламмаъҳои тоҷикиву арабиро эҷод намудааст. Дар баъзе ғазалҳои ӯ вожаву таъбирҳои арабии қуръонӣ қариб дар ҳар байт дида мешавад [ниг. ба: 50, 25; 29; 97; 210; 235].

Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди таҳқиқи мо ба сабаби тобеи хонигарии Хӯқанд буданаш аносири зиёди адабиеро, ки дар ин ҳавза рушд карда буд, дар худ таҷассум намудааст. Чунончи, ҷараёни адабиёти дузабона (тоҷикиву ӯзбекӣ) дар ҳавзаи адабии Хӯқанд дар тамоми анвои шеърӣ ба

назар мерасад, ки ин падидаро дар эҷодиёти шоирони Хуҷанд низ ба хубӣ мушоҳида карда метавонем. Масалан, агар аз манзумаву маснавиву қасида фаротар равем, нуфузи забони ӯзбекиро дар ҳаҷвиёти шоирон низ дида метавонем, ки осори Нозил далели ин гуфтаҳост. Нозил дар ҳаҷвиёти худ камбудиву нуқсонҳои хурду калони замонаашро ба воситаи мазамматҳои бераҳмонаи табақаи болоии ҷомеа тасвир намудааст. Чунончи, «Дар ҳаҷви Иброҳими қилтамоқ», «Дар ҳаҷви Ҳакими нонвой», «Дар ҳаҷви се аблаҳи нарғул», «Ҳаҷв дар ҳаққи фаҷи гови каҳдонӣ», «Қасида дар фазилати тӯйи Абдулқайюми олуфтаи Хӯқанд» ва ғайра аз силсилаи беҳтарин ҳаҷвиёти шоир ба шумор меравад. Нозил дар ҳаҷвиёти хеш асосан симои манфури зоҳирии ҳаҷвшавандаро танқид намудааст:

*Бор экан Қукон аро айёрдин,*
*Ӯткариб макрини минг таррордин.*
*Кеча кун ҳилат забони дардидур*
*Кайд аро шайтон кечик шогирддур...*[114, 77]
(Тарҷума: *Дар Хӯқанд як айёр буд,*
*Ки аз ҳазор дузд дар макру ҳила пеш меистод.*
*Рӯзу шаб дар фикри найранг буд,*
*Дар фиреб шогирди хурди шайтон буд.)*

Дар адабиёти дузабонаи ин давр ҳаҷвиёти Маҳмуди Махмур низ ҷойи намоёнро ишғол менамояд, зеро шоир бештар арбоби шариат, давлатмандон, амиру амалдорони разолатпешаро ба риштаи ҳаҷв кашидааст [114, 77].

Яке аз хусусиятҳои адабиёти дузабонаи ин даврро дар асари «Зарбулмасал»-и Гулханӣ ба мушоҳида мегирем. Гулханӣ дар ин асари мансури худ ақидаҳои сиёсиву иҷтимоияшро дар ҳамбастагии забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ рӯйи қоғаз овардааст. Қаҳрамонҳои асар парандагон буда, аз рӯйи хусусият ва мавқеашон хислатҳои табақаи болоии ҷамъиятро инъикос намудаанд.

Ҳамин тавр, аз мероси адабии шоирони ин давра маълум шуд, ки адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX бо

хусусиятҳои хос рушд кардааст. Бо вуҷуди сахтиву мушкилиҳои рӯзгор шоирон кӯшидаанд, ки беҳтарин анъанаҳои адабиёти пешқадами давраҳои гузаштаро дар мазмуну мундариҷа ва шаклу услуби бадеиву адабӣ мувофиқи талаботи замон инъикос намоянд. Баррасии ин хусусиятҳо барои омӯзиши комили ҳавзаи адабии Хуҷанд дар шакли адабиёти дузабона никоти хеле муҳиммеро боз мекунад. Нахуст ин ки ҷараёни дузабона дар адабиёти давр баробари жанрҳои маъмул мисли қасидаву ғазал ва манзума рушд кардан ва мавқеъ гирифтан, дар жанри ҳаҷв низ истифодаи вофир пайдо кардааст. Вале қисмати асосии ашъори шоирони ин давраро жанри ғазал ташкил медод. Сониян, дар ҳавзаи адабии Хуҷанд дар доираи фарогирии адабиёти дузабона истифодаи муламмаъ ривоҷ пайдо кард, яъне шоирони ин ҳавза дар баробари унсурҳои маъмулии муламмаъ дар шеърҳои тоҷикӣ – аносири туркиву арабӣ аз аносири русӣ (дар мисоли эҷодиёти Асирӣ ва Файёз) низ истифода кардаанд, ки он ба шинохти ин унсурҳо ҳамчун зуҳуроти навгароӣ омил шудааст.

### 1.4. Мақоми бонувони суханвар дар инкишофи адабиёти давр

Дар охирҳои асри XVIII то ибтидои асри XX дар канори дигар шаҳрҳои Фароруд дар шаҳри Хуҷанд низ нуфузи суханварон бештар гардид, ки дар ин миён ҷойгоҳи бонувонро метавон ба таври махсус таъкид намуд, зеро дар асрҳои мавриди назар теъдоди зиёди бонувони сухангустар аз тамоми адвори пешин имтиёз дорад. Дар таҳқиқ ва баррасии осори занони суханвар, пеш аз ҳама, осори худи онҳо ба мо кӯмак мерасонад, зеро ба табъ расидани ашъори шоироне ба монанди Нодира, Дилшоди Барно, Гавҳархонум, Қамбархон, Муаттархону Муаззамхон барои беҳтар омӯхтани моҳият ва мазомини эҷодиёти онҳо саҳми калон дорад.

Нахуст, қайди ин нукта зарур аст, ки перомуни ҳаёт ва эҷодиёти бонувони соҳибзавқи тоҷик, аз ҷумла занони суханвари Хуҷанд аз осори Т.Усмон [164], Э.Шодиев [59; 60; 189], Б.Ҳиҷозӣ [17], М.Муллоаҳмад [7], А.Насриддин [45], М.Мирзоюнус [126], М.Ӯрунова [165], Д.Ваххобзода [101] М.Ҳомидзода [53] ва чанде дигар маълумот пайдо кардан имкон дорад, зеро

муҳаққиқони фавқуззикр дар баррасии ин мавзуъ қадами устуворе ниҳодаанд.

Чунонки зикр гардид, аз нахустин нафароне, ки роҷеъ ба занони суханвари тоҷик маълумот додааст, Т.Усмон мебошад. Муҳаққиқи номбурда бисту се нафар занони порсигӯйро аз асри X то асри XIX, аз ҷумла, бонувони суханвари Хуҷандро муаррифӣ намудааст [164].

Яке аз муҳимтарин тазкираҳое, ки дар охири асри XX интишор ёфта, ба масъалаи нақши занони суханвар дар адабиёти тоҷик рӯшанӣ меандозад, тазкираи «Шоираҳои тоинқилобии Хуҷанд»-и Э.Шодиев мебошад. Дар ин тазкира ҳаёт ва мероси адабии 5 нафар бонуи Хуҷанд батафсил шарҳ ёфтааст [59, 6-54].

Дар «Тазкираи Андарунӣ»-и Б.Ҳиҷозӣ, ки берун аз Тоҷикистон рӯйи кор омадааст, дар хусуси 4 нафар – Бифазилат, Зебо, Муаззамахон ва Муаттархони Хуҷандӣ маълумот оварда шудааст [17, 303-309].

«Тазкираи шуарои Хуҷанд»-и профессор А.Насриддин муаррифгари асосии шоирони Хуҷанд мебошад. Муҳаққиқ ба бонувони суханвар диққати махсус дода, дар хусуси ҳафт тан бонуи хуҷандзамин, аз қабили Мӯниса, Зебо, Қамбархон, Муаззамхон, Муаттархон, Бифазилат ва Шарифабибӣ маълумот овардааст [45, 435- 460].

Рисолаи номзадии Д.Ваҳҳобзода, ки дар мавзуи «Сарчашмаҳо ва вежагиҳои ғоявию бадеии осори занони суханвари форсу тоҷик дар асри XIX» мебошад, роҷеъ ба муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзиш, масъалаҳои асосии таҳқиқи осори занон, ҳунари шоирӣ ва ашъори занони суханвари ҳавзаи Мовароуннаҳр баҳс мекунад [101].

Дар таҳқиқоти ин олимон асосан хусусиятҳои ашъори бонувони суханвар дар даврони мухталифи инкишофи адабиёти тоҷик таҳқиқ шудааст. Дар ин фасли рисола муҳимтарин вежагиҳои ашъори бонувони суханвари асрҳои мавриди назар ва мавзую мундариҷаи осори онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, зеро бонувон низ дар такмили ҷанбаҳои мухталифи адабиёти ин ҳавза саҳми худро гузоштаанд.

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои мавҷуда дар давраи мавриди таҳқиқи мо 9 бонуи суханвар зиндагӣ карда, асосан суннатҳои хоси адабиёти пешинро идома додаанд. Беҳтарин сарчашмае, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ин шоирҳо маълумот медиҳад, ашъори худи онҳост. Бинобар ин, аз баррасии эҷодиёти ин занони суханвар, шиносоӣ бо муҳити зист, ҷаҳонбинии онҳо маълум мегардад.

Яке аз бонувони суханвари ин давра *Қамбархони Хуҷандӣ* мебошад, ки дар миёнаҳои асри XIX зиндагӣ намуда, бо тахаллуси «Хуҷандӣ» ашъорашро ба қалам овардааст. Бино ба маълумоти Э.Шодиев «Қоимахон-ая Қамбархони Хуҷандӣ 68 сол умр дида, таваллуди ӯ тахминан байни солҳои 1810-1820 рост меояд. Аз ин мебарояд, ки шоир дар байни солҳои 1876-1880 вафот кардааст. Ӯ аз гузари Чоршанбеи маҳаллаи Масҷиди Саври Хуҷанд буда, тамоми ҳаёти худро дар ин шаҳр гузаронидааст». Ин тазкиранигор дар давоми сухани хеш маълум менамояд, ки «Дар дастнависе, ки то замони мо омада расида, 49 шеъри шоир, ки аз 800 мисраъ иборат аст, ҷой дорад» [59, 13]. Мероси адабии ӯ аз ғазалу мухаммасҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ иборат буда, аз маҳорати баланди ин шоири зуллисонайн дарак медиҳад. Бино ба маълумоти А.Насриддин Қамбархони Хуҷандӣ ба толибилмон кутуби аҳком ва адабро низ тадрис мекард. Духтарони ӯ – Муаттархон ва Муаззамхон низ дар мактаби модар тарбият гирифта, ба забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ ашъор сурудаанд [45, 447].

Аз мутолиаи ашъори Қамбархон маълум мегардад, ки ӯ дар шеър бештар ба хусусиятҳои сабки бедилӣ пайравӣ мекунад. Барои намуна аз як ғазали шоир ду байт зикр мешавад:

*...Кушода уқдаи дилро биҷустам аз насими субҳ,*
*Шукуфта ғунчаи дилҳо ба гулшан бо сабо муҳтоҷ.*
*Танам бедалқу поҳоям бараҳна, кӯ ба кӯ гаштам,*
*Хуҷандӣ ошиқе ҳастам чу булбул бо наво муҳтоҷ* [45, 447].

Шеваи таркибсозӣ, дар мисоли «кушоди укдаи дил», «насиби субҳ», «ғунчаи дил» ва истифодаи калимаи «муҳтоҷ» ба сифати радифи ғазал онро ба сабки ҳиндӣ наздик намудааст.

Муҳимтарин мавзуоти эҷодиёти Қамбархони Хуҷандиро <u>*шикоят аз замона, ҳаёти вазнин, фақру нодорӣ*</u> ташкил медиҳанд.

Аз ашъори шоир маълум мегардад, ки ӯ дар шароити вазнин, танҳо ва ғарибона умр ба сар бурдааст. Яке аз ғазалҳои ӯ ҳақиқати ин амрро бозгӯйӣ мекунад:

*Ба олам аз ҳама ғамҳо фироқи бекасӣ мушкил,*
*Зи фикри зиндагӣ ин ҷо фироқи бекасӣ мушкил.*
*Асири фурқатӣ, ёро, хафифу зору бемоpо,*
*Ба ҳар ғамҳо гирифторо, фироқи бекасӣ мушкил...*
*Тағофул то ба кай созӣ ба озори мани мискин?*
*Ҳабибо, маҳвашо,ҷоно, фироқи бекасӣ мушкил...* [45, 450]

Такрори радифи аҷоиби «фироқи бекасӣ мушкил» дар ин ғазал шарҳи воқеии зиндагонии шоир ба шумор меравад.

Қамбархони Хуҷандӣ яке аз донишмандони замони худ ба ҳисоб мерафт. Ӯ мисли худ шахсони «фозил ва арбоби маънӣ»-ро ҷустуҷӯ мекард, вале дарнаёфта, бисёр андӯҳгин мешуд.

Дар баробари зуҳури хусусиятҳои сабки ҳиндӣ дар миёни ашъори шоир ғазалҳое низ ба чашм мерасанд, ки бо суннатҳои хоси адабиёти гузашта ба қалам омадаанд. Ғазали ошиқонаи зерин таҷассуми равшани хусусиятҳои сабки шоирони пешинро ба хотир меоварад:

*Тири нигоҳи ҷонон карда маро нишона,*
*Шуд синаам ҷароҳат, худро кашам карона.*
*Гуфтам: «Расон ба васлат» рӯзе ба аҷзу зорӣ,*
*Гуфто: «Биё замоне дар суҳбатам шабона».*
*Гуфтам: «Шудам ғуломат, ман садқаи каломат»,*
*Гуфто: «Макун маломат бо мардуми замона»...* [7, 574]

Қамбархони Хуҷандӣ дар ашъори худ мақоми аҳли меҳнатро боло донистааст, ки ин аз гуногунрангии мавзуоти шеъри вай дарак медиҳад. Ӯ аҳли ҷоҳ ва нафароне, ки ба ғайр аз хӯрухоб дигар ҳунаре надоштанд, «ҳайвон» ном мебарад. Дар канори ин, шоир новобаста аз ҷабру ғами рӯзгор дар дил орзуҳои зиёде парварида, ҳар субҳро бо умеду орзуҳои нав истиқбол мекард:

*То ба кай хобӣ ба ғафлат, бехабар з-асрори субҳ,*
*Хез, эй ғофил, нигар бо талъати дидори субҳ...*
*Иллати дарди дилатро то ба кай ҷӯӣ даво,*
*Гар шифо дорӣ таманно, рав, ту шав бемори субҳ!*
*Хӯрдану хуфтан шиори худ макун ҳамчун баҳим,*
*Бош акнун, эй бародар, як шабе бедори субҳ...* [59, 16]

Ё ин ки фалсафаи гузаштани умр ва ғофил мондани инсон низ дар он ҳамчун як рукни андешаи ахлоқӣ шарҳу тафсири хосае пайдо намудааст:

*Во дареғо, фурсати умри азизат шуд талаф,*
*Эй ба ғафлат монда ғофил, аз қарини нохалаф.*
*Ту агар огаҳ зи асли хилқати худ мешудӣ,*
*Гавҳаре будию гаштӣ, эй данӣ, санги хазаф...* [45, 449]

Аз бонувони суханвари дигари ин давра *Муаззамхони Хуҷандӣ* мебошад, ки соли 1249/ 1833 дар гузари Чоршанбеи маҳаллаи Масҷиди Савр ба дунё омада, аз наврасӣ бо қобилияти баланди худ аз дигар ҳамсолонаш фарқ мекард. Дар ташаккули истеъдоди эҷодиаш модараш Қамбархон ва падараш Мулло Мирсаид нақши муассир гузоштаанд. Бино ба маълумоти А.Насриддин «Пас аз касби илму дониш, ҳамроҳ бо шавҳараш дар шаҳрҳои Самарқанду Ҷиззах сафар карда, дар синни 84 - солагӣ (1917) дар Ҷиззах вафот кардааст» [45, 451].

Дар шеърҳои Муаззамхон ишора меравад, ки ҳаёти ӯ дар ғарибӣ, бо азобу ранҷ ва кулфатҳои зиёд сипарӣ шудааст. Шоири ба ғаму дард гирифторшуда аз чор фарзандаш паси ҳамдигар ҷудо мешавад. Вафоти

фарзандон, ғаму андӯҳ, ғарибӣ ба саломатии шоир бетаъсир намонданд. Ӯ дарди дилро тавассути ашъораш иброз мекард:

*Ба рӯзи бекасӣ ҷуз ғам ғарибонро кӣ мепурсад?*
*Ба ғайр аз дард, ҳоли дардмандонро кӣ мепурсад?*
*Зи васли дӯстон маҳрум, ватан вайрона маҳзунам,*
*На волид, на валад, ин хонавайронро кӣ мепурсад?* [45, 451]

Муаззамхон ба монанди модараш Қамбархон ва хоҳараш Муаттархон шоири зуллисонайн буда, бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ашъор сурудааст. Тавре таъкид гардид, шоир умри худро ба хорию зорӣ гузаронида, дар охир пиру бемадор ва фалаҷ гардидааст. Ӯ дар бистари марг саҳифаҳои вопасини ашъорашро таълиф намуда, ки аз сурудаҳояш ин маънӣ ба таври барҷаста ҳувайдост:

*Ман шудам дар ҳаҷри ӯ, эй дӯстон,*
*Бемадору бемадору бемадор.*
*Хуфтаам дар бистари фурқат мудом,*
*Дилфигору дилфигору дилфигор...* [45, 451]

Муаззамхони Хуҷандӣ яке аз шоирҳои бомаҳорати аҳди хеш ба шумор рафта, афкори пурбаҳо ва ҳиссиёти нозукаш дар шеър ба таври возеҳ инъикос ёфтааст. Барои равнақи эҷодиёти вай мутолеаи ашъори шоирони тоҷик ва ӯзбек таъсири равшан гузоштааст. Аз шоирони ӯзбек бештар эҷодиёти Алишер Навоӣ ва Фузулиро қироат мекард. Ҳатто, ба як ғазали ӯзбекии Алишер Навоӣ пайравӣ карда, ғазале эҷод намудааст. Маҳорати баланди шоирро ба назар гирифта ҳамзамононаш ӯро «Зебунисо»-и замони худ номидаанд [59, 31].

Ашъори Муаззамхон ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Ба фикри ёрони ӯ шоир ду девон тартиб дода, ки яке ба форсӣ ва дигаре ба туркӣ будааст [59, 30]. Дар мавриди соҳибдевон будани шоир муаллифи «Тазкираи Андарунӣ» низ ишорае намудааст: «Ӯ ҳамонанди хоҳараш табъи шеър дошт ва ба форсиву ӯзбекӣ шеър месуруд ва девони шеър низ дошт» [17, 309]. Аммо девони тоҷикии шоир то ҳоло дар дастрасӣ қарор надорад. Аз ашъори

боқимондаи ӯ равшан ҳувайдост, ки бештар ба сабки қудамо шеърҳои равон сурудааст.

*Муаттархони Хуҷандӣ* аз бонувони дигари соҳибҳунари ин давра ба шумор меравад. Бино ба маълумоти хешовандонаш ӯ 100 сол умр дида, аз хоҳараш Муаззамахон се-чор сол хурд будааст. Аз ин рӯ, тахмин меравад, ки байни солҳои 1835-1840 дар Хуҷанд таваллуд ёфтаву «муддате дар шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр умр ба сар бурдааст. Солҳои охири умраш дар Хуҷанд сипарӣ шуда ва дар зодгоҳи худ ба дор-ул-бақо реҳлат кардааст» [45, 453].

Ба таъкиди Э.Шодиев «Мероси шоир дар «Маҷмуаи се шоираи Хуҷанд», ки ба қалами Муаттархон тааллуқ дорад, дохил мешавад». Ҳамзамон, ҳамин муаллиф қайд мекунад, ки «шеърҳои Муаттархон мисли шеърҳои Қамбархон ва Муаззамахон аз ҳамду наъти анъанавӣ иборатанд, аммо шеърҳои ӯ дорои махсусияти хос буда, ба ҷуз оҳангҳои шикоят ва танқиди замон ба тасвири манзараҳои табиат ва фаслҳои сол бахшида шудааст» [59, 43]. Ҳамчунин, Б.Ҳиҷозӣ баъзе аз ашъори шоирро «муассир аз Инқилоби Шӯравӣ» донистааст [17, 308].

Муаттархон дар яке аз шеърҳояш аз фақру ниёз шикоят карда, бо нолаи ҷонгудози заноне, ки азобу ранҷ ва кулфатҳои зиёд доштанд, ҳамсадо буд:

*Дар ин гулшан нишастам чун асирони Яман муҳтоҷ,*
*Чу булбул нола дорам, ашкрезон дар ватан муҳтоҷ.*
*Дар ин айёми ғампарвар, чӣ ҳосил кардам андар бар,*
*Садо аз корвон омад, вуҷуд андар кафан муҳтоҷ* [45, 453].

Аз ин сурудаи Муаттархон равшан ҳувайдост, ки унсурҳои сабки ҳиндӣ дар ашъори ӯ дида мешаванд. Масалан, дар байти аввал вожаи «гулшан» ба маънии «дунё» истифода шудааст. Дар баробари ин, маълум мешавад, ки ин ғазалро дар пайравии яке аз ғазалҳои модари худ бо ҳамин радиф эҷод кардааст [ниг. ба саҳ.: 55].

Муаттархон «Дар шони сардии зимистон» ном шеъраш манзараҳои фасли зимистонро тасвир карда, аҳволи гарони мардумро ба он хеле устодона монанд намудааст:

*Дилам аз сардии фасли зимистон зор менолад,*

*Нафас дар хуни дил печида тӯтивор менолад.*

*Булут дар гардишу дар нола мегардад зи кӯҳсораш,*

*Фалак чун дида барфи аршро хунбор менолад...* [45, 454]

«Нафас дар хун», «хунбор нолидани фалак», «аз ҳезум фарёдбардаст шудан» аз ҷумлаи таркибҳое ҳастанд, ки бо шеваи пайравони Бедил сурудани ӯро бозгӯйӣ мекунанд.

Забони ашъори Муаттархон содаву равон, дилнишину фасеҳ буда, бештар ба сабки мутақаддимин наздикӣ дорад. Агар қисми зиёди ашъори Муаззамахонро шеърҳои ӯзбекӣ ташкил диҳанд, аз они Муаттархонро шеърҳои тоҷикӣ ба вуҷуд овардаанд. Агар Муаззамахон оламро «зиндон», «мотамсаро» ташбеҳ карда бошад, Муаттархон онро «майдони бедармон» унвон додааст:

Муаззамахон:

*Даҳр чун мотамсаро, дар он касе дилшод нест,*

*Бар ҳама халқон бувад ин хона зиндон, ғам маҳӯр.*

Муаттархон:

*Дар ин майдони бедармон, начидам як гули хандон,*

*Ба ҳолам сунбулон ҳайрону ман дар ин чаман муҳтоҷ*

[165, 335].

Муаттархон ҳарчанд зиндагии басе душворро паси сар карда бошад ҳам, аммо аз ӯ мероси гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки ба таври куллӣ ҳанӯз ҷамъоварӣ нашудааст.

Дигар аз бонуи суханвари давраи мавриди таҳқиқи мо *Зебои Хуҷандӣ* маҳсуб меёбад. Бино ба маълумоти Э.Шодиев ва А. Насриддин аввалин нафаре, ки роҷеъ ба рӯзгор ва фаъолияти шоир маълумот медиҳад, А.Ҳабибов мебошад [60, 129; 45, 445]. Зебо шоири соҳибдевон буда, мутаассифона, девони ашъораш аз байн рафтааст. Аммо метавон бо ғазалҳояш аз сафинаву баёзҳои хаттӣ шинос шуд. Э.Шодиев қайд мекунад, ки «дар дастнависи №1933, ки дар ганҷинаи китобхонаи ҷумҳуриявии ба

номи Абулқосим Фирдавсӣ маҳфуз аст, ҳафт ғазали шоир ҷой дорад». Ҳамчунин, дар «баёзи чопии Лутфуллохоҷаи Дарвозӣ (ш.Когон с. 1910) шеърҳои Зебои Хуҷандӣ дохил шудааст» [60, 129], ки дар ин бора муаллифи «Тазкираи Андарунӣ» низ ёдовар шудааст [17, 306].

Дар тазкираи Э.Шодиев 5 ғазал ва дар тазкираи А.Насриддин аз шоир 4 ғазал ҷой дода шудаанд, ки танҳо 2 адади онҳо ба ҳам умумият доранду халос. Дар «Тазкираи Андарунӣ» бошад, 1 ғазал оварда шудааст, ки дар сарчашмаҳои дигар аз лиҳози ҷойивазшудани байтҳо тафовут дорад:

*Шаҳиди теғи ҷафои ту, эй ситамгорам,*

*Ба хун тапида чу бисмил ба худ гирифторам.*

*Яке назар зи сари лутф сӯйи ман афган,*

*Ки мустамандаму маҳзуну хаставу зорам* [45, 446].

Аз ашъори бозмондаи шоир маълум гардид, ки ӯ асосан мавзуъҳои *ишқ, зебоипарастӣ ва покиву накӯкориро* тараннум намудааст. Зебоии ёрро ба ҳусни Юсуф шабеҳ додани шоир қариб дар ҳамаи ғазалҳои ӯ дида мешавад:

*Эй ҳусни Юсуфӣ зи ҷамоли ту як асар*

*В-аз рашки орази ту паси парда шуд х(в)ар.*

*Эй сарфарози ҷумлаи хубон ба қадди сарв,*

*Ҳастӣ зи ҷумла сарвқадон сарфарозтар…* [45, 446]

Дар ғазали дигар:

*... Аз каломат файзи ҷонбахшои Исо як дам аст*

*В-аз ҷамолат ҳусни рӯзафзуни Юсуф як асар...* [45, 445]

*Бифазилати Хуҷандӣ* низ аз бонувони суханвари ин давра ба шумор меравад, ки соли 1862 дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи шоир Хайринисо ба дунё омадааст. Бино ба маълумоти А.Насриддин «модараш Хайруннисо табъи шеър дошт. Падари ӯ Қорӣ Абдуллоҳ аз фузалои Хуҷанд маҳсуб мешуд» [45, 457].

Бифазилат дар овони кудакӣ аз падару модар ятим монда, дучори ҳаёти пуразоб гардид. Ӯ шеърнависиро бармаҳал оғоз карда, баробари эҷоди

мисраъҳои дилкаш, дар кашидадӯзии рӯйҷову сӯзаниҳо маҳорати хосае дошт ва дар байни халқ ҳамчун «Биотуни қаламкаш» машҳур будааст [60, 125].

Бифазилати Хуҷандӣ шеърҳояшро бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод кардааст. Ба маълумоти Э.Шодиев «яке аз дастнависҳое, ки ба қалами Бифазилат мансуб аст, «марсияи Бифазилат» ном дорад. Ин дастнавис аз 18 саҳифа иборат буда, 10 саҳифаи онро шеърҳои худи шоир ва саҳифаҳои сониро шеърҳои Раҳимбои Машраб дарбар мегирад [59, 55].

Шеърҳои Бифазилати Хуҷандӣ дар мавзуъҳои *шиква аз замона, ғарибиву бекасӣ, нодорӣ, тангдастӣ,* эҷод шудааст:

*Худовандо, чӣ бад кардам, асири дарду ғам гаштам,*
*Чӣ бад кардам, кафили ин ҳама ҷабру ситам гаштам.*
*Ҳама умрам ба дарду ғуссаю ранҷу алам гаштам,*
*Зи дасти бекасӣ аз зарраи хошок кам гаштам*
Шудам ҳар чиз ман аз қисм, сӯрохи қалам гаштам.

Дар идома хонанда эҳсос мекунад, ки шоир аз нобасомониҳои замона азияти зиёде кашидааст.

*Ду ҳарфе, эй рафиқон, аз дили ғамноки худ гӯям,*
*Зи дасти бекасӣ, аз дидаи намноки худ гӯям.*
*Дили ман танг шуд, аз интизори ҳоли худ гӯям,*
*Шумо маъзур доред, эй рафиқон, рози худ гӯям,*
*Аз ин ранҷи дарози худ ман акнун пурсухан гаштам...*[60, 126]

Ба назар мерасад, ки матни мазкур ё аз рӯйи дастнавис ғалат баргардон шудааст ё мушкилоти дигаре ҷой дорад, ки сабаби эҷоди ғалатҳо дар қофияи он шудааст. Бо сабаби он ки дигар нусхаи дақиқи хаттии шеър дар ихтиёри мо набуд, ҳаминро зикр намудем.

Аз рӯйи маълумоти Э.Шодиев «Дастнависи дуюми Бифазилат аз 100 саҳифа зиёдтар буда, асосан дар шакли баёз аст. Дар он дар қатори шеърҳои худи ин шоир, ашъори Ямин, Мунирӣ, Нозук, Ғиёсуддин ва дигарон ҷой дорад. Шоир бар ин баёз низ шеърҳои дузабонаи худро ворид кардааст» [60, 127].

Дар баёзи Бифазилат рубоиҳои хеле бисёр ҷой гирифтаанд, ки «умдатан ошиқона» [17, 303,] буда, нақши ӯро дар эҷоди ин навъи шеърӣ бозгӯйӣ мекунанд:

*Дидам, саname кӯза ба дас(т) меояд,*

*Аз дидани ӯ ба дил ҳавас меояд.*

*Гуфтам: «Санамо, бидеҳ маро як бӯса!»*

*Хандиду ба ғамза гуфт: «Кас меояд!»* [45, 457].

Ҳарчанд, ин рубоӣ ба Бифазилат нисбат дода мешавад, аммо аз рӯйи муҳтавои он тахмин намудан мумкин аст, ки гӯяндаи он бояд мард бошад.

Миёни мероси адабии шоир, ки ба мо дастрас аст, ба ҷуз аз баёзҳо, мактубҳои назмию насрӣ низ мавҷуданд, ки онҳо низ бо ду забон таълиф шудаанд, Аз ҷумла, яке аз мактуботи вай чунин оғоз мешавад:

«Дуои салом аз ҷониби дӯсти камсухан ба ҷониби он дилбари нозукбадан, ба ҷониби маҳбуби ширинсухан, офтобталъату муштарисоат, зебоқаду оҳучашм, лоларӯю сунбулмӯй, кабки хуҷастафарҷомӣ, ҳамчун сарви хиромон, лабҳуққаю дандонмарҷон, яъне ба нолае марҳаматнадида, ҳалқаи бандагии шуморо дар гӯш карда ҳастам...» [59, 58].

Дигар аз бонуи суханвари ин аҳд *Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ* мебошад. Бино ба қавли А.Насриддин «аз ҷумлаи шуарои муҳоҷир буда, дар Арабистони Саудӣ рӯзгор ба сар бурдааст» [45, 458]. Дар бораи зиндагӣ ва рӯзгори ӯ муаллифи «Армуғони Саббоқ» чунин навиштааст: «Оҷиз тахаллуси Шарифабибӣ бинти Домуллои Бедил ҳастанд, ки завҷаи афифаи Домулло Низомуддини Марғилонӣ ва модари Абӯбакр Махдуми Сидқӣ мебошанд. Дар соли 1319/ 1901 чашм ба дунё кушудаанд. Ин зот бисёр зани бобарака буданд, ки соҳибаи набераву аберахои зиёде будаанд, бисёр солеҳаву обида ва бисёр духтаронро тарбияи динӣ ва адабӣ додаанд. Ба ҳар се забон –арабӣ, форсӣ ва туркӣ шеър гуфтаанд» [1, 179].

А.Насриддин дар «Тазкираи шуарои Хуҷанд» 40 байт аз ашъори Шарифабибӣ овардааст, ки асосан онҳо аз «Армуғони Саббоқ»-и Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Саббоқ гирифта шудаанд. Намуна аз ашъори ӯ:

*Аввало, бодо Худоят, аз ту розӣ, эй писар,*

*Дувумин, бошад шафоатхоҳи ту хайр-ул-башар.*

*Савумин, ҳар ҳоҷате дорӣ, раво созад Худо,*

*Мақсадат гардад ҳусулу боғи умрат пурсамар...* [45, 458]

Дар ин суруда Шарифабибӣ ба писари худ мурочиат карда, дар бораи иштиёқи худ аз падару модар, ғарибӣ ва кулфату ранҷҳои дидааш нақл кардааст. Аз сабаби он ки меҳнати тоқатфарсои он замона шоирро тамоман ранҷуру дилшикаста гардонида буд, ӯ ба фарзандаш мегӯяд, ки ту бар ман на писарӣ, балки падар ҳастӣ, зеро шоир, чунонки қайд гардид, дур аз падару модар дар ғарибӣ зиндагонӣ мекард:

*...Дар замони волидайн азбас таваллуд ёфтӣ,*

*Ман намегӯям туро фарзанд, мегӯям падар.*

*З-оби навмедӣ машӯ рӯйи маро, раҳме намо,*

*Аз карам, ҷоно, ба чашми марҳамат сӯям нигар* [45, 459].

Шеърҳои Шарифабибӣ дар мавзуъҳои *дурӣ аз ёру диёр, бекасӣ, нодориву ғарибӣ* ба қалам омадаанд. Шоир дар яке аз шеърҳояш ба даргоҳи Худованд шукргузорӣ карда, ҳама буду набуди дунёро аз Ӯ медонад. Андешаи мазкурро метавон аз як шеъри шоир бо матлаи *«Ҳазор шукр ба даргоҳи Холиқи якто...»* исбот намуд [ниг. ба: 45, 460].

*Қутбинисо* аз шоирҳои дигари мавриди таҳқиқ буда, соли 1872 дар деҳаи Хистеварз дар оилаи Муҳаммад Зоҳир Охун – донишманд, мактабдор ва маърифатпарвари деҳа тавлид ёфтааст. Таҳсили ибтидоиро дар назди падар ва бародараш – Муҳаммад Юсуф Махсум гирифта, ҳамчун орифаи замон машҳур гардидааст.

Бино ба маълумоти дастрас Қутбинисо соли 1896 хонадор мешавад ва пас аз чанд муддат бо сабаби вафоти ногаҳонии шавҳар, фарзанди ягонааш – Мулло Нуриддинро дар хонаи падар тавлид ва тарбия менамояд. Солҳои 1897-1919 фарзандашро ба мадрасаи Мири Араби Бухоро баҳри такмили илму дониш бурда, худ низ дар он ҷо истиқомат мекунад ва аз каромоту файзи суҳбати фозилону орифон баҳра мегирад.

Пас аз бозгаштан ба зодгоҳ Қутбинисо (дар ҳавлии хеш) ба таълиму тадриси ҷавонони маҳалла мепардозад.

Мулло Нуриддин ягонафарзанди шоир пас аз хатми мадраса дар Бухоро хонадор мешавад, вале мутаассифона тӯй ба мотам табдил меёбад. Бо даъвати касе ба берун баромада, дигарбора барнамегардад. Ёру дӯстон ҷисми мурдаи ӯро пагоҳӣ аз як боғе меёбанд ва дар яке аз мақбараҳои Бухоро дафн мекунанд.

Вафоти ногаҳонии фарзанд ба Қутбинисо, ки бо ранҷу машаққати зиёд, сари танҳо ӯро ба воя расонида буд, таъсири худро расонид:

*Доғи фарзанд он қадар тез аст, аз алмос тез,*

*Дар қиёмат монда дидор, Нуридинҷонам балам* [35, 2].

Ашъори шоир ифодагари *дарду ғам, парешонӣ, ҳасрату андӯҳ* ва *танҳоӣ* буда, ӯ бо оҳанги маҳзун дарди дилашро баён намудааст:

*Мани овораи маҷнуни ҳайрон мондаам танҳо,*

*Ҷудо аз ёри худ, аз ҳамнишинон мондаам танҳо.*

*Надорам як рафиқи ҳамдаме аз ҳоли ман пурсад,*

*Дар ин саҳрои ғам бо доғи ҳиҷрон мондаам танҳо* [35, 30].

Бо гузашти солҳо Қутбинисо аз хонаи бепарасторон Бинишон ном духтараки нобиноро ба тарбияи худ мегирад. Ӯро чун фарзандаш бо муҳаббат ба воя расонида, соҳиби хонаву дар мегардонад.

Бояд қайд кард, ки Қутбинисо на танҳо донандаи илми суханварӣ, балки донандаи хуби Қуръон буда, ҳамчун «устоди биотунҳои Хистеварз» шинохта шудааст [35, 2]. Ин аст, ки чанд нафар занону духтарони деҳа – Нуринисо, Бибисоро, Баҳринисо, Адолат Раҳимова ва дигарон аз шогирдони арзандаи ин шоир шинохта шудаанд.

Саропо ашъори шоир ба васфи *Худову пайғамбар*, ҳамчунин, *рукнҳои дини ислом – рӯзаву намоз ва фазилатҳои он* бахшида шудааст:

*Арзпурсӣ бенавоён, ё Шафеъалмуъминин*

*Ҳам шифои дардмандон, ё Шафеъалмуъминин…* [35, 61]

Дар мавриди дигар:

*...Биёед, эй бародарҳои ҷонӣ,*

*Бигӯем зикри Ҳақ, ин дам ғанимат...* [35, 7]

*Бибии Хуҷандӣ* низ аз бонуи суханвари давраи таҳқиқ буда, соли 1866 дар деҳаи Унҷӣ, ки он замон ба Хуҷанд пайванд дошт, дар оилаи деҳқони миёнаҳол – Ҳоҷӣ Толиб, валади Муҳаммад Ризо таваллуд шудааст. Номи аслии шоир Шарофат буда, занони шаҳри Бухоро Бибихуҷандӣ ва занони шаҳри Хуҷанд Шарофатхола мегуфтанд [60, 132].

Бибии Хуҷандӣ бармаҳал аз модар ятим монда, дар дасти модарандар мемонад. Ҳанӯз аз давраи наврасӣ ба меҳнат қарин гашта, лаҳзаҳои фориғ будан аз кор ба сӯзанидӯзиву қаламкашӣ ва дарздӯзӣ машғул мешуд.

Дар синни 16-солагӣ Бибиро ба деҳқонбачаи камбағал ба шавҳар медиҳанд ва ӯ соҳиби ҳашт фарзанд мешавад, вале бо сабабҳои гуногун чанд фарзандаш паси ҳам дар айёми кӯдакиву наврасӣ вафот мекунанд. Шавҳараш низ бо гуноҳи «иштирокчии шӯриши 4-уми июли соли 1916 ба ҳабс гирифта шуда, дар он ҷо бо бемори вафот мекунад» [53, 210].

Бино ба маълумоти Э.Шодиев Шарофатхола (Бибии Хуҷандӣ – Ш.Ҳ.) ҳангоми дар ҳабс будани шавҳараш ин шеърро навишта ва рӯзи маргаш бори аввал қироат карда будааст:

*Рақибон зери по карданд, намедонам гуноҳат чист?*

*Ба ғамҳо мубтало карданд, намедонам гуноҳат чист?*

*Гуноҳе аз азал нокардаӣ, аз чӣ гунаҳкорӣ?*

*Гирифтори бало карданд, намедонам гуноҳат чист?*

*Ба оҳу нолаву зорӣ бимондам ман, туро бурданд,*

*Бадхоҳон ҷафо карданд, намедонам гуноҳат чист?* [60, 133]

Як нуктаи бисёр муҳим дар баррасии шеъри бонувони ҳавзаи мавриди таҳқиқи мо он аст, ки дар аксари он нақсу лакнатҳои вазну қофияву дигар мушаххасоти шеър ба мушоҳида мерасад. Намунаи боло андешаи мазкурро тасдиқ мекунад.

Бибии ба ғаму ғуссаи гарон гирифторшуда аз пайи фарзанди калониаш Алӣ ҷониби Бухоро равон мешавад ва дар он ҷо бо ҳунари кашидадӯзиву

сӯзанидӯзӣ зиндагияшро пеш мебарад. Вале ба сари шоири кулфатдида боз ғаму ғуссаи дигар меояд: духтараш Онаой якбора вафот мекунад, писараш Алиро бошад, «ба ҷосусии болшевикон айбдор карда ба зиндон мепартоянд» [60, 133; 53, 210].

Зиндагии сангин, дарду ранҷ, шикасту офатҳо, азобу уқубат, аз даст додани ҷигарбандон ва шавҳари ғамхор, фиребу риёкориҳои муллоҳову қозиҳои ҳарис ва ҳамчунин, тавсифи айёми кишту кор, пахтачинӣ аз мавзуотеанд, ки дар ашъори шоир ҷойгоҳи хоса доранд.

Бино ба маълумоти М.Ҳомидзода «Бибишарофат ашъорашро худ рӯйи қоғаз наовардааст. Он чи ки дар рӯзнома ҷамъ омадааст, маҳсули мураттиб Эргашой Сангинова мебошад, ки ҳарчи аз даҳони мардум шунидаашро рӯйи қоғаз овардааст» [53, 211].

Дигар аз бонуи суханвари ин давра, ки зикраш дар тазкираи М.Ҳомидзода омадааст, *Бибиҳидоят* мебошад. Бибиҳидоят духтари калонии Ҳоҷӣ Мирмуҳсин буда, завқи шеърнависиро аз падар, ки бо тахаллуси Осӣ шеър мегуфт, омӯхтааст. Ӯ дар ин ҷода соҳиби илму маърифат буда, сазовори унвони «Бибиотун» шудааст.

Бино ба маълумоти наберааш Озод Аминзода ӯ шеърҳои бисёр навиштааст, аммо онҳо дар мусофириву ғарибӣ (дар Афғонистон – Мазори Шариф) парешон шуда рафтаанд [53, 84]. Ашъори Бибиҳидоят ифодагари *ранҷу азият, сарсониву парешонӣ, дурӣ аз ёру дӯстон ва машаққати мусофирии* ӯ буда, шоир бо сӯзу гудоз фироқу ҳиҷрони хешро аз зодгоҳ чунин баён кардааст:

*Фалак бо мо чиҳо кардӣ, ғарибу бенаво кардӣ,*
*Фалак моро чиҳо кардӣ, ба танҳоӣ адо кардӣ...*
*Ҷудо кардӣ зи модар, ҳам падар, ҳам хоҳару додар,*
*Ба ғурбатхона афкандӣ маро чун бесару бе пар* [53, 84]

Дар маҷмуъ, аз баррасии мавзуъ ва мундариҷа, инчунин сабки сухани бонувони суханвари Хуҷанди давраи таҳқиқ бармеояд, ки дар ин давра аз рӯйи маълумоти дар дастбуда 9 бонуи суханвар зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Дар миёни мероси адабии онҳо асосан жанри ғазал нақши муҳим дошта, рубоиёту дигар анвои шеърӣ низ ба мушоҳида мерасад. Бо сабаби ривоҷи мактаби пайравони Бедил дар ин аҳд дар сурудаҳои ин бонувон ҳарчанд унсурҳои ин мактаби шеърӣ дида мешавад, вале аносири сабки қудамо низ ба назар мерасад. Ашъори занон бо забони сода, бидуни печидагӯиву такаллуф таълиф шудааст.

## Хулосаи боби аввал

Дар умум, аз баррасии масоили меҳварии боби аввал ба чунин хулоса меоем, ки ҳавзаи адабии Хӯқанд, ки дар замони ҳукуматдории Амир Умархон яке аз марокизи бунуфуз дар қаламрави Мовароуннаҳр эътироф гардида буд, дар пешрафти адабиёти форсу тоҷик, ривоҷи шеър бо забони ӯзбекӣ ва ҳамзамон равияи шеъри дузабона нақши муассир гузошт. Дар аҳди мазкур шуарои мавриди назар аз авзои сиёсӣ ва иҷтимоӣ таъсирпазир буданд. Аз ин рӯ, дар ашъори хеш бештар ба масоили иҷтимоӣ рӯ оварда, рӯзгори худро дар ҳама намудҳои шеърӣ инъикос намуданд. Аз ҷумла, муҳимтарин мавзуоти роиҷи адабиёти гузашта, чун ишқ, мадҳу санои аҳли дарбор, сурудани моддаи таърих, сӯгномаҳо, тараннуми илму дониш ва амсоли инро метавон аз ашъори онҳо мушоҳида кард. Ҳамчунин, эшон ҷиҳати изҳори муҳаббати худ ба шаҳри Хуҷанд аз манзараву маконҳои дилфиреб, кӯҳи сарсабзу рӯди пурасрор ва ҳунару маҳорати мардуми он сухан карда, дар ҳама анвои шеърӣ ормонҳои худро тасвир намудаанд.

Бо вуҷуди сахтиву мушкилиҳои рӯзгор шоирони мавриди назар кӯшидаанд, ки мувофиқи талаботи замон беҳтарин анъанаҳои адабиёти пешқадами давраҳои гузаштаро дар мазмуну мундариҷа, идеалу ғоя ва шаклу услуби бадеиву адабӣ инъикос намоянд. Аз ҷумла, ҷараёни шеъри дузабона дар адабиёти давр дар баробари жанрҳои маъмул чун қасидаву ғазал ва манзума дар ҳаҷв низ истифодаи вофир пайдо карда, доираи фарогирии он, ё ба истилоҳи дигар истифодаи муламмаъ дар ҳавзаи адабии Хуҷанд нуфуз касб кардааст. Шоирони ин ҳавза дар баробари унсурҳои маъмулии муламмаъ дар шеърҳои тоҷикӣ аз аносири туркиву арабӣ ва ҳатто русӣ (дар

мисоли эҷодиёти Асирӣ, Фавзӣ ва Файёз) истифода кардаанд, ки ин ҳамчун зуҳуроти навгароӣ тавсиф шудааст.

Аз баррасии мавзую мундариҷа ва сабки сухани 9 бонуи суханвари ин давр бармеояд, ки дар миёни мероси адабии онҳо асосан жанри ғазал мавқеъ дошта, рубоиёту дигар анвои шеърӣ низ ба мушоҳида мерасад. Ашъори бонувон бо забони сода, бидуни печидагӯиву такаллуф таълиф ёфта, ба ривоҷи адабиёти зиндаи халқ таъсир расонидааст. Бо вуҷуди содабаёниву равонӣ дар ашъори баъзе аз онҳо (Қамбархону Муаззама ва Муаттара) бо сабаби ривоҷи мактаби пайравони Бедил унсурҳои ин мактаби шеърӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳамчунин баъзе аз аносири сабки қудамо низ ҷилваи равшан дорад.

# БОБИ II. ТАҲАВВУЛИ ЖАНРҲОИ АДАБӢ

## 2.1. Жанрҳои хурди ғиноӣ

Дар адабиёти ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX аксарияти жанрҳои маъмули шеъри классикӣ: ғазал, маснавӣ, рубоӣ, мухаммас, қасида, қитъа, фард ва ғайраривоҷ доштааст. Шуаро кӯшидаанд, ки дар сароидани чунин анвои адабӣ беҳтарин суннатҳои гузаштагонро идома дода, дар такомули мавзуъ ва мундариҷаи онҳо низ эҳтимом варзанд. Ашъори суханварони ин ҳавза бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ суруда шудаанд. С.Амирқулов дар китоби «Таҳаввули жанрҳои адабӣ дар асри XVIII ва ибтидои асри XIX» [94] ва С.Хӯҷақулов дар монографияи худ, ки «Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX» [172] унвон дорад, дар хусуси жанрҳои адабии ин давр ибрози назар кардаанд.

Мутолиаи ашъори шуарои Хуҷанд нишон дод, ки дар ин давра аксари жанрҳои адабӣ дар мавзуъҳои иҷтимоӣ, ишқу зебоӣ, бенавоӣ, тавсифи табиат, ситоиши илму адаб, ватандӯстӣ ва дигар масоили ҳассоси муҳит эҷод шудааст.

Бо сабаби он ки жанри ғазал дар ин давра низ чун даврони дигари адабиёти гузаштаи мо маъмул буда, яке аз омилҳои аслии муайянкунандаи хусусиятҳои сабкиву мавзуии адабиёт ба шумор меравад, мо онро ба таври комил баррасӣ хоҳем намуд.

Дар адабиёти форсу тоҷики нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ғазал, асосан, дар қолаби суннатҳои ғазалсароии адабиёти пешин давом намудааст. Маъруфтарин суханварони ғазалсарои ин давра Нақибхон Туғрал, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Адо, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Шӯхӣ, Тошхоҷа Асирӣ ва дигарон буданд. Дар ҳавзаи адабии Хуҷанд низ ин навъи шеърӣ роиҷ буд ва, ҳатто, тавре таъкид шуд, қисмате аз шоирони ин ҳавза соҳибдевон ба шумор мерафтанд, ки ин вежагии ашъори онҳо аз рӯйи теъдоди зиёди ғазалҳояшон муқаррар мешавад.

Мо барои муайян кардани хусусиятҳои муҳимтарини жанри ғазал дар давраи мазкур нахуст ба баррасии хусусиятҳои сохтории он таваҷҷуҳ мекунем.

*Ҳаҷми ғазал.* Ғазалҳои шуарои ин давра асосан аз 6-7 то 10-11 байтро ташкил дода, дар мақтаи ғазалҳо ҳусни тахаллус риоя карда шудааст.

Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф:

*...Умри ман бигзашт, Кошиф, дар миёни сӯхтан,*

*Ғайри доғи ноумедӣ нест сомонам чу шамъ* [45, 287].

Зоири Хуҷандӣ:

*...Чу булбул бе тамошои гули рӯйи ту Зоирро*

*Чаман зиндону гулшан гулхану гул ҳамчу хор омад* [45, 347].

Аммо дар баробари ин баъзе ғазалҳои шуаро бидуни риояи ҳусни тахаллус эҷод шудааст. Мисол аз Файёз:

*...Он яке камақлу бадфеъл асту бошад бадзабон,*

*Мешавад ҳар кас зи бадгуфториаш беобрӯ* [48, 16].

Ё ин ки дар ғазали Нозил:

*...Тангчашмӣ ҷӯш дорад, меҳмон маъзур дор,*

*Тоби нон дар ошёни чашми анқо рафтааст* [45, 232].

Ҳамчунин, ғазалҳои баъзе аз шуаро ҳаҷман калон буда, аз 12 то 16 байтро ташкил кардаанд. Ба мисли ғазалҳои Шӯхӣ, Иффат ва Файёз.

Ғазали Шӯхӣ, ки бо матлаи зер оғоз мешавад, аз 22 байт иборат буда, ба назари мо яке аз калонтарин ғазалҳои ин давра ба ҳисоб мешавад:

*Гулшан гирифта ёр зи файзи баҳори ранг,*

*Дар ҳалқа гашт шоҳиди шӯхинигори ранг* [15, 205].

*Баҳрҳои маъмул.* Шоирон дар эҷоди ғазал бештар вазнҳои ҳазаҷи мусаммани солим – чаҳор бор мафоилун (V _ _ _ / V _ _ _/ V _ _ _/ V _ _ _) ва рамали мусаммани маҳзуф – фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун (_V_ _ / _V _ _/ _V _ _/ _ V _/)- ро истифода бурдаанд. Мувофиқи шумораи рукнҳо ва ҳиҷоҳои кӯтоҳу дарози худ ин вазнҳоро дар назмшиносӣ авзони дароз мегӯянд. У.Каримов вобаста ба шумораи рукнҳо ва авзони ғазал аз пажуҳиши

доктор Парвиз Нотили Хонларӣ «Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии авзони ғазал» истифода намуда, рукнҳоро ба гурӯҳи дароз (15-16), миёна (13-14) ва кӯтоҳ (10-12) ҷудо кардааст [114, 63].

Мувофиқи ин таҳқиқ дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX вобаста ба вазъияти иҷтимоию сиёсии Эрон вазнҳои дароз нисбати вазнҳои миёна ва кӯтоҳ ривоҷ ёфта буд.

Гарчанде дар давраи мавриди таҳқиқ вазъи иҷтимоиву сиёсӣ дар Осиёи Миёна ва Эрон аз ҳам тафовут дошт, аммо дар эҷоди ғазал аз ҷиҳати корбурди авзони шеърӣ ихтилоф ва тафовути чашмрас ба назар намерасад. Яъне, ин ба мо собит менамояд, ки бо кадом вазнҳо (дароз, миёна ва кӯтоҳ) сароидани шоирон танҳо ба вазъи иҷтимоиву сиёсии муҳит вобаста набудааст.

Афкори У.Каримовро, ки омил ва сабабҳои ривоҷу пастравии вазнҳои маъмули ғазалро ба ҷуз ба ҳисоб гирифтани таъсири вазъияти иҷтимоию сиёсӣ дар «қонуни диалектикӣ ва объективии жанри ғазал, умри истеъмолёбии он, табиату завқи шоири ғазалсаро, хусусияти сабкҳо ва таъсири мутақобилаи мусиқию ғазал» пиндоштааст [114, 64], мо низ бо овардани чанд намуна қабул менамоем:

Маъюс:

*Дил ба ҳар маҳ/ фил, ки з-он бут/ шиквае сар/ мекунад,*

*Гӯши арбо/би вафоро/ ҳалқаи дар/ мекунад* [45, 222].

_ V _ _ / _ V _ _ / _ V _ _ / _V _ /

Фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун.

Рамали мусаммани маҳзуф

Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф:

*Мекунам о/бод аз ғам /кулбаи вай/ронаро,*

*Фарқ натво/нам кунам аз/ ошно бе/гонаро* [45, 271].

_ V _ _ / _ V _ _ / _ V _ _/ _ V _ /.

Фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун.

Рамали мусаммани маҳзуф.

Хотиф:

*Барои пур/ сишам боз он/ бути танно/ з*(у) *меояд,*

*Қиёмат бин/, ки умри раф/таи ман бо/з меояд* [45, 331].

V _ _ _ / V _ _ _ / V _ _ _/ V _ _ _/.

Мафоилун, мафоилун, мафоилун, мафоилун.

Ҳазаҷи мусаммани солим

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи баррасии авзони шеърии шуарои мавриди назар ба мо маълум шуд, ки эшон асосан дар эҷоди ғазал аз баҳрҳои аслии шеъри форсӣ – ҳазаҷу рамал зиёд истифода бурдаанд.

*Қофия ва радиф.* Аз махсусиятҳои асосии сохтори ғазал қофия, радиф ва тарзҳои истифодаи онҳо ба шумор меравад. Барои санҷиши ҳунари худ шуаро аз қофияҳои ғайримаъмул истифода бурдаанд. Дар ин радиф, метавон қофияҳое, ки аз калимаҳои зиёд ё ибораву ҷумлаҳо таркиб ёфтаанд, ба ҳайси намуна овард, аммо гоҳо мешавад, ки калимаи воҳиде, ки қофия мешавад, ба шеър рангу бӯ ва таровати нав мебахшад. Дар ин миён ашъори шоирони ҳавзаи Хуҷанд низ бо истифодаи қофияҳои гуногуншакл имтиёз дорад. Аксаран, қофияҳоро калимаҳои воҳид ташкил медиҳанд. Мисол:

*Даме, ки шуд ба назар гулшани <u>ҷаҳон</u> манзур,*

*Маро нагашт чу булбул ба ҷуз <u>фиғон</u> манзур* [50, 204].

Корбурди радифҳои ду ё се калимагӣ бошад, ба миқдори кам истифода шуда, дар бештарин ҳолат такрори радифҳои маъмули ғазал мебошад:

*Давлатам чокару иқбол ғулом <u>аст ин ҷо</u>,*

*Қуръаи фоли висоли ту ба ном <u>аст ин ҷо</u>* [45, 272].

Барои сохтани радифи шеър шуаро аз пасоянди «-ро», ҳиссачаи қувватдиҳандаи «-ку», пасванди ҷамъбандии «-ҳо», артикли номуайянии «-е», пасванди исмсози «-гӣ», пасванди исму сифатсози «-ӣ» истифода бурдаанд. Барои тасдиқи фикр намунае аз Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф меорем:

*Шабе кардам ба хотир ёд он зулфи <u>парешонро</u>,*

*Машомам пушти дасте зад насими <u>анбаристонро</u>* [45, 268].

*Ғазали мусалсал.* Ногуфта намонад, ки дар давраи мавриди назари мо ғазалҳое ҳам дида мешаванд, ки аз нигоҳи сохтор ба ғазалҳои мусалсал шабоҳат доранд, лекин пурра ба сифат кардани маъшуқ ихтисос дошта, шоир дар он аз оғоз то охир сифатҳои мухталифи маъшуқаро ба тариқи суол зикр кардааст.

Аз шуарои Хуҷанд ин навъи ғазалро аз осори Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф дарёфт намудем:

*Ду маҳ нишаста ба ҳам, ё ду меҳр карда қирон,*
*Ду гул ба як чаман, ё ду сарв дар бустон?!*
*Ду моҳи як фалаку ду ситора дар як бурҷ,*
*Ду шоҳбози фазои фусун, ду аршмакон.*
*Ду дилбару ду ҷафоҷӯ, ду сеҳргар, ду малеҳ,*
*Ду хуштабассуму ду фитнагар, ду офати ҷон.*
*Ду сарвқомату ду навниҳоли гулшани ҳусн,*
*Ду бевафову ду паймоншикан, ду ғамзасинон...*
*Ба ҳайратам, ки кадомин кушад маро, Кошиф?*
*Ду сеҳрсозу ду найрангбозу фитнанишон* [45, 297].

Аз баррасии ғазалиёти шоирони ин давра бармеояд, ки жанри мазкур аз ҷумлаи асоситарин навъи шеъри шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд буда, барои ифодаи ҳолу ҳавои ошиқона, шарҳу тафсири ранҷу азияти зиндагӣ ва тавзеҳи розу асрори дил, дарду алам, шикоят аз рӯзгори пурпечутоб ва ғайра воситаи матлубе ба шумор меравад, ки шуарои мавриди назари мо аз имкониятҳои он босамар истифода бурдаанд. Дар канори ин, ҳарчанд шуарои ин давра беҳтарин суннатҳои мавзуии жанри ғазалро идома додаанд, аммо дар баробари ин муваффақ бар он шудаанд, ки беҳтарин мавзуъ ва хостаҳои худро ба набзи ҷомеа мутобиқ эҷод намуда, ба ҷанбаҳои мавзуии ғазал тозагиҳо ворид намоянд. Аз сабаби он ки дар боби аввали рисола зимни баррасии мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоирони давр мо асосан бо такя бар ин навъи шеърӣ манзараи куллии муҳтаво ва дарунмояи ашъори шоиронро таҳлилу баррасӣ намудем, ин ҷо аз такрори он фурӯгузорӣ мекунем.

Баробари ин, вежагиҳои сабкии ғазалиёти шоирон ва ҷанбаҳои поэтикии ашъори суханварони ин давра дар боби севуми рисола ба таври муфассал ба риштаи таҳқиқ кашида хоҳад шуд.

**Рубоӣ.** Жанри рубоӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аз анвои маъмули адабӣ маҳсуб гардида, пас аз ғазал ва мухаммас аз маъруфтарин навъҳои ғиноӣ ба шумор меравад. Мавриди зикр аст, ки ташаккул ва рушди жанри рубоӣ дар адабиёти давраи классикии форс-тоҷик аз ҷониби як қатор адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, аз қабили З.Зарифов, А.Абдусатторов, М.Комгор, С.Шамисо, Ш.Кадканӣ ва дигарон ба таври ҷомеъ таҳқиқ шуда бошад ҳам, вале, мутаассифона, таҳаввули минбаъдаи ин жанр ба ақидаи С.Амирқулов дар адабиёти баъдиклассикии тоҷик ҳанӯз баррасӣ нагардидааст [94, 18]. Ин нуқтаи назари адабиётшиноси номвари тоҷик аз он ҷиҳат қобили истиқбол буда метавонад, ки, дар ҳақиқат, вазъи жанри мазкур дар асрҳои мавриди таҳқиқи мо низ ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст.

Нуфузи жанри рубоӣ дар ин давра нисбат ба адабиёти асрҳои XVII ва XVIII дар эҷодиёти шоирони пешқадами нимаи якуми асри XX аён мегардад. Чунончи, аз тазкираи Возеҳ бармеояд, муаллиф аз маҳорати баланди эҷодии Хазонӣ (Хизонӣ) маълумот дода, бо овардани чанд рубоӣ аз эҷодиёти ӯ иктифо мекунад [29, 95].

Истифодаи рубоӣ дар эҷодиёти шоирони ин давр вобаста ба табъи шоирӣ ва равияи адабии пешгирифтаи онҳо, чи аз ҷиҳати миқдор ва чи аз лиҳози адабӣ, гуногун аст. «Ҷой доштани зиёда аз 59 рубоӣ дар ашъори Мирзо Содиқ, 115 рубоӣ дар девони Ҳаҷрӣ, 228 рубоӣ дар девони Носеҳ, зиёда аз 500 рубоӣ гуфтани Адо ва зиёда аз 272 рубоӣ дар девони Нозил далели мақоми шоиста касб кардани ин жанри ғиноӣ дар ин давра маҳсуб мешавад» [94, 21].

Яке аз намояндагони забардасти ин аҳд Шӯхии Хуҷандӣ буда, аз ӯ ҳамагӣ 10 - рубоӣ боқӣ мондааст, ки дар «Тазкираи шуарои Хуҷанд»-и

А.Насриддин 5-то ва аз дастхати № 2313 5 рубоии дигари шоир дастрас карда шуд.

Овардани чанд рубоии Шӯхӣ, ки аз дастхат бори нахуст баргардон ба хати кириллӣ мешавад, мувофиқи мақсад мебошад:

*Ё Раб, чӣ шавад сияҳ сафедӣ гардад,*
*Шоми ғами ман сабоҳи иде гардад.*
*Аз лутфи ту чашми он намедорам ман,*
*Уммеди дилам ба ноумедӣ гардад* [15, 319].

***

*З-ин ғам, ки шудам хиҷил зи поси рамазон,*
*Хуноба шавад равост аз дида чакон.*
*Чун аз сари ман ба суръат ин моҳ гузашт,*
*То соли дигар ту боз, ё Раб, бирасон!* [15, 319]

Ҳамчунин, аз лиҳози мавзуъ ва муҳтавиёт низ жанри рубоӣ таҳаввул пазируфта, дар онҳо оид ба дарки ҳаёти маънавӣ, вазъи иҷтимоӣ, ишқу муҳаббат, ахлоқу тарбия, шикваю танқид, ғарибӣ ва амсоли ин аз мавзуоти муҳимми давра ҷилвагар шудаанд. Дар жанри рубоӣ мавзуъ ва мундариҷаи гуногуни шаклҳои ҷудогонаи лирика дохил гардидаанд, ки дар ин маврид С.Амирқулов чунин андеша дорад: «Дар ин давра на танҳо доираи мавзуъ ва муҳтавиёти рубоӣ ба таври васеъ рушд кард, балки алоқамандона бо таҳаввули принсипҳои эҷоди бадеӣ ва инкишофи мундариҷаи жанрҳои гуногуни адабӣ дар унсурҳои шакл ва шеваю нигориши рубоӣ тағйироте зиёде ба амал омад. Хулоса, табиати халқӣ ва тараннуми рубоӣ эҳё шуд» [94, 21]. Ин муҳаққиқ барои тасдиқи фикри хеш осори Нозилро намуна овардааст [94, 21].

Маврид ба зикр аст, ки аз падидаҳои нодири жанри рубоӣ дар ин давра интишор ёфтани рубоиҳои ирсоли масал мебошад. Истифодаи зарбулмасалу мақол аз давраҳои қадим, ҳанӯз аз давраҳои Рӯдакиву Сино, Фирдавсиву Низомӣ, Балхиву Носири Хусрав, Саъдиву Ҳофиз, Зокониву Амир Хусрав, Бедил ва дигарон хеле фаровон ба назар мерасад. Шуаро зарбулмасалу

мақолҳои халқиро ба риштаи назм даровварда дар баланд бардоштани сатҳи донишу маънавияти миллати худ хизмати босазое кардаанд. Аз рӯйи маълумоти бадастомада фоизи зиёди зарбулмасалу мақолҳо дар адабиёти классикӣ нисбат ба назм дар наср бештар корбаст шудааст.

Аз ин ҷост, ки дар эҷодиёти шуарои асрҳои XVIII, XIX ва ибтидои асри XX зарбулмасалу мақол барои эҷоди осори бадеӣ нақши бориз дорад. Далели ин гуфтаҳо дар нимаи якуми асри XIX таълифи асари ҳамосии «Зарбулмасал»-и Гулханӣ ва дар нимаи дуюми ин аср «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шоҳин мебошад.

Ҷараёни истифодаи зарбулмасалу мақол дар жанри лирика, бахусус, дар жанри рубоӣ низ ба назар мерасад. Ҷой доштани зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ дар таркиби рубоиёти Нозил бозгӯйи ин гуфтаҳост. Ба андешаи У.Каримов дар девони Нозил 88 рубоии ирсоли масали тоҷикию ӯзбекӣ мавҷуд буда, онҳо дар заминаи зарбулмасалҳои халқӣ таълиф шудаанд [32, 21].

Дар рубоиёти Нозил кӯшиши дар мисраи чорум овардани фикри барҷастаи хулосавӣ тавассути зарбулмасал ва мақолҳо ба мушоҳида мерасад. Бино ба иттилои У.Каримов рубоиҳои ирсоли масал тақрибан 40%-и рубоиҳои шоирро ташкил медиҳад. Шоир рубоиёти хешро тавассути зарбулмасал ва мақолҳо обу ранги бадеӣ бахшида, мехоҳад хонандаро тавассути он тарбия намояд:

*Дорам ҳаваси он, ки парам бе пару бол,*
*Дар ҷаннати кӯи дилбари ҳурмисол.*
*Лекин фалак ин боли умедам шиканад,*
*«Ман дар чӣ хаёламу фалак дар чӣ хаёл»* [32, 113].

Мисраи сеюми рубоии мазкур дар девони Нозил ба шакли зер мебошад, ки ба андешаи мо шакли саҳеҳи рубоӣ ба ҳисоб меравад:

*«Кори фалак ин: боли умедам шиканад»* [13, 216а].

Дар фарҳанги мавриди назари мо ин зарбулмасал чунин шарҳ ёфтааст: «Дар мавриди баръакси орзую ҳаваси касе рӯй додани ягон ҳодисаи ногувор ва ё ҷавоби номувофиқ ба суоле гуфта мешавад» [167, 241].

Дар ашъори Нозил боз ба як қатор рубоиҳо вомехӯрем, ки онҳо ба навъи рубоиҳои ирсоли масал хеле шабоҳат доранд. Тафовут дар он аст, ки мисраи сеюми ҳар як рубоӣ чун мисраи василаи руҷуъ такрор ёфта, дар мисраи чорум фикри якум бо сухани барҷаста, ё бо мақол шарҳ ёфтааст:

*Сад сол агар ба ин таҷаммул гузарӣ,*

*Дар қайди балоию ба ғул-ғул гузарӣ.*

*Хуш гуфт Тирозӣ ин суханро бишнав:*

*«Озода нишин гар аз сари пул гузарӣ»* [32, 115].

Дар мисраи дуюми рубоии мазкур низ бо муқоиса аз девони шоир фарқият ба чашм расид, ки шакли саҳеҳи он дар зер оварда мешавад:

*«Бо кӯси шаҳаншаҳиву ғул-ғул гузарӣ»* [13, 212а].

Ҳамингуна фарқиятҳо дар чанд рубоиҳои дигари шоир ба чашм расид. Аз ҷумла, «...Аз зиндагии хомтамаъ мурдан беҳ» [32, 114] / «...З-ин зиндагии хомтамаъ мурдан беҳ» [13, 211б]; «...То гарму хунук шавам ба дашномтарам» [32, 112] / «...Гар гарму хунук шавам ба дашномтарам» [13, 209б]; «Он рӯз, ки май ба ҷоми инсонӣ рехт» [32, 111] / «Он рӯз, ки май ба ҷоми инсон мерехт» [13, 208б] ва монанди ин.

Мисолҳои дигар:

*Як номи накӯ зи сад ҳазор олам беҳ,*

*Аз ҷумла шаҳон Бироҳими Адҳам беҳ.*

*Хуш гуфт Тирозӣ, ин суханро бишунав:*

*«К-овозаи Рустам бувад аз Рустам беҳ»* [32, 76].

***

*Бисёрхурӣ зи иштиҳо маълум аст,*

*Дар бандагӣ аз хавфу риҷо маълум аст.*

*Хуш гуфт Тирозӣ, ин суханро бишунав:*

*«Гӯсола агар нек, зи по маълум аст»* [32, 76].

Гунаи маъруфи ин зарбулмасал дар байни мардум «Гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум» мебошад, ки ба маънии аз кирдор ва саъю кӯшиши ҳар ҷавон ояндаи ӯ маълум мешавад, ба кор рафта. Шакли дигари ин зарбулмасал чунин аст: «Соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост». Ба хотири талаботи вазни шеърӣ Нозил онро ба сурати мисраи боло даровардааст.

Тавре дидем, дар мисраи чоруми ин рубоиҳо зарбулмасал оварда шуда, ки ба руҳи халқ созгор омадани онро нишон медиҳад. Аксари ин зарбулмасалҳо то ҳол бо шаклҳои гуногуни худ мавриди истифода қарор доранд. Мисол, зарбулмасалҳои «Овозаи Рустам – беҳ аз Рустам» дар шаш вариант; «Гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум» дар даҳ вариант дар феҳристи захираи зарбулмасалҳои фолклори тоҷик қайд шудаанд [32, 77].

Вобаста ба мисраи такрори руҷуии рубоиёти Нозил як масъала моро ба андеша овард, зеро У.Каримов дар рисолаи хеш «Нозили Хуҷандӣ» муътақид аст, ки аз 272 рубоии Нозил 18 адад ба тахаллуси Тирозӣ эҷод шудааст [32, 21], аммо ин ақидаро С.Амирқулов рад намуда, чунин менависад: «Ӯ дар мисраҳои мазкур калимаи «тирозе»-ро тахаллуси дуюми Нозил – Тирозӣ гумон карда, бо ҳамин тахаллус навишта шудани қисме аз рубоиёти Нозилро ҳукм кардааст, ҳол он ки аз рӯйи мантиқ ва таносуби сухан зарбулмасалу мақол ва суханони машҳуре, ки дар мисраи чорум иқтибос шудаанд, гӯё маҳсули эҷодии Нозил бошанд. Бинобар ин, калимаи «тирозе» ба тахаллуси Нозил далолат намекунад, чунки тахаллуси «Тирозӣ» ба тахайюли бадеӣ ва тахаллусгузории шуарои нимаи якуми асри XIX рабт надорад. Аз ин рӯ, таъбири муқаррарии «Хуш гуфт Тирозӣ ин суханро бишунав» дар мисраи сеюми ин рубоиҳо ба хуш гуфтани шоир Тирозӣ нест, балки қисми якуми ин ифода – «хуш гуфт» ишорат ба хуш гуфтани шуарои гузашта ва қисми дуюми он – «тирозе ин суханро бишунав» – ифодаи туфайлии таъкидӣ аст, ки шоир аз гуворои ю барҷастагии суханони бузургон ва мақолу зарбулмасалҳои халқӣ ба ваҷд омада, ба хонанда таъкидан мегӯяд, ки «зебу перостагии ин суханро нигар!» Яъне, ин ҷо калимаи «тироз» ба маънои

маъмулии зебу зинат ва оростагию перостагӣ нисбат ба сухани баланду зебо истифода шудааст» [94, 27].

Мо ба ин андешаи С.Амирқулов розӣ шуда наметавонем, чун ин ҷо калимаи «тироз» на ба маънои «зебу зинат ва оростагию перостагӣ ба сухани баланду зебо» истифода шудааст, балки шоир ифодаи «Тирозӣ»-ро нисбат ба худ тахаллус гирифта, ҳамчун зодаи ин шаҳр, ки онро «Тирози ҷаҳон» унвон кардаанд, истифода бурдааст. Аз ин лиҳоз, фикри У.Каримовро, ки «Тирозӣ»-ро тахаллуси Нозил донистааст, ҷонибдорӣ менамоем, зеро ба ин маънӣ фаҳмидани матлабҳои шоир қобили қабул мебошад.

Ҳамин тавр, вазифаи мисраи сеюм дар ин гуна рубоиҳо барои тарғиб намудани ақидаҳои муҳимми иҷтимоию ахлоқӣ тавассути зарбулмасалу мақол, суханҳои маъруфу машҳури бузургони гузашта ва панду ҳикматҳои халқӣ равона шуда, бо чунин тарз шоирони пешқадам суннатҳои адабии пешиниёнро эҳё ва мувофиқи руҳу салиқаи мардум баён намудаанд.

**Навъҳои рубоӣ аз лиҳози қофия.** Мувофиқи маълумоти Р.Мусулмонқулов ва С.Шамисо рубоӣ аз лиҳози қофия ду навъ буда, навъи якуми он: рубоиҳое, ки ҳар чор мисраъ дорои қофия ва навъи дуюм, рубоиҳое, ки бидуни мисраи сеюм, мисраҳои дигар ҳамқофия мебошанд, ки онро хасӣ гӯянд [83, 21; 127, 59]. Аз рӯйи таҳқиқи мо маълум шуд, ки дар ҳамаи давраи таърихӣ нисбат ба рубоии чаҳорқофия рубоии сеқофия бештар эҷод шудааст. Ҳаминро низ бояд илова намуд, ки давраи рушди рубоии чаҳорқофияро С.Шамисо дар эҷодиёти шоирони асри V/ XI, ба монанди Унсурӣ, Абулфоробӣ, Рунӣ, Амир Муиззӣ, Масъуди Саъди Салмон, Азрақӣ ва дигарон медонад [83, 21].

Дар давраи мавриди таҳқиқи мо бошад (асрҳои XVIII, XIX ва ибтидои асри XX) ҳамаи рубоиҳо ба шакли сеқофия таълиф ёфтаанд, ки ашъори шоирон далели ин гуфтаҳост.

**Навъҳои рубоӣ аз назари шакл.** С.Шамисо рубоиро аз назари шакл ба 4 гурӯҳ ҷудо намудааст: *рубоиёти себайта,* ки бино ба маълумоти муҳаққиқ «нахустин гӯяндагони ин навъи рубоӣ сӯфиён буданд...» [83, 223]; *рубоиёти*

*мустазод* – баҳси ин навъи рубоӣ дар баррасии мустазод оварда шуд; *рубоиёти пайваста* – «рубоиётест, ки ҳамагӣ дар бораи як матлаб суруда шуда, мавзуи воҳидеро шарҳу баст медиҳанд» [83, 229] ва *рубоиёти мавқуфулмаонӣ* – маҷмуи рубоиётеро мегӯянд, ки «фаҳму маънии ҳар рубоӣ дар гиру мутолиаи рубоиёти баъдист» [83, 231].

Аз 4 навъи рубоиёти муайяннамудаи С.Шамисо дар ашъори шоирони мавриди таҳқиқ 2 навъи он – рубоиёти мустазод (Нозил, Файёз, Фахрӣ) ва пайваста (Нозил) дарёфт карда шуд. Азбаски навъи рубоии мустазод дар баррасии мустазод оварда шудааст, ин ҷо барои намуна аз навъи рубоиёти пайваста, ки танҳо дар ашъори Нозил ба чашм расид, бо зикри андешаи С.Амирқулов, ки ба девони Нозил дастрасӣ дошт ва «Аз барои маҳбуби дилнавозе» ном силсилаи рубоии шоирро аз ин қабил мешуморид, меорем:

*Хам ношудани сарви равонат дигар аст,*
*Ман қумрии боғи ту, маконат дигар аст.*
*Гуфтам, ки биё, наомадӣ бо дили ман,*
*Фаҳмидам аз ин сухан, гумонат дигар аст* [93, 49].

Ҳаминро бояд илова намуд, ки «рубоиҳои мусалсали Нозил на танҳо дар мавзуи панду ахлоқ, инчунин дар мавзуи ишқу муҳаббат ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ суруда шудаанд» [93, 49].

Ҳамин тавр, рубоӣ яке аз жанрҳои мустаъмали адабиёти ин аҳд ба шумор рафта, дар ашъори шуаро ҷойи намоён дорад. Баррасии сайри таҳаввули ин жанри адабӣ баёнгари он аст, ки ҳарчанд муддате дар адабиёти тоҷикии Мовароуннаҳр аз равнақ бозмонд, вале дар асри XIX беҳтарин суннатҳои рубоисароии адабиёти пешин дигарбора эҳё гардида, шоирону суханварони ин аср шаклу навъҳои мухталифи онро равнақ бахшидаанд, ки намунаи барҷастаи он навъи рубоии ирсоли масал дар эҷодиёти Нозили Хуҷандӣ ва навъи рубоиёти мустазод дар осори Нозил, Файёз ва Фахрӣ ба шумор меравад. Нуфузи мазмунҳои ишқӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ дарунмояи рубоиётро гуногунранг гардонида, омил ба таҳаввули мавзуии ин навъи адабӣ дар асрҳои мавриди назар шуд.

**Қитъа.** Яке аз жанрҳои сермаҳсули шуарои давраи мавриди назар ба ҳисоб рафта, ягона жанрест, ки анъанаҳои хоси классикиро пурра нигоҳ доштааст. Ин жанрро метавон қариб аз осори ҳамаи эҷодкорони давр пайдо намуд. Қитъаҳои шуарои мавриди назар (Шӯхӣ, Нозил, Файёз, Асирӣ) ҳаҷман калон набуда, аз 2 то 16 байтро ташкил медиҳанд. Мавзуъ ва муҳтавои ин қитъаҳоро асосан танқиди аҳли риёкори замон, мазаммати нодорӣ, шикоят аз афроди пасти ҷомеа дарбар мегирад.

Қисми зиёди қитъаоти шоиронро муқаттаоти таърихӣ – рӯйдоду воқеаҳои гуногуни хурду бузурги замон, рӯйдоде аз тартиби девон ё китобҳои дигари таърихӣ, сохтмони иншооти калон, масҷиду мадрасаҳо, ҳодисаҳои хотирмон ва маъракаҳои муҳим – тӯй, марсияҳо дар вафоти пайвандону шахсиятҳои таърихӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Дар умум, аз баррасии мавзуи мазкур маълум шуд, ки шуаро қитъаҳоро барои баёни санаҳои муҳимми рӯйдоду воқеаҳо ва ҳуҷҷату санадҳо бобати масъалаҳои гуногуни ҳаёти замони хеш эҷод намудаанд. Қитъаҳои таърихии давраи мазкурро аз ҷиҳати мавзуъ ба се гурӯҳ дастабандӣ намудем:

*а) барои баёни соли таваллуд ва вафот:* бино ба маълумоти Э.Шодиев Шӯхӣ ба якчанд воқеоти замони худ – «қатли шоҳзода Абдурраҳмон, ки писари Абдулкаримхон (солҳои 1740-1754 ҳукмрони Хӯқанд буд)» [60, 33] ва ба таърихи «қатли Муҳаммад Аминбии Ҳисорӣ, ки дар соли 1177/ 1764 воқеъ шудааст» [142, 6], қитъае навиштааст.

Дар бораи таърихи шаҳодати Туғрал Файёзи Хуҷандӣ низ қитъае таълиф намуда:

*...Давлати узмо насибаш шуд, шаҳодат ёфт ӯ,*
*Ҷойи ӯ фирдавси аъло гашт бо ҳукми китоб.*
*Соли таърихи вафоташ аз хирад ҷустам, бигуфт:*
*«Ҳайфи Туғрал»-ро ба таърихи вафоташ кун ҳисоб!* [48, 94]

Дар ин порчаи шеърӣ ибораи «Ҳайфи Туғрал» моддаи таърих буда, соли вафоти шоирро ифода мекунад, ки мутобиқ ба соли 1337/1919 аст.

*б) барои бунёди иншоотҳо:* аз ишораи Э.Шодиев бармеояд, ки Шӯхӣ дар бораи фатҳи шаҳри Ӯротеппа (Истаравшан) аз тарафи ҳокими онвақтаи Хӯқанд – Эрдонахон (1754-1768) ва калламанора сохтани ӯ қитъаи таърихӣ дорад:

*Торихи фатҳи шоҳро Шӯхӣ ба сад фархундагӣ,*

*Гирандаи шаҳри юзон Эрдонахон карда рақам* [60, 33].

Ҳамчунин, дар мавриди баёни иншооти таърихӣ аз Хотиф қитъае аз тазкираи «Ёди ёри меҳрубон» дарёфт намудем, ки дар тазкираҳои дигари мавриди назар дида намешавад [7, 357]. Қитъаи мазкур «Боғи дилбар» унвон дошта, дар тавсифи боғе, ки бо амри Амир Умархон дар Хӯқанд бунёд ёфта буд, иншо гардидааст:

*Амиралмуслимин сайди Амир шоҳ,*

*Гуле аз гулшани олӣ паямбар...*

*Бино фармуд боғи дилкушое,*

*Ба амри қодири додор довар...*

*Миёни шаҳри Марғенони Хӯқанд,*

*Ки бошад дар масофатҳо баробар...*

*Амири поктинат гуфт таърих,*

*Шавад аз боғи дилбар худ баробар.*

*Аз он ҷустам зи пири ақл ман ҳам*

*Бигуфто бетаваққуф «боғи дилбар»* [7, 357-358].

*в) соли тартиби девон:* бино ба маълумоти Б.Раҳматов «аз қитъаи дигаре, ки дар таърихи тартиби девон омадааст, бармеояд, ки мураттиби девон бевосита бо Шӯхӣ ошноӣ доштааст. Чунончи:

*Ба соли хатми китобаш ба Шӯхӣ он гуфтам,*

*Ки худ маро гули таърихи ин чаман бинамо.*

*Бигуфт: -Ғунчаи матлаб туро шавад хандон,*

*Чу фикр реша давонад ба гулшани шуаро*

Ё ин ки дар абёти дигар соли тартиби девон сареҳан зикр ёфтааст:

*Гуфт Шӯхӣ бо хирад таърихи ин ғамнома чист?!*

*Дар ҷавоби ӯ хирад фармуд: «Мирзо Шӯхӣ» аст.*

Мувофиқи ҳисоби абҷад «Мирзо Шӯхӣ» ба соли 1174/1761 мутобиқ меояд, ки соли таълифи девони шоирро бозгӯйӣ мекунад» [142, 6].

Қитъаи Нозил дар сабаби қатли оми амир Насруллоҳ дар Хӯқанд ва ба сари ҳукумат омадани дасисабозону риёкорон ва шахсони нопок таълиф ёфта, шоир қатлу ғоратҳои беадабонаи тоифаи шаддодтабиатро, ки дар натиҷаи он халқи бегуноҳ тороҷ, мамлакат саросар мотамхона гардидааст, сахт мазаммат намудааст:

*Турфа абнои акскирдор аст,*
*Луқмаҳои ҳалол мурдор аст.*
*Бесаводон ба ном мирзоянд,*
*Хушнависон ба ҳол расвоянд…* [32, 38]

Дар матни рисолаи «Нозили Хуҷандӣ»-и У.Каримов калимаи «ном» ба шакли «ноз» омадааст [32, 38], ки маънову мантиқи дурустро ифода намекунад. Аз ин рӯ, мо шакли дурусти онро истифода кардем. Зимнан бояд қайд намуд, ки ҳангоми таълифи рисола чунин ғалатҳои матнӣ бо мақсади мусоидат барои дарки дурусти маънии ашъор ислоҳ карда шуданд.

Асирӣ дар қитъаи зер ранҷу азоб, кулфату ғам ва қаҳтие, ки ба сари худ ва халқ омада буд, рӯйи қоғаз овардааст:

*Наврӯз шуду лола ба ранг омада ҳам гул,*
*Афсӯс, ки сард омаду бе чаҳ-чаҳи булбул!*
*Ин қаҳтии ғаллот, ҳам ин қиматӣ аз чист?*
*Ҳар рӯз дигар нарху ба ҳар ҳафта дигар пул!* [22, 46]

Ҳамин тавр, иншои қитъаҳои хурди мадҳӣ, таърихӣ, ки аз ҷиҳати ҳаҷм наонқадар бузурганд, масъалаҳои ахлоқ, баёни аҳволи вазнини шахси шоир, аҳли адаб, инъикоси санаҳои муҳим, танқиду мазаммати ҳокимону амирони золим ва амсоли инҳоро фаро мегиранд.

**Мустазод** яке аз қолабҳои шеърии қадимӣ буда, нахустин бор дар қарнҳои V ё VI/XI-XII пайдо шудааст. Ин жанр аз жанрҳои дигар фарқ дошта, таърифи ягона надорад.

Мустазод бо жанри ғазал монандӣ ва баъзе хусусиятҳои муштарак дошта, пайдоиш ва рушди он дар ягон давраи таърихӣ ба таври фарох дида намешавад, аммо нисбат ба дигар давраҳо дар нимаи аввали асри XIX, «он ҳам дар муҳити адабии хонии Хӯқанду Хоразм эҳё шуд, зеро дар ин ду муҳити адабӣ нуфузи шеъру шоирӣ дар рӯзгори маишӣ ва базму тарабу рақсу суруд зиёд гардид, навоҳои халқӣ ва оҳангҳои мусиқии «Шашмақом» васеъ интишор ёфт ва ҳамаи онҳо дар равобити мустақими адабиёт ва фарҳанги халқҳои тоҷик ва ӯзбек сурат гирифт» [94, 30].

Ҳарчанд жанри мустазод дар адабиёти давраҳои гузашта на чандон рушд дошт, аммо дар эҷодиёти намояндаи бузурги ин аср – Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ мавқеи хос пайдо намуд. Андешаи С.Амирқулов, ки дар мавриди ибтикороти Ҳозиқ дар эҷоди ин жанр баҳс мекунад, бамаврид менамояд: «яъне пас аз ҳар мисраъ ба ҷойи як фикраи мавзуни иловагӣ ду фикраи мавзун илова кардааст, ки онро мустазоди мукаррар меноманд» [94, 32]. Инак, порае аз он мустазодро меоварем:

*Аз ноз аҷаб рост ба бар карда қаборо*
*каҷ карда кулоҳе,*
*бо рӯйи чу моҳе,*
*Ҳар рӯз нишон карда дили аҳли вафоро*
*бар ҳар сари роҳе,*
*бо тири нигоҳе…* [94, 32]

Аз шоирони мавриди назар аз эҷодиёти Маъюс мустазод оварда мешавад, ки аз 12 мисраи якфикраӣ иборат аст:

*Наргис ба чаман мунтазири тарзи хиромат,*
*Бихром ба гулзор,*
*Гулҳо ҳама тан гӯш шуд аз баҳри паёмат,*
*Бинвоз ба гуфтор.*
*Аз гарди хироми ту зи тубиу санавбар,*
*Афрохта қомат,*
*Бархост аломоти қиёмат зи хиромат,*

*Ҳуррост намудор* [183, 15].

Яке аз падидаҳои ҷолиби диққате, ки ба интишори жанри мустазод алоқаманд аст, ривоҷи рубоии мустазод ё мустазоди тазмин аст.

Оид ба таърихи пайдоиши ин навъи рубоӣ ихтилофоти зиёде ба чашм расид. Аз ҷумла, Р.Ҳодизода, У.Каримов ва С.Саъдиев [181, 38] ва У.Каримов [115, 186] қайд намудаанд, ки «то асри XVI ин хели рубоӣ роиҷ набудааст» [181, 38; 115, 186].

Дар идомаи сухани хеш муҳаққиқон қайд намудаанд, ки «Намунаи рубоиёти мустазод шоҳид аст, ки шуарои асри XVI Фонии Бухороӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва Бобури Андиҷонӣ дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар шакли рубоӣ ибтикороте намудаанд» [181, 38; 115, 186].

Таҳқиқи ин мавзуъ равшан намуд, ки рубоии мустазод то асри XVI роиҷ буда, ин навъи рубоиро аз ашъори Ибни Ямин [83, 228] ва Шайх Камол дарёфт карда метавонем [46, 1139]. Ба андешаи мо шояд ин муҳаққиқон ба ашъори шоирони номбурда ба таври бояду шояд дастрасӣ надоштанд, ки пайдоиши рубоии мустазодро марбут ба асри XVI шумоштаанд.

Рубоии мустазодро С.Шамисо ду навъ муайян намуда, навъи якуми онро айни худи рубоӣ, ки мисраи севуми он бидуни қофия аст, меҳисобад [ниг. ба: 83, 228].

Навъи дуюми рубоии мустазодро С.Шамисо дар «ифодаи як иборати изофӣ барои ҳар байти рубоӣ» баён намуда, барои тасдиқи фикр аз Ибни Ямин мисол овардааст [ниг. ба: 83, 228].

Чунин навъи рубоӣ (навъи дуюми рубоии мустазод)-ро дар эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ низ дида метавонем [ниг. ба: 46, 1139].

Ҳарчанд то давраи мавриди таҳқиқи мо чунин навъи рубоӣ ба назар расида бошад ҳам, аммо ба андешаи С.Амирқулов рубоиҳои мустазоди Ҳаҷрӣ ва Адо асосан дар шакли тазмин бештар ба рубоиҳои Хайём, Ҳофиз, Ҷомӣ, Навоӣ, Бедил, ва ҳамчунин, рубоиҳои халқӣ таълиф шудаанд. Ин ҷо дар намуна мустазоди Адоро бар рубоии Ҷомӣ меорем:

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*

*оре, ки маро,*

*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест,*

*дар кӯву сафо.*

*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,*

*дар гуфту шунид,*

*Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест*

*бе чуну чаро* [94, 35].

Дар эҷоди чунин навъи мустазод шуарои мавриди таҳқиқи мо низ саъйе намудаанд. Зимни мутолиаи осори эшон аз Нозил – 4, аз Фахрӣ – 1 ва аз Файёз 1 адад дарёфт кардем, ки ҳама ба навъи якуми рубоиёти мустазод (айни худи рубоӣ) дохил мешаванд ва ба андешаи мо ҳама рубоиҳо моли худи шоирон буда, тазмин ба мушоҳида нарасид. Ин ҷо ба намунае аз Нозил руҷуъ мешавад:

*Чанд аз паи гулрухон давидем, гузашт*

*Бо чашми пуроб,*

*Аз нохалафон сухан шунидем, гузашт*

*Бо баҳсу ҷавоб.*

*Бо дайри куҳан, ки воқифи ҳол шудем,*

*Охир ҳама ҳеч,*

*З-он рӯз ҳама даст кашидем, гузашт*

*Чун олами хоб* [32, 116].

Рубоии мустазоди мазкур аз лиҳози мавзуъ фарогири никоти ҳасбиҳоливу иҷтимоӣ мебошад. Чунин ҳолат, яъне дар навъҳои гуногуни шеърӣ ҷой додани мавзуъҳои мубрами рӯз аз махсусиятҳои адабиёти давраи мавриди таҳқиқ ба ҳисоб меравад, ки ҳамин рубоӣ намунаи барҷастае аз он маҳсуб меёбад.

**Фард.** Ин истилоҳ ба маънии «якка, ягона, танҳо буда, шакли шеъриест, ки аз як мисраъ ё як байт иборат аст ва дар он фикри мустақили комил баён гардидааст» [128, 233]. Ба намунае аз осори Хотиф ва Асирӣ руҷуъ мешавад:

*Хирачашмӣ то кай, аз кӯяш бурун шав, эй рақиб,*

*Шуълаи оҳам намедонӣ, ки барқи Хотиф аст.*

***

*Бо аҳли ҳунар нест фалакро сарукоре,*

*Гӯё, ки ба дил дорад аз ин қавм ғуборе* [45, 321].

***

*Ҳар ки чун гӯр ба мотамзадагон ханда кунад,*

*Чашм дорам, ки лаҳад бар даҳанаш хок занад* [23, 134]

Ҳамин тариқ, жанрҳои хурди лирикӣ – ғазалу рубоӣ, мустазод, қитъа, фард дар баробари жанрҳои бузурги давр дар охири асри XVIII то ибтидои асри XX дар қолабҳои анъанавии назми классикӣ офарида шуда, бархе аз онҳо чун жанрҳои маъмул ва инкишофёфтаи адабиёти давр эътироф гардидаанд. Дар ин давра чун даврони дигари адабиёти гузашта ғазал навъи маъмулии жанрҳои хурди ғиноиро ба вуҷуд овардааст. Ҳамчунин, шоирони бузурги адабиёти ин аҳд дар дигар анвои хурди шеърӣ низ таҷрибаҳои хуби ҳунарӣ нишон додаанд, ки аз ҷумлаи онҳо рубоии ирсоли масал маҳсуб мешавад, ки ба номи Нозили Хуҷандӣ мансуб аст. Ҳамзамон шоирон бештар дар сурудани қитъаҳое, ки дорои моддаи таърих мебошанд, маҳорати ҳунарии хешро нишон додаанд, ки ин навъи ашъор дар таъйини воқеаҳои таърихии замон нақши муҳим доранд.

### 2.2. Жанрҳои бузурги ғиноӣ

**Қасида.** Шакли эҷодии назмиест, ки шуаро барои ифодаи фикру мулоҳиза ва орзую ҳаваси худ ба таври мадҳ баён менамоянд. Таърихи пайдоиши ин жанрро ба асри IX нисбат медиҳанд, аммо давраи нашъунамои он ба асрҳои X-XII рост меояд, ки дар ин маврид У.Каримов чунин андеша баён намудааст: «...давраи салтанати хонадони сомонӣ, ғазнавӣ ва салҷуқӣ марҳилаҳои авҷутараққӣ ва шукӯҳи беназири жанри қасида буд [114, 67]. Аммо шуруъ аз асри XIII, ки ба давраи ҳуҷуми муғулҳо рост меояд, азамату шукӯҳи қасидасароӣ коҳиш ёфт. Омили дигаре, ки ба коҳишёбии жанри қасида сабаб шуд, ин ба сифати нави мустақили шеър ривоҷ ёфтани жанри ғазал ва торафт ба руҳияи давру замон мувофиқтар гардидани он мебошад.

Ҳамчунин, роҳ ёфтани мазмунҳои шикваю шикоятӣ ва баёни аҳволи вазнини шахси шоирро низ омили коҳишёфтани жанри қасида меноманд.

Гарчанде мақоми жанри қасида дар асрҳои миёна то андозае коҳиш ёфт, аммо ин жанр чи дар байни шоирони дарбор ва чи дар миёни шоирони берун аз он дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мавқеи худро дубора касб намуд.

Мавқеи устувор доштани жанри қасидаро С.Хӯҷақулов дар бештар таълиф ёфтани он ҳисобида, аз ҷумла баён месозад, ки «дар таркиби осори манзуми Аҳмади Дониш 3 қасида, аз Возеҳ зиёда аз 10 адад, аз Шамсиддин Шоҳин 37 адад, аз Ҳайрат 3 адад, аз Нақибхони Туғрал 13 адад, як адад аз Аҷзӣ, аз Асирӣ 10 адад, аз Абдулвоҳиди Мунзим зиёда аз 15 адад, аз Садриддин Айнӣ 12 қасида оварда шудаанд» [172, 133].

Ҳамчунин, дар рушди жанри қасида шоирони сарзамини Хуҷанд низ саъй намудаанд. Намунаҳои беҳтарин қасоидро аз байни шоирони Хуҷанд метавон аз ашъори Шӯхӣ, Нозил, Камолиддин Махдум, Асирӣ, Маъюс, Зинат, Нузҳат, Хотиф дарёфт намуд.

Як хусусияти муҳимми рушди ин жанр дар нимаи дуюми асри XVIII, ва ибтидои асри XX, пеш аз ҳама, таълифи қасида дар мадҳу ситоиши амири замон буд. Намунаҳои қасоиди аксари шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд дар тазкираҳои Ф.Намангонӣ, Э.Шодиев ва А.Насриддин омадааст, ки барои шинохти вазъи қасидасароӣ дар ин муҳит мусоидат менамояд. Аз мазмун ва муҳтавои қасидаҳои шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд бармеояд, ки бештари онҳо барои тавсифи Амир Умархон қасидаҳо гуфтаанд, ки баъзе намунаҳои онро мо дар фасли дуюми боби аввал овардем.

Хусусияти дигари рушди жанри қасида дар ин аҳд дар ҷавобиянависӣ зуҳур гардида, шуаро бештар аз қасидаҳои машҳури Ҷомӣ ва Навоӣ истиқбол кардаанд.

Бино ба андешаи Н.Охунҷонова «дар тазкираи Фазлии Намангонӣ намунаи қасидаҳои ҷавобияи шоирони давраи мавриди назар ҷой дода шудаанд, ки онро ба ин шакл метавон мушоҳида кард:

Фазлӣ:

*Чун шаҳи ховарзамин шуд зи уфуқ теғзан,*

*Маҳ сари фағфури шаб бурд ба симинлаган…* [141, 31]

Хиҷлат:

*То зи уфуқ сар кашид субҳи мунаққаҳбадан,*

*Шуст ба оби бақо рӯй шаби анҷуман…* [141, 31]

Хотиф:

*Субҳ, ки саҳбои нур шуд зи уфуқ мавҷзан,*

*Соғари заррин гирифт соқии симинбадан…»* [141, 31].

Ҳаминро низ бояд илова намуд, ки ба миён омадани равияи маорифпарварӣ ба эҷодиёти шоирон бетаъсир намонд, зеро шоирони равияи маорифпарварӣ бо баробари устувор нигоҳ доштани анъанаҳои қасидасароии адабиёти гузашта, дар мазмуну мундариҷа, тарзи баён, шаклу услуби жанри мазкур таҳаввул ворид намуданд. Дар ин бора С.Хӯҷақулов чунин навиштааст: «Дар ин давра як навъ ғояҳои маорифпарварона ва афкори танқидиву ифшогарона, хитобаҳои иҷтимоӣ, афкори фалсафию ҳикамӣ дар жанри қасидаи ҳасбиҳолии анъанавӣ мавқеи бештар пайдо кард» [172, 133].

Дар байни жанрҳои дигар дар осори Тошхоҷа Асирӣ низ жанри қасида мавқеи хос дорад. Яке аз қасидаҳояш, ки дар мазамматӣ аҳли замон суруда шудааст, гуфтаҳои моро тасдиқ менамояд:

*…Ман аз риштаи худ қасаб менигорам,*

*Набофам, Асирӣ, палоси касона* [23, 49].

Дар байни қасидаҳои шоир қасидаи «Бурҳони Асирӣ» ё «Одамият чист?», ки дорои мазмуни баланди маърифативу ахлоқӣ ва фалсафиву инсонпарварист, ҷойгоҳи махсус дорад. Қасидаи мазкур соли 1909 дар ҳаҷми 86 байт дар ҷавоб ба қасидаи Бедил: *«Чист гардун? – Он ки яксар сифларо мепарварад»* ва Таҷаллии Кашмирӣ: *«Чист мардӣ? – Он ки худро чун ғазанфар доштан»* эҷод гардидааст. Муҳтавои қасидаро инсони комил ва шинохти он, одаму одамгарӣ, дарки мақому манзалати одам дар ҷомеа дарбар мегирад. Аз оғози қасида бармеояд, ки инсон дар назди шоир аз беҳтарин

мавҷудот ба ҳисоб рафта, маҳз тавассути ақл, дониш, идрок ва ботини покаш аз дигар мавҷудот тафовут дорад. Тасвири шоир ба ҳаддест, ки фазилат ва зебоии инсони комилро дар одоб ва ахлоқи шарқиёна меҳисобад.

*Одамият чист? – Худро дур аз шар(р) доштан,*
*Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.*
*Аз сафо оина бастан хонаи дилро мудом,*
*В-аз чароғи сидқ хотирро мунаввар доштан...*
*Хешро дар шоҳроҳи фақр афкандан ба хок,*
*Дар тариқи фоқа худ аз хор камтар доштан...* [23, 56]

Қасидаи мазкур дар вазни анъанавии рамали мусаммани маҳзуф (фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун (–V– –/ –V– –/ – V– –/ –V–) навишта шуда, аз ҷиҳати услуби нигориш услуби бедилиро қарин аст. Тафовути қасоиди мавриди назарро муҳаққиқ С.Хӯҷақулов дар «мазмун, тасвирҳои шоирона, такомули тахайюли эҷодӣ, афкори фалсафӣ, унсурҳои воқеънигорӣ» донистa, мавқеи одаму одамигариро дар қасидаи Асирӣ баландтар меҳисобад, ки инро метавон «яке аз ғояҳои асосии маорифпарварӣ» номид [172, 136].

Дар қасидаи «Бурҳони Асирӣ» хислатҳои неки инсонӣ, аз қабили хоксорӣ, вафодорӣ, эҳсон, сабру таҳаммул, қаноатпешагӣ, покизагии сиришту ботин, накӯгуфторӣ, далерӣ, ростқавлӣ, росткорӣ, устувор будан дар аҳду паймон ва монанди ин тарғибу тавсиф гардидаанд. Дар ин манзума дар баробари анъанаҳои қасидасароии анъанавӣ, ки ғолибан онро шоир риоя намудааст, ибтикороти ӯро метавон эҳсос кард:

1. баёни озодонаи фикр оид ба муаммоҳои ҳаёт;
2. нигоҳҳои танқидӣ ба тазодҳои иҷтимоии давр;
3. ифода ёфтани ҳар як байт бо хулосаҳои фалсафиву танқидӣ;
4. пурқувват будани ҷанбаи ҳаётӣ ва реалистии тасвир.

Такрор омадани радифи «доштан» – «худро дур аз шар(р) доштан», «хайрхоҳи халқ будан», «нафъи безар доштан», «аз сафо хонаи дилро оина бастан» ва монанди ин дар мазмуни ин қасида сурати воқеӣ-реалӣ касб

намуда, хислатҳои муҳимтарини инсони комилро нишон додааст. Дар идомаи қасида шоир хонандагони хешро ба дӯстдории Ватан ва ҳифзу ҳимояи он равон менамояд:

*...Равзаи ризвони миллатро ба оби иҷтиҳод,*

*Ҳамчу боғи хулд доим тозаву тар доштан.*

*Давр гардидан ба гирди муддао паргорвор,*

*Бар муҳити маркази омол меҳвар доштан...* [23, 57]

Лозим ба ёдоварист, ки ибораи «равзаи ризвони миллат» аз тасвирҳои нави шоир буда, дар мавриди корбасти вожаи «миллат» шоир мафҳуми Ватан, сарзамини ба хоби ғафлат фурӯрафтаи Шарқро дар назар дорад [172, 139]. Асирӣ бо ин абёти худ ҳаммиллатони хешро ба сӯйи ободониву сарсабзии ватан, бунёди иморатҳо, омӯхтани илмҳои замонавӣ раҳнамоӣ кардааст.

Дар умум, қасидаи «Бурҳони Асирӣ» ё «Одамият чист?» аз ҷумлаи осори мондагор, ба қавли Раҳим Ҳошим «яке аз шоҳкории безаволи» Тошхоҷа Асирӣ ба ҳисоб рафта, «аз ҷиҳати маъно, амиқии андеша ва қимати фалсафии худ бо қасидаи машҳури Абдурраҳмони Ҷомӣ «Луҷҷат-ул-асрор» ва қасидаи фалсафии Алишер Навоӣ «Туҳфат-ул-афкор» баробар меистад» [172, 139]. Он дар шинохти инсони баркамол, созандаву бунёдкор ва ба мақсаду маром устувор саҳми бориз дорад.

Қасидаи дигари Тошхоҷа Асирӣ, ки онро метавон мазмунан тоза номид, «Дар бобати мактаби ҷадид ва қадим» ё «Қасида дар боби усули ҷадида» унвон дошта, бо дархости Айнӣ иншо гардидааст. Қасидаи мазкур аз 29 байт иборат буда, шоир дар он мактаби қадимро мазаммат ва усули ҷадидро талқин мекунад:

*Зиҳӣ тариқи муқаддас, раҳи усули ҷадид,*

*Паи ҳусули мақосид чу саъи роҳи ҳадид.*

*Гузида расми муборак накӯтарин дастур,*

*Ситуда қоидаи ақдасу низоми ҳамид...*

*Зи қайди ҷаҳлу сафолат наҷот мебахшад,*

*Ба боби маърифату илму дониш аст калид…*

*Махон ту мактаби дерина мумидди камол,*

*Ҳазор мартаба з-ин раҳ фаротарасту баид…*

*Ба ҷуз шаллоқу адабчӯбу силии устод,*

*Аз ин ҷафокада дигар чӣ ҳосил аст падид…* [23, 70-71]

Ба ҷуз қасидаҳои номбурда дар ашъори Асирӣ чанд қасидаҳои дигар, ба монанди *«Зиҳӣ баҳоре, ки файзи субҳаш баровард сар зи ҷайби баҳман…»* [23, 52-53], *«Эй боди муждапарвар, риҳи паём гӯй…»* [23, 50-51], *«Эй шамъ, туӣ ҳамнафаси сӯзи дарунам…»* [23, 54-55], қасида-қариҳа: *«Марҳабо, эй гули фархундабаҳор омадаӣ»* [23, 60], қасида дар ҷавоби қасидаи Васлии Самарқандӣ: *«Фиғон зи фоли бади бахту толеи инкис»* [23, 61-63], таъбири манзумаи хобе мусаммо ба «Ҳадиқаи Вафо»: *«Дӯш рафтам ба сари қабри Вафо зору низор…»* [23, 64-69] боқӣ мондааст.

Ҳамин тариқ, ба ғайр аз қасидаҳои шоирони номбурда дар девони Шӯхӣ низ 3 қасида мавҷуд аст, ки «яке аз он ба забони туркӣ ва ду қасидаи дигар, яке 44 байт ва дигаре 66 байт буда, зоҳиран дар замони дар дарбори хонҳои Хӯқанд хидмат кардани шоир таълиф шудаанд, зеро мавзуи ҳар ду қасида ҳам мадҳ аст, вале дар ҳеч кадом номи мамдуҳи шоир мактуб нест» [142, 7].

Дар умум, қасида дар аҳди мазкур хусусияти мадеҳиявии худро, ки қаблан ҳамчун ҳадя ба шоҳ таълиф меёфт, аз даст надода, бо баробари ин, дар мазмун ва мундариҷаи он дигаргунӣ – тавсифи мактабҳои усули нав, муомалаҳои ҳасбиҳолӣ, инсон ва инсонгароӣ ва ғайра роҳ ёфтаанд. Он на танҳо дар осори як ё ду нафар шоир, балки дар саросари адабиёти аҳди маорифпарварӣ дар радифи анвои дигари шеърӣ мавқеи устувор пайдо кард ва «ҳатто, дар талқину таъвили мавзуъҳои нави иҷтимогароёна, густариши мазмунҳои наву тоза ҷойгаҳи сарнавиштсозе дошт» [172, 146].

**Мухаммас.** Мухаммас яке аз анвои мусаммат мебошад, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат буда, қофиябандиаш бо шаклҳои *ааааа, бббба* ва ғайра иборат аст. Бино бар таҳқиқи адабиётшиносони хориҷиву ватанӣ − Ҳ.Эте, Е.Э.Бертелс, Ян Рипка, А.Мирзоев, С.Имронов, С.Амирқулов,

А.Насриддин, Ш.Раҳмонов, Н.Нуров дар пайдоиш, ташаккулу рушди он дар таърихи адабиёти тоҷик чаҳор шоир – Манучеҳрии Домғонӣ, Масъуди Саъди Салмон, Сайидои Насафӣ ва Бедили Деҳлавӣ нақши муҳим бозидаанд.

Мувофиқи таҳқиқоти С.Амирқулов теъдоди мухаммас дар адабиёти асри XVI нисбатан кам аст, дар асри XVII бошад, бамаротиб афзуда, дар адабиёти асрҳои XVIII-XIX доманаи хеле васеъ гирифт, ки қариб ҳамаи шоирон мухаммас сурудаанд. Ҳатто, дар эҷодиёти баъзе шоирон мухаммас мавқеи асосиро ишғол карда, шоироне чун Ҳозиқ дар ин навъ пешдастӣ доштани худро бо ифтихор изҳор намудаанд [94, 38].

Дар ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳри асри XVII жанри мухаммас, вобаста ба рушди устувори сабки ҳиндӣ, дар эҷодиёти шоирон бештар гардида, дар миёни онҳо Сайидо мақоми хос пайдо мекунад. Малеҳои Самарқандӣ мухаммасҳои Сайидоро «раъно» ва «гули сари сабад» сифат дода, муболиғаомез «ғазале нест, ки ӯ мухаммас набаста бошад» гуфтааст [120, 77]. Аллома С.Айнӣ низ ба мухаммассаройӣ хуш доштану ба тариқи мухаммас бисёртар бар ғазалҳои Соиб тазмин намудани ӯро таъкид кардааст [116, 117]. Бино бар таҳқиқи А.Мирзоев теъдоди мухаммасҳои Сайидо ба ҳафтоду шаш мерасад [120, 74], ки қариб чил мухаммаси ӯ дар тазмини ғазали Соиб гуфта шудааст. Дар мухаммасоти худ ба ғазалҳои аввалин намояндагони номии ин сабк – Урфӣ, Назирӣ, Калим, Толиби Омулӣ ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир кардани Сайидо, ба ақидаи А.Мирзоев низ ба масъалаи рушди босуръати сабки ҳиндӣ алоқаманд мебошад [120, 39].

Воқеан, анъанаи мухаммассароии адабиёти асри XVII дар эҷодиёти шоирони асрҳои XVIII, XIX ва ибтидои асри XX идома пайдо кард. Чунончи, адабиётшинос С.Амирқулов таъкид карда, «нуфузи равияи адабии «Пайравгарӣ» дар адабиёти асри XIX сабаб шудааст, ки мухаммасбандӣ ҳамчун падидаи эҳёгари адабиёти классикии форсии тоҷикӣ равнақ ёбад» [94, 42]. Азбаски аксари шоирони ҳавзаҳои адабии Мовароуннахр дар асри XIX таҳти таъсиру пайравии Бедил ва сабки ҳиндӣ эҷод мекарданд, мухаммасбандӣ зоҳиран ба услуби назирасароии классикӣ сурат гирифта

бошад ҳам, асоси онро мазмунофаринӣ ташкил медод. Мухаммасбандӣ бар ғазали устодони назм, пеш аз ҳама, чун «яке аз шаклҳои зуҳури робитаи эҷодии шоирон», чун як жанре, ки «дар он таҷрибаи эҷодии шоирони давраҳои мухталифи таърихӣ ҷамъбаст мегардад» [115, 93] ба вуқуъ пайвастааст.

Жанри мухаммас нисбат ба жанрҳои қасида ва қитъа дар эҷодиёти шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд низ бештар ба назар мерасад. Маълум шуд, ки аксари шоирони ин аҳд дар эҷоди жанри мухаммас дасти тавоно доштаанд.

Тавре маълум аст, дар ин давра гурӯҳе аз шуаро пайравӣ аз сабки қудамо ба мисли Саъдию Ҳофиз ва Ҷомӣ доштанд, аммо гурӯҳе вобаста ба роиҷ будани равияи «Пайравгарӣ» (истилоҳ аз С.Амирқулов) асосан ба сабки ҳиндӣ ва намояндаҳои он руҷуъ намудаанд. Нисбати дигар намояндагони сабки ҳиндӣ теъдоди мухаммасҳо ба ғазалҳои Бедил зиёдтар ба чашм расид, ки қисми зиёди мухаммасҳои тазминро ташкил медиҳад.

С.Амирқулов роҷеъ ба мухаммасҳои тазминии шуарои ибтидои асри XIX чунин андеша дорад: «...мухаммасбандӣ дар ин аср зоҳиран ба услуби назирасароии классикӣ сурат гирифта бошад ҳам, бештар принсипи эстетикии равияи «сабки ҳиндӣ»-ро, ки ба «мазмунофаринӣ» бунёд ёфта буд, дар худ маҳфуз дошт [94, 43]. С.Имронов низ дар мақолаи хеш ба ин маънӣ гуфтааст: «Мухаммасбандӣ бар ғазали устодони назм, пеш аз ҳама, чун яке аз «шаклҳои зуҳури робитаи эҷодии шоирон» чун як жанре, ки «дар он таҷрибаи эҷодии шоирони давраҳои мухталифи таърихӣ ҷамъбаст мегардад», эҷод шудааст [112, 73].

Илова бар ин, шуарои мухаммасгӯ аз абёти ғазали шоирони интихобкардаашон илҳом гирифта, андеша ва мулоҳизоти худро зимни истифода аз он баён доштаанд. Дар интихоби ғазал истиқлоли шуарои мухаммасгӯ беш аз пеш афзуд. Онҳо мухаммасро мувофиқи табъ ба кор бурда, агар қисме аз шуаро пурра байтҳои ғазалро мухаммас баста бошанд, бархе фақат байтҳои писанди хешро мухаммас бастаанд. Дар ин хусус, як

қайди С.Айнӣ басо ҷолиб ва бамаврид аст: «Ҳамин ғазали Соиб (*Он маҳлиқо баромад аз хона май кашида, /Моил ба уфтодан чун меваи расида*) дар девонаш, ки дар дасти ман аст, даҳ байт аст. Аз ҳамин даҳ байт Сайидо шаш байташро, Мулҳам ҳафт байташро интихоб карда мухаммас бастааст, ман бошам панҷ байти осонтарашро (яъне мухаммас карданаш осонро) интихоб карда, мухаммас карда будам» [116, 117].

Аксари мухаммасҳои шуарои мавриди таҳқиқ, ки намояндагони равияи адабии «Пайравгарӣ» буданд, дар асоси ҳамин принсип таълиф ёфтаанд. Масалан, Зоири Хуҷандӣ дар қатори дигар шоирони ҳамзамони хеш, ба мисли Нозил, Ҳоҷӣ Ҳусайни Роҷӣ, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Таввобхон, Асирӣ ба ғазалиёти Бедил мухаммас бастааст. Мухаммаси Зоир бар асоси ҳамин принсип таълиф ёфтааст.

Мухаммаси Зоири Хуҷандӣ бар ғазали Бедил дар асоси меъёрҳои шаклии адабиётшиносӣ тибқи суннати хоси мухаммассароӣ эҷод шуда, аз ҷиҳати шакл ба гунаи мухаммаси тазмин дохил мешавад.

Муқоисаи матни мухаммаси Зоири Хуҷандӣ бар ғазали Бедил дар чаҳор нашр нишон дод, ки дар он хатоҳои техникӣ роҳ ёфтаанд. Шакли комилу саҳеҳи матни мухаммаси мавриди таҳқиқ фақат дар нашри аввал [39, 308-309] дуруст омада, дар нашрҳои дуюм [12, 276], сеюм [132, 331-333] ва чаҳорум [45, 349-350] ду-се саҳву иштибоҳи техникӣ ҷой ёфтааст. Аз ин рӯ, матни мухаммаси мавриди таҳқиқ аз рӯйи нашри аввал оварда шуда, хатою фарқҳо дар ҳошия нишон дода мешаванд:

*Ба сад <u>ишва</u> хиромон, зеби рафтор инчунин бояд,*
*Даҳони гавҳарафшон, ҳусни гуфтор инчунин бояд.*
*Ба дил доғу ба сар савдост, ночор инчунин бояд,*
*«Зи ҳар мӯ <u>дом бар дӯшам</u>, гирифтор инчунин бояд,*
*Зи хотирҳо фаромӯшам, сабукбор инчунин бояд».*

*Ману аз по дарафтодан, туву бар ҷой хусбидан,*
*Ману доим фиғон кардан, туву лабҳо ба хандидан.*

*Ману аз ҳаҷр нолидан, туву бар ҷилва нозидан,*

*«Ману дар хок ғалтидан, туву ҳолам напурсидан,*

*Ба ошиқ о*н*чунон зебад, ба дилдор инчунин бояд».*

*Нафас аз синаам дуздиду ашк аз дидаам хун шуд,*

*Ба дил доғи гирифториву аҳволам дигаргун шуд.*

*Намедонам, ки ин ошуфтагиҳо аз чӣ берун шуд?*

*«Нигаҳ хондам, мижа нам рехт, дил гуфтам, нафас хун шуд,*

*Ба дарси аҷзи матлаб яъси такрор инчунин бояд».*

*Набошад ҳиммати зоҳид ба ҷуз шуҳрат, ки медонам,*

*Ҳама тасбеҳу таҳлилаш зи баҳри халқ сомонам.*

*Либоси фақри ин хилватнишиниҳо, ки аъёнам,*

*«Зи ҳоли зоҳид огаҳ нестам, лек ин қадар донам,*

*Ки дар арзи бузургӣ ришу дастор инчунин бояд».*

*Чу рӯ бинмуд ишқ з-оинаҳои ҳайрати имкон,*

*Ҳиҷоби дӯстон гардид як сар хислати имкон.*

*Ба ғайр аз номуродӣ нест доим ҳиммати имкон,*

*«Муҳаббат чеҳра накшуд аз ҳиҷоби ғафлати имкон,*

*Ки соҳибдил кам аст ин ҷову бисёр инчунин бояд».*

*Ҳама як сар парешон аст ин ҷамъияти даврон,*

*Ҳарифонро кудуратҳо бувад аз шӯриши мастон.*

*Ғуборангезии ошиқ ҳама аз зулмати ҳиҷрон,*

*«Ҳаво ҳар ҷо барангезад ғубор аз хоки маҳҷурон.*

*Ҳамин овоз меояд, ки ночор инчунин бояд».*

*Ба сад теғи ҷафо Зоир, ҳама сар мезанад, Бедил,*

*Насими номуродӣ бар димоғам мевазад, Бедил.*

*Танам аз тору пуди бенавоӣ метанад, Бедил,*

*«Нафас ҳар гаҳ зи қасри умр хиште меканад, Бедил,*

*Пайи таъмири ин вайрона меъмор инчунин бояд»*

[39, 308-309].

Зимнан, нашрҳои Теҳрон [12, 276] ва Хуҷанд (солҳои 2003, 2013, 2015) [39, 308; 132, 332; 45, 349]-и «Тазкираи шуарои Хуҷанд» дар шакли овардани мухаммас гуногуннависӣ доранд. Мурочиат ба нашрҳои девони Бедил низ нишон дод, ки ин амр дар нашри таҳияи С.Сиддиқов [26, 329], Б.Раҳимӣ [25, 230] ва А.Беҳдорванд [5, 701-702] таҳаққуқ мепазирад. Бахше аз ин муаммоҳоро масъалаи қироатгузинии абёт ташкил медиҳад. Яке аз муаммоҳои муҳиме, ки дар матншиносии амалии тоҷикӣ бо истифода аз алифбои кириллӣ татбиқи он ғайриимкон аст, қироатгузинии матни манзум мебошад. Қироатгузинӣ дар матншиносии-назарӣ ва амалии эронӣ, то он ҷо ки огоҳем, бар пояи матни девони Ҳофизи Шерозӣ ба татбиқ расидааст. Нашри девони Ҳофизи Шерозӣ, ки бо қироатгузинии интиқодии Ҳошим Ҷовид ва Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ таҳия шудаву соли 1378/1959 тавассути нашриёти «Фарзон» аз чоп баромадааст, далели ин гуфта шуда метавонад [18, 6]. Қироатгузинии интиқодӣ, ба қавли Б.Хуррамшоҳӣ, дигархониҳои матни манзумро мегӯянд, ки дар он мисраъ ё байт як шаклу сурати хаттӣ дошта бошад ҳам, ду ё се навъи қироат дорад. Ҳар навъи қироат ба тағйирдиҳии аломату ҳаракатҳо (зер, забар, замма, ташдид, сукун ва ғайра), тарзҳои вежаи хониши ҳарфи «вов», «ҳо»-и ҳавваз вобаста ба матн, тарзҳои гузоштани задаи мантиқӣ ва оҳанг (аломатҳои вергул, савол, хитоб ва ғайра) алоқаманд аст.

Адабиётшинос Н.Нуров низ дар мавриди абёти тазминии мухаммаси С.Айнӣ бар ғазали Бедил чунин ҳолатро ба қайд гирифтааст. Муҳаққиқи мазкур дар доираи ин масъала «нуфузи маҳфилҳои бедилхонӣ дар шаҳрҳои бузурги Самарқанду Бухорову Хуҷанд» ва «ба шакли гузидаҳо китобат шудани нусхаҳои фаровоне аз «Девон»-и Бедилро ба занни қавӣ далели аз эҳтимол дур набудани мавҷудияти чунин шакли ғазал» донистааст [137, 51].

Аз ин натиҷагирӣ бармеояд, ки эҳтимолан чунин шакли ғазали омехтаи Бедилро Зоири Хуҷандӣ низ мухаммас бастааст. Баррасии мавзуи мазкур дар яке аз мақолаҳои мо ба таври васеъ сурат гирифтааст [ниг. ба: 2-М].

Табиист, ки рушди асосии адабиёти музофотҳо аз ҷараён ва майлонҳои марокизи адабӣ ва илмиву сиёсӣ сарчашма мегирад. Азбаски Хуҷанд дар он давра дохили хонигарии Хева буду тобеи Хӯқанд, ҷараёнҳои адабии Хӯқанд ба ташаккули адабиёти ин шаҳр саҳми беандоза гузоштанд. Яке аз чунин падидаҳои адабӣ пайравии шуарои дарбори Амир Умархон ба ҳокими шоиртабъ буд, ки ба мухаммаснависӣ низ бетаъсир буда наметавонист. Дар ин аҳд як силсила мухаммасҳо ба ашъори худи Амир баста шудаанд, ки аз байни онҳо сурудаҳои Нола, Адо, Мушриф (як мухаммас), Мирасад, Нусратро метавон ёд кард. Дар байни шоирони мавриди таҳқиқ Маъюси Хуҷандӣ низ бо навиштани мухаммас ба ғазали Амир Умархон маҳорати хешро нишон дода, ки банди аввали он чунин аст:

*Мушкро бӯ медиҳад гесуи анбарсои ту,*
*Хомӯширо дар сухан орад лаби гӯёи ту.*
*Сарвро сарсабз дорад қомати раънои ту,*
*«Руҳ бахшад сояро сарви қади болои ту,*
*Эй зи сар то пойи ман қурбони сар то пойи ту...»* [45, 223].

**Мухаммасҳои озод.** Тавре қайд гардид, нисбат ба мухаммаси озод мухаммаси тазмин зиёдтар ба назар расид, аммо дар эҷоди мухаммасҳои озод низ баъзе аз шуарои мавриди назари мо ба мисли Шӯхӣ - 4, аз ин 2-то ба забонӣ ӯзбекӣ [15, 143-145], Фахрӣ - 3 [45, 354-355], Фавзӣ - 1 [45, 409], Нозил - 1 [32, 117] адад даст ёфтаанд.

А.Насриддин дар тазкираи хеш аз Шӯхӣ мухаммасеро, ки бо мисраи «Як ошиқе ба вартаи ишқ устувор ку?» [45, 259] меорад, ки дар ду нусхаи мавҷудаи 2313 [15] ва 863-II [16], ки мавриди истифодаи муҳаққиқ будааст, вуҷуд надорад. Дар нусхаҳо се мухаммаси дигар ба ҷуз аз мухаммаси мазкур ба назар расид, ки дутои он ба забони ӯзбекӣ мебошад. Мухаммаси тоҷикии

дигар, ки дар байни ғазалҳои шоир (дар ҳар ду нусха) ҷой гирифтааст, аз 7 банд иборат буда, дар зер як банд аз он оварда мешавад:

*Он ҳарифон, ки аз ин маърака сарҳо бурданд,*
*Дида то боз кунӣ, гарди тамошо бурданд,*
*Пир аз савмаа в-аз майкада барно бурданд,*
*Рӯзгорест, ки айши хушӣ аз мо бурданд,*
*Шеваи машраби риндона саропо бурданд…* [15, 143-145]

Аз Саидакрами Фахрӣ 3 мухаммаси озод боқӣ мондааст, ки мухаммасҳои 1-ум ва 2-юм аз 5 банд (25 мисраъ) ва мухаммаси 3-юм бошад, аз 4 банд (20 мисраъ) иборатанд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки мундариҷаи мухаммасот дар мавзуъҳои гуногун, аз қабили марсия, таъсири табиат, ишқ, васфи зебоиҳои маъшуқ, панду ахлоқ ва ғайра эҷод шудаанд, ки ин мавзуъ дар боби аввал ҳалли худро ёфтааст.

Бо он ки дар асри XIX муҳимтарин суннатҳои жанри мухаммас дар шакли мухаммаси мустақил ва тазмин идома ёфтаанд, аммо ибтикороти шоирон дар сохтор ва муҳтавои он ба назар мерасад. Аз ҷумла, Фахрӣ як мухаммасе дорад, ки дар он ҳаҷву танқид мақоми меҳварӣ дорад, ҳол он ки ин мавзуъ дар таркиби мухаммасоти шуарои гузаштаи мо дида намешавад. Мухаммас аз 12 банд иборат буда, чунин оғоз мешавад:

*Гуфто хирад қандак макун,*
*Ҳосил зи боғ андак макун,*
*Ҳайф аст замин бандак макун,*
*Аз моли худ даҳяк макун,*
*Ҳаргиз ҳавас қандак макун* [45, 355].

Ба ҳамин тариқ, мухаммасот дар ин давра ҳам дар пайравӣ бар ғазали шуарои дигар ва ҳам ба соз тарзи озод, ҳамчун намунаи беҳтарини осори бузурги ғиноӣ эҷод ва шинохта шуда, таҳаввули чашмрасеро аз сар гузаронидааст. Мухаммасоти шуаро бо камоли устодӣ ба қалам омада, аз рушди ин навъи адабӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳаминро низ бояд илова намоем, ки нисбат ба

мухаммасҳои озод мухаммасҳои тазминӣ бештар буда, асосан дар пайравии ғазалиёти шуарои сабки ҳиндӣ, хоса намояндаи барҷастаи он – Мирзо Абдулқодири Бедил эҷод шудаанд. Дар ин хусус андешаи С.Амирқуловро, ки «Дар давраи гузариш ба аҳди Ҷадид мухаммас бастан ба шеъри Бедил ва дигар намояндагони сабки ҳиндӣ на ин ки мақсад, балки як навъ озмоиши табъ ва омодагӣ ба эҷоди мухаммасоти матбуъ ва умуман ашъори ширину пурмазмун меҳисобид» [94, 46], мо низ ҷонибдорӣ менамоем.

**Мусаддас.** Яке аз навъҳои маъмулу машҳури жанри мусаммат, ки дар ҳамаи давраҳои таърихӣ арзи ҳастӣ намуда, дар адабиёти охири асри XVIII то ибтидои асри XX низ мавқеи худро нигоҳ доштааст. Дар эҷодиёти шуарои охири қарни X1X ва ибтидои асри XX жанри мусаддас яке аз жанрҳои сермаҳсул ба ҳисоб меравад, ки намунаҳои онро дар эҷодиёти Ҳайрат, Шамсиддин Шоҳин, Лутфӣ, Раҳимӣ, Нақибхон Туғрал, Айнӣ ва дигарон метавон дарёфт намуд.

Дар байни шуарои сарзамини Хуҷанд дар давраи мавриди таҳқиқи мо жанри мусаддасро аз осори Файёз, Фахрӣ, ва Фавзӣ дарёфт намудем, ки саравввал ба баррасии мусаддаси Файёз мепардозем. Мусаддаси Файёз аз ҷиҳати забон, услуби нигориш, мавзуъ ва баёни афкору андеша аз мусаддасоти шоирони дигари ҳамасраш тафовут дошта, бо ин банд оғоз мешавад:

*Хизрро кардам талаб, умрест дар дашти ҷунун,*
*Нафси ғӯлам дар раҳи норостӣ шуд раҳнамун,*
*Киштии тан ғарқ шуд охир дар ин гирдоби хун,*
*Оҳ, аз ҷаври замону дод аз бахти забун,*
*Ибрате з-ин ҳол баргир, эй ҷавони зӯфунун,*
*Ту илоҷе кун, ки ман рафтам ба ин дарди дарун...* [48, 7]

Мусаддаси мазкур, аз 9 банд ва ё 54 мисраъ таркиб ёфта, дар вазни «рамали мусаммани маҳзуф» (фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун; – V – –/ – V – – / – V– –/ – V – ) навишта шудааст. Мусаддаси Файёз ҷанбаи

тарбиявӣ, ахлоқӣ дошта, муҳтавои он даъват ба шинохт ва маърифати худии инсон ба шумор меравад.

Шоир тавассути ин мазмун аз гузаштаи пурифтихори аҷдоди хеш сухан карда, сабаби хориву азият, дарду ранҷ ва кулфату нодории ҳамзамононашро маҳз дар нодониву ҷоҳилӣ, содагиву ғофилӣ ва бехабариву нокомӣ аз илм будан меҳисобад:

*...То ба кай таъни ҳунармандони олам бишнавем,*

*На ба фикри куҳнаву на дар тақозои навем,*

*Бас зи беилмии худ муҳтоҷи як нони ҷавем,*

*Сад ҳазор афсӯс бо ин ҷаҳлу нодонӣ равем,*

*Солҳо бояд, ки мо чун ғарбиён одам шавем,*

*Аз ҳамин дам бигзарад то он замон чандин қурун...* [48, 8]

Аз таҳлил ва баррасии мусаддаси Файёз ба чунин хулоса меоем, ки мероси адабии шоир дар ҷараёни адабии ибтидои асри XX мавқеи муҳим дорад, зеро шоир андеша ва афкори хешро бо оҳанги танқидӣ воқеӣ баён намуда, хамзамононашро ба омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, чолокиву ҳушёрӣ ва рӯй овардан ба мактаб раҳнамоӣ мекунад. Банди панҷуми мусаддас дар ҳамин хусус мебошад:

*Тоҷири босарвате дидам, ки дар шаҳри Ҳалаб,*

*Синни ӯ аз сад таҷовуз дошт, аз қавми араб.*

*Андар он соат, ки омад ҷони ширинам ба лаб,*

*Ин чунин бо ман насиҳат карда он олинасаб:*

*– Баҳри фарзандони худ таълим кун илму адаб,*

*Одами беилм ҳамчун хонақоҳи бесутун...* [48, 8]

Файёз дар ашъори худ ба корбасти мавзуъ, образ ва унсурҳои услубии тозаву тар эътибори махсус дода, ҳамзамон, аз истифодаи арзишҳои анъанавии адабӣ баҳраманд гардидааст. Ҷоиз ба қайд аст, ки ҳамин гуна кӯшиш (навпардозӣ) аз ҷониби Мирзо Сироҷ низ ба мушоҳида мерасад, ки ин мавзуъ дар монографияи С.Хӯҷақулов ба таври возеҳ баррасӣ гардидааст [ниг. ба: 172, 158]. Аз лиҳози услуб ва тарзи нигориш бошад, мусаддаси

мазкур, бо ашъори шоирони дигари маорифпарвари ибтидои асри XX хусусияти муштарак дорад.

Мусаддаси дигаре, ки мавриди таҳқиқи мост, аз Фахрии Хуҷандист. Мусаддаси Фахрӣ аз 6 банд, 36 мисраъ иборат буда, дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим (мафоилун, мафоилун, мафоилун, мафоилун; / V– – – / V– – –/ V – – –/ V – – –) таълиф ёфтааст. Муҳтавои мусаддаси Фахриро мавзуи иҷтимоӣ – шикоят аз замона ташкил медиҳад:

*Ба ғам оғушта мебошам, зи аҳволам кӣ мепурсад?*
*Парешонхотирӣ дорам, зи афъолам кӣ мепурсад?*
*Мудомат тирабахтам, бахту иқболам кӣ мепурсад?*
*Зи дасти ғусса менолам, аз ин нолам кӣ мепурсад?*
*Шудам пири сарафканда, маҳу солам кӣ мепурсад?*
*Фитода зери по чун мӯр помолам, кӣ мепурсад?* [42, 28]

Бо овардани такрори радифи «кӣ мепурсад?» шоир ҳоли бади худ ва атрофиёнашро, ки касе аз ҳукуматдорон парвои онро надошт, тасвир намудааст. Худро чун мӯр заифу нотавону маъюс тасвир намудани шоир аз тирагиву бахти нагуни шоир дарак медиҳад. Ҳамаи мусибати хешро Фахрӣ дар нодониву нокомӣ аз илму дониш меҳисобад:

*Зи дасти тирабахтӣ бо кӣ гӯям рози пинҳонӣ?*
*Куҷо оқил, ки пурсад аз ман аҳволи парешонӣ?*
*Намонд дар дори дунё як рафиқи мӯниси ҷонӣ,*
*Гузашт умре абас, бо аблаҳӣ аз рӯйи нодонӣ,*
*Манол, эй Фахрӣ, дар ин дам чӣ суд акнун пушаймонӣ,*
*Дар ин бозори саргардонӣ ҳаммолам кӣ мепурсад?* [42, 29]

Дар умум, аз баррасии вежагиҳои навъи мусаддас ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки жанри мазкур дар давраи мавриди таҳқиқи мо бо услубу муҳтавои хос эҷод гардидааст, зеро равияи маорифпарварӣ дар тағйиру такмили ғоя ва мундариҷаи он таъсиргузор омадааст.

**Тарҷеъбанд**. Дар адабиёти мавриди таҳқиқ дар қатори жанрҳои дигар жанри тарҷеъбанд низ мавқеи хос дошта, бино ба маълумоти С.Хӯҷақулов

қариб дар осори ҳар як шоири ин давр мавҷуд будааст [172, 159]. Намунаҳои беҳтарин тарҷеъбанду таркиббандро аз осори Аҷзии Самарқандӣ, Саидмаҳмудхоҷаи Бухорой, Шамсиддин Шоҳин ва дигар намояндагони давраи мавриди назар метавон пайдо кард.

Файёзи Хуҷандӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки ин навъи шеърӣ дар таркиби эҷодиёти ӯ ба чашм мерасад. Тарҷеъбанди Файёз аз 8 банди 9 мисрагӣ (банди аввал аз 6 мисраъ), ҷамъулҷамъ 84 мисраъ ё 42 байт иборат буда, оҳанги марсиявӣ дорад, ки ин ҷо бо овардани як банди он иктифо намудем:

*Маро сад рашк бар оина буд аз дидани рӯяш,*
*Дареғ ин дам, ки зери хок бошад сунбули мӯяш.*
*Сабо, моро хабар кун, то чӣ шуд он ҷаъди гесӯяш,*
*Наёяд бо машоми ҷони ман аз ҳеч гул бӯяш*
*Магар бинам кунун дар хоб қадди сарви дилҷӯяш,*
*Умед аз зиндагӣ шуд мунтақеъ, розӣ шудам пӯяш (?)*
*Нигори ман, ки реҳлат кард чун аз дори ин дунё,*
*Маро ҳам гашт лозим, то кунам реҳлат аз ин маъво…*[48, 45]

Аз намунаи мазкур равшан мешавад, ки тарҷеъбанд низ дар адабиёти давраи мазкур аз ҷумлаи жанрҳои маъмул будааст, ки дар он муҳимтарин масоили меҳварии шеъри замон ҷилвагар аст. Шоирони ин давр кӯшидаанд, ки муҳимтарин мавзуоти замонро дар қолиби аксари анвои шеърӣ, аз ҷумла тарҷеъбанд таҷассум созанд.

**Шеър дар баҳри тавил.** Баҳри тавил **я**ке аз баҳрҳои махсуси арӯз буда, хоси шеъри араб аст ва шоирони форсу тоҷик бо ин баҳр камтар шеър гуфтаанд. Дар «Фарҳангномаи адабӣ форсӣ» оид ба баҳри тавил чунин омадааст: «Ба сурати қолаб шеъре иборат аз шакли хориҷшудаи теъдоди аркони арӯзӣ, шеър аз ҳудуде аст, ки дар он санъати арӯзӣ риоят мешуда ва дар як ҷумла афзудан бар теъдоди аркону риоят накардани шумораи хосе барои афоили арӯзӣ аст» [77, 228-229]. Дар идома эҷодиёти чанд сароядаи ин баҳр ҳамчун намунаи куҳантарин баҳри тавили ёфтаи форсӣ» қайд

гардида, ки яке аз онҳо Тарзии Афшор мебошад ва мо низ зимни ҷустуҷӯ тасдиқи инро аз девони шоир дарёфтем [ниг. ба: 2, 22].

Бино ба маълумоти Т.Зеҳнӣ «ғайр аз баҳри тавили арӯзӣ баҳри тавили дигаре низ ҳаст. Ин навъе аз таронаҳои ҳафт ё ҳаштҳиҷоӣ буда, як порча аз якчанд банди пораҳои мусаҷҷаъ иборат аст ва бандҳо аз ҳамдигар бо қофияи алоҳидае ҷудо шуда, гӯё ҳар банд баробари мисраи дарозе мебошад. Аз ин рӯ, ин бо баҳри тавили арӯзӣ муносибате надорад ва ба ягон қоидае ҳам такя намекунад» [111, 369].

Аз шуарои мавриди таҳқиқи мо Зинат ва Хотиф дар эҷоди ин навъи баҳр таҷрибаҳои ҳунарӣ нишон додаанд. Зинат ба яке аз ғазалҳои Ҳофиз татаббуъ намуда, ба гунаи зер аз ғазали шоир ба сурати пораҳои барканда тазмин намудааст, ки барои нишон додани аз якчанд банди пораҳои мусаҷҷаъ иборат будани ин навъи шеър дар поён намунаи он ба сурати тарона – сатр ба сатр оварда мешавад:

| | |
|---|---|
| *Агар он турки шерозӣ,* | *зи нози мардумозораш,* |
| *ки дилҳо бурда бо бозӣ,* | *зи зулфайни диловезаш,* |
| *надорад ғайри таннозӣ.* | *зи лабҳои шакаррезаш,* |
| *Кунун ӯ қасди ҷон дорад,* | *зи сарви қадди рафтораш,* |
| *зи абрӯ чун камон дорад,* | *назокатҳои гуфтораш,* |
| *хаданги ҷонситион дорад,* | *зи шӯхиҳои идрокаш,* |
| *дили ошиқ нишон дорад,* | *нигоҳи масти бебокаш,* |
| *маро ҷон з-ӯ фиғон дорад.* | *дил аз каф бурда Исоро,* |
| *Азизи Миср дарбонаш,* | *зи ҷо в-аз Тӯр Мӯсоро,* |
| *Зулайхо аз канизонаш,* | *маро бингар чиҳо дорам,* |
| *Аёз аз ҷамъи худдомаш,* | *аз ӯ чашми вафо дорам,* |
| *асири чашми бодомаш,* | *ки аз лутфи Худо шояд,* |
| *зи ҳоли моҳрухсораш,* | *яке рӯзе ба даст орад дили моро* |

Барои нишон додани аз силсилаи порчаҳои калон иборат будани ин навъи шеър дар зер банди дигари он ба гунаи порчаҳо оварда мешавад:

*<u>Ба холи ҳиндуяш бахшам</u>, ба печи гесӯяш бахшам, дилу ҷони ҳазинамро, ба сар фарши заминамро, бигӯ он нозанинамро, ҷафову ҷавр камтар кун, вафо бар мо саросар кун, ба таннозӣ хиромон шав, балои офати ҷон шав, бубар аз мулки тан ҷонро, дили габру мусулмонро, Асири чашми фаттон кун, чу булбул андар афғон кун, ба сони моҳи хиргоҳӣ, нишин дар маснади шоҳӣ, бигир аз моҳ ту моҳӣ, шаҳонро ақл гир аз сар, дил аз меҳтар барад кеҳтар, ниқоб аз рӯй боло кун, ҷаҳон як сар тамошо кун, хиромон шав, хиромон шав, ба сӯям моили ҷон шав, ки дар роҳат сар андозам, ба ҳар мақдам фидо созам <u>Самарқанду Бухороро</u>* [60, 44].

Хотиф бошад, баҳри тавилро ба гунаи зайл эҷод намудааст:

*Зи оҳам партави хуршед меҷӯшад чу субҳ, азбаски гаштам*
*синачоки ҳасрат аз андешаи меҳри найири рӯяш,*
*Зи доғам накҳати Чин медиҳад чун нофа, то хун шуд дилам*
*дар ҳасрати гесӯи атрбези мушкину суманбӯяш…*
*Агар ин аст иззу нусрати иқболу юмну давлати файзу*
*саодат, инқиёди хидмати даргоҳ гардун...*
*Зи меъроҷи зуҳури рифъату юмни уруҷу комронӣ,*
*ки ба нуҳ тоқи сипеҳр ин ҷо сари таслим фарсояд,*
*суҷуд омода меҳроби абруяш* [45, 332-333].

Хотиф дар ин шеър, ки 18 мисраъро дарбар мегирад, теъдоди ҳиҷо ва рукнро риоя накардааст, ки яке аз унсурҳои баҳри тавил маҳсуб меёбад. Масалан, агар баъзе мисраъ дорои 30, 32, 36 ва 37 ҳиҷо бошанд, баъзе мисраъҳо то 44 ва, ҳатто, то 48 ҳиҷоро фаро гирифтаанд.

Дар умум, аз баррасии фасли мазкур ба чунин хулоса метавон расид, ки жанрҳои бузурги ғиноӣ ҳамчун анвои мустаъмали шеъри ин давр дар қолабҳои суннатӣ эҷод гардидаанд. Илова бар ин, шуруъ аз ҳамин давра маҳз ҳамон жанрҳое нисбатан маъмул гардиданд, ки дар баёни мазмуну мундариҷаи ҳаёти нави созгор афтоданд. Намояндагони барҷастаи адабиёт афкори маорифпарвариро, асосан, дар қолиби анвои суннатии шеъри

классикӣ ифода намудаанд, ки намунаҳои онро мо дар ин фасли рисола баррасӣ намудем.

## 2.3. Анвои дигари адабии манзум ва мансур

**Маснавӣ.** Аз жанрҳои дигаре, ки дар адабиёти ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди таҳқиқ роиҷ буд, жанри маснавӣ мебошад. Дар асрҳои XVIII, XIX ва ибтидои асри XX, жанри маснавӣ ва маснависароӣ хеле рушд кард. Таълифи тазкираи Ф.Намангонӣ бо жанри маснавӣ ибтикороте аз намояндагони ин аҳд ба ҳисоб меравад, зеро таълифи тазкира ба тариқи маснавӣ (назм) ҳодисаи нодир буда, дар таърихи адабиёт рӯйи кор омадани он дар шакли шеърии маснавӣ, маҳз дар ҳамин аср ба вуқуъ омадааст, ки дар ин маврид С.Сиддиқов дуруст қайд намудааст: «аввалин тазкирае, ки ба назм таълиф шудааст, тазкираи Фазлии Намангонӣ мебошад» [153, 73]. Бояд қайд намуд, ки Садри Зиё низ ин анъанаро давом додааст [ниг. ба: 10].

Роҷеъ ба жанри маснавӣ дар асри XIX С.Амирқулов чунин навиштааст: «Истифодаи жанри маснавӣ дар адабиёти нимаи аввали асри XIX ағлаб дар асоси принсипҳои ғоявию бадеии равияи «Пайравгарӣ» ё худ тамоили эҳёӣ сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, муносибати намояндагони равияи адабии мазкур ба ҳаводис ва воқеъияти ҳаёти реалӣ тавассути образ ва усулҳои бадеии адабиёти классикӣ, вале бо дастури ба худ хоси адабиёти тамоили эҳёии ин давр ба воситаи усулу образҳои адабиёти классикӣ манзур шудаанд» [94, 59].

Намунаҳои барҷастаи маснавиҳои ин аҳд «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, «Маҷлисафрӯз», «Ҳайрангез» ва «Ҳадиқат-ур-расул»-и Абдурраҳмони Носеҳ, «Туҳфаи дӯстон»-и Шамсиддин Шоҳин, «Барфу ях»-и Возеҳ, «Миръот-ул-хаёл»-и Мирзо Азими Сомӣ, «Дахмаи шоҳон»-и Мирзо Содиқи Муншӣ, «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Нақибхон Туғрал ва ғайра мебошанд.

Шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд низ дар эҷоди маснавӣ маҳорати худро нишон додаанд. Аз ҷумла, Шӯхӣ – 2 маснавӣ [50, 8-9], Нозил– 3 маснавӣ (97 байт, ки аз он 2-то (56 байт) ба забони тоҷикист [32, 21]), Файёз – 13 маснавӣ [48, 39, 47, 52, 55, 56, 62, 65, 72, 75, 77, 80, 83], Тошхоҷа Асирӣ – 7 маснавӣ (ба гуфти Ҷ.Хӯҷаев «маснавиҳо аз 32 то 152 мисраъ буда, ҷамъ 916 мисраъро

дарбар мегирад») [169, 51]: «Ширу шакар», «Дар тасвири дашти Бекобод», «Дар баёни нави ҷӯи Бекобод», «Дар ҳаққи Осиёи Миёна», «Дар бораи Улуғбук», «Ба тараққиёт руҷуъ кунед», «Эҷоди ҳадиқае» ва монанди ин мебошанд.

Таҳаввули жанри маснавӣ дар давраи мавриди таҳқиқ бештар дар заминаи анъанаҳои достонсароии классикӣ эҷод шуда, шуаро кӯшиш кардаанд, ки махсусиятҳои ин жанри бадеиро маҳфуз доранд.

Маснавиҳои таълифёфтаи ин равия дар асоси мавзуъҳои мавҷудаи адабиёти классикӣ ва адабиёти мардумӣ сарчашма гирифта, бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод шудаанд.

Гарчанде шуаро дар эҷоди маснавӣ анъанаҳои достонсароии классикиро риоя ва давом додаанд, аммо ба миён омадани ҷараёни маорифпарварӣ тамоми унсурҳои шакливу мазмунӣ ва сохтории услуби маснавиро бетағйир намонд. Маснавиҳои шоирони ибтидои асри XX, ҳатто, аз маснавиҳои шоирони асри XIX тафовут дорад. Далели ин гуфтаҳо маснавиҳои «Миръоти ибрат», «Анҷумани арвоҳ»-и Аҷзӣ ва «Тимсол»-и Асирӣ мебошад, зеро маснавиҳои мазкур намунаи расотарин ва беҳтарини жанри маснавии типи маорифпарварӣ ба ҳисоб меравонд.

Лозим ба ёдоварист, ки афкори маорифпарварии Аҷзӣ дар ҳамин ду маснавияш ба таври ҷамъбаст омада, ғояҳои муҳимми ҳаёти шоирро нисбат ба замони хеш баён месозад. Забони асарҳо содаву равон буда, ба иттилои С.Хӯҷақулов «дар назми анъанавии ибтидои асри XX ин маснавиҳо ҳам аз лиҳози муҳтавои мавзуъ ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ҷойгоҳи муайян доранд» [172, 117] .

Маснавиҳои Аҷзӣ аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва афкори тозаи иҷтимоӣ дар ташаккули афкору ақоиди эҷодкорони давр, ба монанди Ҳайрату Асирӣ, Шоҳин, Фитрат, Айнӣ, Роҷӣ, Хоҷӣ Муин ва нафарони дигар бевосита таъсир гузоштааст, ки дар ин бобат байти Айнӣ бамаврид аст:

*«Тарҷумон»-ӣ кард аҳволи замон аз ҳоли ман,*
*«Вақт»-ро дар пеши худ «Миръоти ибрат» доштам* [172, 119].

Тошхоҷа Асирӣ низ дар қатори шоирони маорифпарвари ҳамзамони хеш дар таълифи маснавии «Тимсол» аз «Миръоти ибрат»-и Аҷзӣ бардошт намуданашро ҷое мефармояд:

*Китоб аз Аҷзии фархундафитрат,*

*Мусаммо буд бо «Миръоти ибрат».*

*Маромашро ба худ ҳамдард дидам,*

*Ту гӯӣ ганҷи бодовард дидам.*

*Ҷавобашро ба худ воҷиб шумурдам,*

*Агарчи нест имкон, ранҷ бурдам* [23, 10].

Маснавии «Тимсол» (1914) калонтарин ва машҳуртарин асари Тошхоҷа Асирӣ буда, аз 6 манзумаи ҷудогона таркиб ёфтааст, ки 416 байтро ташкил медиҳад. Маснавии мазкур чун «Миръоти ибрат» дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур) эҷод шуда, бо байти мазкур оғоз мешавад:

*Замоне бу / дам андар хо / наи хеш,*

*Чу ганҷам со / кини вайро / наи хеш.*

*Мафоилун, мафоилун, мафоил*

*V- - -/ V - - - / V - - - / V - ~*

Дар ин маснавӣ Тошхоҷа Асирӣ масъалаҳои зиёди иҷтимоиро ворид карда, ақидаҳои инсонпарваронаи Аҳмади Дониш ва Аҷзии Самарқандиро давом додааст. Асирӣ бо техникаҳои пуриқтидори рус канда шудани ҷӯйи Бекободро васф намуда, чӣ тарз аз дарёҳои Сир ва Аму обёрӣ шудани заминҳои ташналабро тасвир кардааст. Ба андешаи мо шоир, пеш аз ҳама, мехост ба аҳли мардум гӯшрас намояд, ки тифоқӣ, дӯстӣ, меҳрубонӣ, якдигарфаҳмӣ, кӯшишу ғайрат, меҳнати дастҷамъона омили ҳамаи хушбахтиҳо ва асоси тараққиёти ҷомеаи инсонӣ мебошад.

Масъалаи дигаре, ки дар достон тарғиб шудааст, омӯхтани илму дониш мувофиқи давру замон мебошад. Чунонки аз боби «Дар насиҳати фарзанд» бармеояд, шоир тарафдори он илмест, ки мардумро «аз банди фақр раҳо мебахшад» ва «ҳосили он ганҷ» мебошад, чунки бадбахтӣ ва сарсонии

инсонро шоир маҳз дар камбизоатии ӯ донистa, таъкид мекунад, ки одами фақир дар ҷомеа қадру қимате надорад:

*Бале, онро, ки бошад камбизоат,*

*Гулашро нест ранги иститоат…*

*Агар анқо шавад, гумном гардад,*

*Фазои субҳи ӯ чун шом гардад* [23, 13-14].

Шоир дар идома ба роҳҳои гуногуни таълим таваҷҷуҳ намуда, ҳамчун мардуми фарҳангӣ ва соҳиби тамаддун будани миллаташро таъкид менамояд:

*…Шумо дар асл одамзодагонед,*

*Шумо устоди олимзодагонед.*

*Шумо оварда қонуни тамаддун,*

*Шумо парварда гулзори тафаннун.*

*Шумо бинҳода расми ихтироот,*

*Шумо бикшода боби ин синоот…* [23, 24]

Маснавии «Тимсол», бо баробари шабоҳат ба асари Аҷзӣ, тафовут низ дорад, ки дар ин бора С.Хӯҷақулов аз андешаи М.Додобоев ёдовар шудааст, ки гуфта буд: «...аз ҷиҳати сохту банду баст, инчунин сабки нигориш байни ин ду асар тафовути ҷиддӣ ба назар мерасад. Аз ҷиҳати сохту композитсия танҳо манзумаи охирини маснавӣ дар пайравии услуби «Миръоти ибрат» навишта шудааст… Дигар ин ки мустақилияти манзумаҳои таркиби маснавӣ нисбӣ буда, онҳо аз рӯйи мавзуъ, мундариҷаи ғоявӣ ва тарзи баён ба ҳам алоқаманд кунонида шудаанд» [172, 120].

Дар идома С.Хӯҷақулов таъкид месозад, ки маснавии мазкур аз ҷиҳати тарҳи умумӣ низ услуби наву тозаеро мемонад, ки муҳаққиқ зимни тасдиқи андешааш аз боби панчум, ки «Дар мазаммати факр» унвон дорад, ёдовар шуда, ҷанбаи пурқуввати воқеънигорӣ доштани ин бобро таъкид намудааст:

*Ба ҳукми подшоҳи давлати Рус,*

*Яке аз ағниёи савлати Рус.*

*Ҳазору нуҳсаду ду соли мелод,*

*Ба ҳафри ҷадвале шуд пудратиршод,*

*Зи истеъмоли мошинҳои ҳаффор,*

*Ба ҳукми кофтан гаштанд тайёр…*

*Ба панҷум уктобир расми кушодаш,*

*Шуда ҷорӣ чу об андар ниҳодаш…* [172, 120].

Корбурди истилоҳоти нав аз қабили «пудратиршод», «мошини ҳаффор» (экскаватор), «уктобир» (октябр) – номи моҳи мелодӣ ва ғайра бозгӯ аз тозагии забони асар буда, чунин тарзи тасвир яке аз хусусиятҳои равияи маорифпарварӣ мебошад, зеро маҳз ҳамин хусусияти маснавии «Тимсол» онро аз маснавиҳои дигари давру замон, аз ҷумла «Миръоти ибрат»-и Аҷзӣ тафовут медиҳад.

Маснавии мазкур миёни дигар мероси адабии шоир мавқеи хос дорад, зеро асар хусусияти тарғиботию ташвиқотӣ ва тарбиявӣ дошта, муаллиф дар он бо назари тоза ба ҳаёти воқеӣ нигаристааст, ки ин хусусияти асар дар дигаргуншавии забон ва сабку услуби адабиёти асри XX мавқеи муайян дорад.

Дар умум, аз баррасии маснавии «Тимсол» ё «Ҷӯйи Бекобод» ба чунин хулоса меоем, ки он масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро дар ибтидои асри XX фаро гирифта, дар рӯзгори имрӯз низ аз аҳаммият холӣ нест.

Маҳз маснавии «Тимсол» ва, ҳамчунин, «Қасидаи бурҳони Асирӣ» ба мо имкон медиҳанд, ки ин адибро ҳамчун суханвари маорифпарвару таҷаддудхоҳи ибтидои асри XX эътироф намоем, зеро аз ин осори боқимонда чи аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ва чи аз лиҳози сохту шакл, сабку услуб ва забон навпардозиҳои шоир равшану возеҳ эҳсос карда мешаванд.

Дигар аз намояндаи ҳавзаи адабии Хуҷанди давраи мавриди таҳқиқ, ки дар эҷоди маснавӣ маҳорати том дошт, Файёзи Хуҷандӣ буда, аз ӯ 13 маснавӣ боқӣ мондааст: «Сафаре аз Шамай ба Алмаато», «Дар ҳаққи шоирони замон», «Таърифи боғи Машҳади Козим», «Маснавии Ҳоҷӣ Абдурраҳим», «Ғами халойиқ», «Умеди хома», «Аз Бухоро ба Рум», «Қиссаи ҳезумкаш», «Хоб дидани Файёз Фирдавсиро…», «Руҷуи Файёз аз

Абдуллоҷон», «Ширу шакар», «Таклиф кардани шахсе ба тӯй Файёзро», «Нигоҳ доштани тандурустӣ».

Ҷоиз ба қайд аст, ки миёни маснавиҳои мазкур «Дар ҳаққи шоирони замон», «Таърифи боғи Машҳади Козим» ва «Хоб дидани Файёз Фирдавсиро» ҷойгоҳи махсус доранд. Аз ҷумла, маснавии «Дар ҳаққи шоирони замон» бештар ҷанбаи адабиро соҳиб буда, афкори шоирро дар заминаи нақду баррасии мақом ва андешаҳои шоир фаро мегирад. Чунончи:

*Навбат омад ба шоирони диёр,*

*Гарчи ҳастанд шоири бисёр.*

*Васливу Туғралу Латифу Зариф,*

*Чу Асириву сад ҳазор ҳариф* [48, 39].

Дар идомаи ин шеър равшан маълум мешавад, ки Файёз ба ашъори суханварони ҳамасри хеш аз диди интиқодӣ баҳои муайяне дода, шеъри Сипандӣ ном шоири ҳамасри хешро дилписанд унвон мекунад:

*Лек шеъраш, ки дилписанде буд,*

*Зубдаи шоирон – Сипандӣ буд.*

*Васфи ӯ нест лозими гуфтан,*

*Дурри васфаш чӣ ҳоҷати суфтан?* [48, 39].

Порчаҳои баъдии ин маснавӣ чанд матлаби дигарро равшан месозад. Аз ҷумла, соҳиби мустазод будани шоир Сипандӣ ва дар вақти даргузашти ӯ навишта шудани ин маснавӣ дар шакли сафарнома. Чи хеле ки медонем, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, одатан, сафарномаҳо дар шакли наср навишта шудаанд, аммо Файёзи Хуҷандӣ аз ҷумлаи он нафаронест, ки барзе аз хотироти худро бо шеър баён намудааст.

Маснавии дигари Файёзи Хуҷандӣ «Таърифи боғи Машҳади Козим» ном дошта, фарогири 50-байт мебошад. Дар ин маснавӣ, чи хеле ки аз номаш маълум аст, дар бораи як боғе, ки Машҳади Козим ном шахсе тоҷири бузург дар шаҳри Самарқанд бунёд намудааст, сухан меравад.

Дар баробари васфи боғ Файёзи Хуҷандӣ дар ин маснавӣ ҳамчун шахсияти замони нав аз вожаҳои рус – лампа ва амсоли ин истифода

намудааст, ки онҳо дар шинохти мавқеи таърихӣ, адабӣ ва мардумшиносии забони шеъраш бетаъсир намондаанд. Ба таъбири дигар, Файёзи Хуҷандӣ дар баробари Тошхоҷа Асирӣ аз ҷумлаи аввалин нафаронест, ки вожаҳои русиро дар ашъор истифода бурдааст.

Маснавии дигари Файёзи Хуҷандӣ «Хоб дидани Файёз Фирдавсиро» унвон дошта, муҳтавои он асосан ба хоби шоир даромадани Фирдавсӣ дар заминаи ташреҳ ва тафсири як байти мансуб ба Ҳакими Тӯс мебошад:

*Кафи шоҳ Маҳмуди олитабор,*

*Нуҳ андар нуҳ омад, се андар чаҳор* [214].

Маснавии мазкур аз се бахш иборат буда, ҳар бахши он аз рӯйи се шаб хоб дидани шоир Фирдавсиро тасниф гардидааст. Қисмати аввали маснавӣ, ки ба вазни «Шоҳнома» суруда шудааст, чунин оғоз мешавад:

*Зи шабҳо шабе чун шаби қадр буд,*

*Маро моҳи иқбол чун бадр буд.*

*Дилам буд бедору чашмам ба хоб,*

*Падидор шуд пири олиҷаноб…*

*…Ту аз баҳри маънии як байти пок,*

*Басе сол судӣ рухи худ ба хок.*

*Риҷоҳо намудӣ ба шабҳои тор,*

*Намояд маро бо ту парвардигор.*

*Ба ҳоли ту Яздон тараҳҳум намуд,*

*Дари орзуят ба рӯят кушуд…* [48, 56-57]

Аз ин ҷо равшан мешавад, ки ин байт солҳо мавриди таваҷҷуҳи аҳли шарҳ ва таҳқиқ қарор дошта, Файёзи Хуҷандӣ низ дар қатори шоирони дигар солҳо дар фикри шарҳи маъниёбии ин байти Ҳакими Тӯс кӯшидааст:

*…Ки як байти ман з-он ҳунарҳо бубин,*

*Ки машҳур бошад ба рӯйи замин:*

*«Кафи шоҳ Маҳмуди олитабор,*

*Нуҳ андар нуҳ омад, се андар чаҳор»,*

*Ки аз асри Маҳмуд то ин замон,*

*Ба ин фикри бикрам зи аҳли ҷаҳон…* [48, 57]

Ҳарчанд, ин маснавӣ дар шарҳи маонии як байти Фирдавӣ навишта шудааст, аммо ҷо-ҷо мурочиати Файёз ба соқӣ онро ба жанри соқинома пайванд бахшидааст ва метавон ин маснавиро «Соқинома»-и Файёзи Хуҷандӣ номид:

*Биё, соқӣ он бодаи лаълфом,*

*Маро деҳ, ки созам суханро тамом.*

*Ки аз худ равам, ин тилисми танам,*

*Ба уммеди ганҷи бақо бишканам* [48, 59].

Маҷмуан, ин маснавӣ дар се қисмат бар асоси се шаби хобдидаи Файёз Фирдавсиро ба қалам омада, ҳамзамон, дар шаби севум маънии байтро тафсир мекунад:

*Чунин гуфт он пири фаррухниҳод:*

*«Зи ту руҳи ман он қадар гашт шод,*

*Маро дар дуо ёд кардӣ мудом,*

*Ки будам ба назди ту ҳар субҳу шом.*

*Туро ман бубинам, набинӣ маро,*

*Ту кай донӣ асрори ин моҷаро…*

*…Чу ҳоло ба ин кардаӣ иқтифо,*

*Азизон бигуфтанд: хуз мо сафо.*

*Бигӯям туро маънияш як ба як:*

*Нуҳ андар нуҳ омад, чу ҳаштоду як.*

*Се андар чаҳораш шуд исноашар,*

*Чу исноашарро кунӣ «бе» агар.*

*Зи ҳаштоду як ҳарфи «эъто» намуд,*

*Ки бе ин кафи шоҳ Маҳмуд буд…* [48, 60-61].

Дар ин ҷо маълум мешавад, ки маънии байти мазкур бештар ба ҳисоби абҷад такя мекунад ва шоир бо огоҳии тамом дар мавриди ҳисоби абҷад ба шарҳи ин байт пардохтаст. Гузашта аз ин, шарҳи мазкур бозгӯйи яке аз

намунаҳои беҳтарини соқиномаи Файёзи Хуҷандӣ ва шарҳи манзум маҳсуб меёбад.

Дар маҷмуъ, баррасии соқинома ё маснавии «Хоб дидани Файёз Фирдавсӣ»-ро аз ҷиҳати бандубаст ва сохтор ҷолиб буда, онро метавон шарҳи як байти Ҳакими Тӯс номид, ки шоир дар заминаи таълифи он муваффақ ба нигориши як шарҳи манзум шудааст. Ҷолиб он аст, ки равиши таълифи шарҳҳои манзум дар асри Файёз ҷойгоҳи хосе дар адабиёт дошт, ки ин таҷрибаро Зуфархон Ҷавҳарӣ дар шарҳи як байти Бедил корбаст намудааст.

Хусусияти муҳимми маснавиҳои ин давраро маснавиҳои хурдҳаҷми мадҳиявӣ ташкил медиҳад, ки метавон онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кард:

1. Дар тавсифи шоҳону ҳокимон
2. Ба тасвир ва тавсифи зодгоҳ:

Бино ба иттилои Б.Раҳматов: «181 байт маснавии дигари шоир, ки порчаи машҳури дар васфи Хуҷанд сароидаи Шӯхӣ ҳам дар зимни он аст, китобат мешавад» [142, 8].

Ба андешаи ин муҳаққиқ маснавии дигар «баъди таърихҳо китобат шуда, ба иллати фарсудагӣ дар ҳар ду нусха ҳам нохоност. Матлаи ин маснавӣ бо абёте, ки ба ҳамди Худо монандӣ доранд, шуруъ гардида:

*Баландовоза килки нуктапардоз,*
*Чунин аз мадҳи ӯ мекард овоз,*
*Ки Юсуф як ғуломи Қанбари ӯст,*
*Зулайхо аз канизони дари ӯст.*

- вале баъди чанд байт комилан тасвири маъшуқи заминиро касб кардааст. Дигар унвонҳои маснавӣ «Шикоят намудан ошиқи маҳҷурро аз саркашии маъшуқ», «Тамсил», як унвони захими нохоно, ки зоҳиран таърихи воқеаест, «Дар тавсифи Хуҷанди арҷманди фирдавсмонанд» ва «Супориш кардани амири оламгиршон ба авоили олинишон» ном дошта, зоҳиран, ба ҳам иртиботи начандон қавӣ доранд» [142, 9]. Инчунин, ба ин гурӯҳ маснавии

«Таърифи боғи Машҳади Козим»-и Файёзи Хуҷандӣ дохил мешавад, ки дар ин бора қаблан сухан рафт.

Дар умум, аз баррасии маснавиҳои шоирони мавриди таҳқиқ ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки ин жанри адабӣ барои баёни андешаву афкори шуаро созгор буда, дар оғози асри XX бо таҳаввул, ташаккул ва таҷаддуд арзи ҳастӣ кард. Маснавиҳои Асирӣ, Файёз аз лиҳози сабку услуб, мавзуъву мундариҷа, ва банду баст дар ташаккул, таҷаддуд ва ифодаи ғояҳои маорифпарварӣ ва ахлоқии шоирон мавқеи муҳим дорад.

**Наср**. Дар ин давра насри классикӣ низ бо ҳифзи муҳимтарин суннатҳои хеш идома намуд. Албатта, роҷеъ ба намунаҳои ҷудогонаи наср дар адабиёти ин давр, аз ҷумла, таълифоти Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон, ки бештар ҷанбаҳои маорифпарварӣ доранд ва яке аз муҳимтарин вежаҳои сабки насри ин давра ҳамоно зуҳури насри маорифпарварӣ ба шумор меравад, тадқиқоте муайян аз сӯйи донишмандони тоҷик, хосатан Р.Ҳодизода ба сомон расидааст [181, 314-316].

Яке аз асарҳои насрии шоёни таъкиди ин давра «Зарбулмасал»-и Гулханӣ ба шумор меравад. «Зарбулмасал» асари тамсилӣ ва намунаи хуби насри бадеии ӯзбек маҳсуб ёфта, асари мукаммали сюжетдор ва намунаи барҷастаи ҳаҷви тезу тундест, ки дар зимни эҷодиёти даҳонакии халқ суруда шудааст.

Сабаби «Зарбулмасал» ном гирифтани асар дар он аст, ки дар он зиёда аз 300 зарбулмасалу мақолҳои тоҷикию ӯзбекӣ ва гуфторҳои бузургон оварда шуда, сюжети он дар бораи парандагон ва ҷонварон хусусан, дар бораи қудошавии Бойқушу Япалоққуш меравад, ки аз ҳамин сабаб ин асарро «Ҳикояи Япалоққуш» низ меноманд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки Гулханӣ дар ин асар зарбулмасал ва мақолҳои халқиро ҳамчун маводи тасвир, асосан дар муколамаи персонажҳо ба тариқи тамсил дар тамсил ва масал аз пайи масал ба руҳу равияи халқ мувофиқ таълиф намуда, бо ин роҳ мазмуни пандомези қиссаи худро ба лаҳзаҳои

ҷудогонаи асарҳои дидактикӣ шабеҳ медиҳад, ки ин, албатта, давоми мантиқии асарҳои пешиниёнро нишон медиҳад.

Дар давраи мавриди таҳқиқи мо аз шоирони сарзамини Хуҷанд аз Тоҷири Хуҷандӣ асари насрие боқӣ монда, ки «Ғароиби сипоҳ» унвон дорад. Бино ба маълумоти С.Асадуллоҳ, ки бо такя бар маълумоти Ю.А. Брегел ва Ч.А. Стори таъкид мекунад, рисолаи мазкур соли 1281/1864 таълиф ёфта, дар он дар бораи «таърихи хонигарии Хӯқанд дар назму наср, аз замони ҳукмронии Норбӯттабий (тахминан солҳои 1183-1213 (1770-1798), ки насаби худро ба Чингизхон мерасонад, маълумот омадааст. Бинобар ин, ин асарро метавон насри таърихӣ номид.

Қисмати асосии рисола ба давраи ҳукмронии Муҳаммадалихон (1237-1258/ 1822- 1842) бахшида шудааст» [44, 3-4].

Ин аст, ки рисолаи «Ғароиби сипоҳ» «барои омӯхтани таърихи шаҳри Хуҷанд, саҳми хуҷандиён дар воқеаҳои давраи ҳукмронии Олимхон (1800-1810), Умархон (1810-1822) ва Муҳаммадалихон, дар бораи ҳокимони шаҳри Хуҷанд, ки аз тарафи хонҳои Хӯқанд ва Бухоро таъйин шуда буданд, маълумоти хеле муҳимми адабиву таърихӣ медиҳад» [44, 4]. Арзиши асар, ҳамчунин, дар воқеияти он аст, зеро муаллиф шоҳиди бевоситаи воқеаву ҳодисаҳои дар рисола дарҷ намудааш буд. Ин ба он нукта асос меёбад, ки Тоҷир бо кори тиҷорат машғул буда, бевосита ба дарбори хонҳои Хӯқанд иртибот дошт.

А.Насриддин роҷеъ ба сабки асар чунин навиштааст: «Рисолае ҳам дар таърихи хонҳои Хӯқанд ва ихтилофоти хони Фарғона бо амири Бухоро ба насри содаи моварounнаҳрӣ таълиф кардааст мавсум ба «Ғароиби сипоҳ» [45, 262].

Маврид ба зикр аст, ки рисолаи «Ғароиби сипоҳ» аз 56 саҳифа иборат буда, баъд аз «Бисмиллоҳ...», санои Худои таоло, пайғамбари дини ислом ва хулафои мурсал бо чунин сатрҳо оғоз меёбад: «Аммо баъд бар замоири арбоби фатонат ва зако ва азҳони асҳоби фитрат ва уқало ва махфӣ ва муҳтаҷиб намонад, ки ин фақири бебизоат ва саргаштаи бодияи фурқат ва

фурӯмондаи биёбони ғурбат ва дурафтода аз гулистони беҳҷат ва гунаҳкор ба даргоҳи Ӯ (Аллоҳ) таоло касирулисён ва қалилухизмат бо вуҷуди қиллати иститоат (ноқисии тавоноӣ) орзу ва таманнои он дошт, ки ягон нусхае эрод намояд...» [44, 4].

Қисматҳои дигари рисола оид ба воқеаҳои сиёсиву таърихии Хӯқанд, аз қабили «Фасл дар эҷод ва бунёди Хӯқанди латиф», «Фасл дар насаби шоҳони Фарғона», «Достони нишастани Умархон бар тахти мунаввар», «Достони ҷулуси Муҳаммадалихон дар болои тахт», «Достони ғозӣ шудани хони шуҷоатнишон» ва воқеаву юришҳои Амир Насруллоҳ ва ғайра баҳс мекунад. Ҳаминро низ бояд илова намуд, ки муаллиф дар рисола баъд аз фаслҳо афкори хешро бо пораҳои назмӣ ҷамъбаст намудааст. Чунончи, иқтибос аз «Достони Ҷулуси Муҳаммадалихон дар болои тахт»:

«Аммо ровиёни муътабар дар достони хони некӯсияр ва саррофони ҷавоҳиршинос дурри маониро ба риштаи сухан чунин кашидаанд, ки чун аз дафни амири ҷаннатулмакон фориғ гаштанд, ҳамаи сардорон ва сарҳангон маслаҳат намуданд, ки нури чашмашро ба айнаки чашмаш нишонанд...

Муҳаммадалихони давлатнишонро бар болои тахти салтанат нишонда, дасти байъат ба султони зишавкат дода, аз дилу ҷон ғулом гардида, табақҳои ҷавоҳир бар фарқи ин амири кабир нисор карда, ҷашне оростанд, ки малак дар боми фалак таҳсину офарин карданд:

*Худованди олам ба ӯ ёр шуд,*
*Муҳаммадалиро мададгор шуд...*
*Муҳаммадалӣ тоҷ бар сар ниҳод,*
*Шаҳони ҷаҳон рӯ бар он дар ниҳод...* » [44, 20-21]

Ҳамчунин, дар рисола бисёр қитъаоти манзуми форсӣ ба кор рафтааст, ки бештари он (зиёда аз 50 байт) ашъори худи муаллиф буда, дар анвои гуногуни шеърӣ иншо шудаанд. Бино ба иттилои А.Насриддин «чанд нусха аз ин рисола дар китобхонаҳои давлатии ҷамоҳири Осиёи Миёна ва инчунин ганҷинаи китоби ашхоси алоҳида маҳфуз мондааст» [45, 262].

Дар баробари ин, шахсияти руҳонии дигаре бо номи Муҳаммад Султон Абдуллоҳи Маъсуми Хуҷандии Маккӣ (1873, Хуҷанд – 1962, Макка), ки бештар ба навиштани осори насри динӣ ва ирфонӣ маъруф будааст, маълум гардид. Бинобар ба иттилои пайвандони ин шахсияти бузург муддате дар Хуҷанд таҳсили илм намуда, баъдан ба Бухоро рафтааст. Дар Бухоро назди Шайх аллома Муҳаммад Авази Хуҷандӣ улуми фиқҳ, мантиқ ҳикматро омӯхтаву соҳиби санад гардидааст. Ин ҷо дар бораи шахсияти дигаре ҳамчун донишманду аҳли илм бо номи Шайх Муҳаммад Авази Хуҷандӣ низ иттилоъ пайдо мешавад, ки роҷеъ ба ӯ низ маълумоти зарурӣ дар ихтиёр нест. Ҳамин тавр, Султон Маъсуми Хуҷандӣ ба Ҳиҷоз сафар намуда, он ҷо ба хотири идомаи таҳсили улум истиқомат ихтиёр мекунад. Пас аз муддате ба Хуҷанд меояд, вале бо сабаби рух додани инқилоби октябр аввал ба Марғилону Хитой ва дар соли 1933 ба Маккаи Мукаррама бармегардад. Бино ба иттилои М.Раҳмонов «Бо доштани илму маърифат, забондонӣ ва фаросату фазилатҳои олӣ Маъсумии Хуҷандӣ аз ҷониби шоҳи Арабистони Саудӣ Абдулазиз мушовир таъин мегардад ва дар конфронси аввалини байналмилалии исломӣ чун намояндаи давлати исломӣ иштирок ва суханронӣ мекунад. Ӯ дорои беш аз 200 тадқиқот дар самтҳои таъриху фалсафа мебошад» [212]. Бояд қайд кард, ки бахше аз осори ин донишманд ва шоир бо забони арабӣ будаанд, ки бештари онҳоро осори динӣ ба вуҷуд овардаанд. Мавҷудияти намунаҳои насри динӣ аз Султон Маъсуми Хуҷандӣ, ҳамчун намунаҳои насри динии С.Айнӣ «Заруриёти диния» ва «Тартил-ул-Қуръон» бо забони тоҷикӣ шоҳиди он аст, ки то ибтидои асри XIX анъанаи эҷоди насри динӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ ривоҷ доштааст.

Ба таври умум, метавон муқаррар намуд, ки суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд ва шоироне, ки эҷодиёташонро дар зодгоҳи хеш оғоз намудаву ба манотиқи дигар сафар кардаанд, дар муҳимтарин анвои шеърӣ таҷрибаҳои муваффақонаи ҳунарӣ анҷом додаанд. Илова бар ин, агарчи дар наср ҷараёни маорифпарварӣ таъсири пурравнақе дошт, дар шеър асосан ҷараёни мактаби пайравони Бедил нуфузи густардаеро соҳиб буд. Бархе шоирон бошад, аз

роҳи тақлиди сабки бедилӣ баргашта, падидаҳои мактаби бозгашти адабиро истиқбол намуданд, ки мурур ба ашъори шоирони Хуҷандӣ (Файёз, Нозил, Асирӣ ва дигарон) вуҷуди ҳар ду шеваи нигоришро дар каломи эшон ошкор месозад.

## Хулосаи боби дуюм

Аз баррасии боби дуюм аён гашт, ки адибон маҳорати ҳунарии хешро дар қолиби анвои хурд ва бузурги ғиноӣ таҷриба намудаанд, ки жанри ғазал дар ин давра аз ҷумлаи асоситарин навъи шеъри шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд мебошад. Он барои ифодаи ҳолу ҳавои ошиқона, шарҳу тафсири ранҷу азияти зиндагӣ ва тавзеҳи розу асрори дил, дарду алам, шикоят аз рӯзгори пурпечутоб ва ғайра воситаи матлубе ба шумор рафтааст, ки шуарои мавриди назари мо аз имкониятҳои он босамар истифода бурда, ба ҷанбаҳои мавзуии ғазал тозагиҳо ворид намуданд.

Рубоӣ низ яке аз жанрҳои мустаъмали адабиёти ин аҳд ба шумор рафта, баррасии сайри таҳаввули ин жанри адабӣ баёнгари он аст, ки ҳарчанд муддате дар адабиёти тоҷикии Мовароуннаҳр аз равнақ бозмонд, вале дар асри XIX беҳтарин суннатҳои рубоисароии адабиёти пешин дигарбора давом ёфт. Шоирону суханварони ин аср шаклу навъҳои мухталифи онро равнақ бахшида, дар эҷоди навъи рубоии ирсоли масал ибтикороте намуданд, ки намунаи барҷастаи он дар эҷодиёти Нозили Хуҷандӣ ва навъи рубоиёти мустазод дар осори Нозил, Файёз ва Фахрӣ ба мушоҳида мерасад.

Мухаммасоти давраи мавриди таҳқиқ собит мекунанд, ки бештари онҳо шакли мухаммасҳои тазмин буда, асосан дар пайравии ғазалиёти шуарои сабки ҳиндӣ, хоса намояндаи барҷастаи он – Мирзо Абдулқодири Бедил эҷод шудаанд. Ҳамчунин шуаро мухаммасҳои озод низ таълиф намудаанд, ки онро ҳамчун намунаи беҳтарини осори ғиноӣ метавон шинохт, зеро мухаммасоти шуаро бо камоли устодӣ эҷод гардида, аз рушди ин навъи адабӣ шаҳодат медиҳанд.

Қасида низ дар аҳди мазкур хусусияти мадеҳиявии худро, ки қаблан ҳамчун ҳадя ба шоҳ таълиф меёфт, аз даст надода, бо баробари ин, дар

мазмун ва мундаричаи он дигаргунӣ – тавсифи мактабҳои усули нав, муомалаҳои ҳасбиҳолӣ, инсон ва инсонгароӣ ва ғайра ҷой пайдо кард.

Ашъори шоирони нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX равшан намуд, ки эшон дар таълифи қитъаҳои хурди мадҳӣ, таърихӣ, ки ҳаҷман на он қадар калон буда, масъалаҳои ахлоқ, баёни аҳволи вазнини шахси шоир, аҳли адаб, инъикоси санаҳои муҳим, бунёди иншооту мавзеъҳои таърихӣ, танқиду мазаммати ҳокимону амирони золим ва амсоли инҳоро фаро мегиранд, саҳм гузоштаанд**.**

Дар баробари дигар жанрҳо маснавӣ низ бо шаклу шеваи ба худ хос дар ин давра ривоҷ ёфт, ки он дар эҷодиёти Шӯхӣ, Файёз ва Асирӣ бо фарогирии ғояҳои маорифпарварӣ ва ахлоқӣ нуфуз дорад.

Ҳамчунин, дар қатори жанрҳои хурду бузурги маъмул баҳри тавил, мусаддас, мустазоду фард низ рушд кардааст. Баррасии ҷойгоҳи ин навъ ашъор баёнгари он аст, ки шоирони ҳавзаи Хуҷанд барои баёни афкор, андеша, мулоҳизаву бардоштҳои хеш аксари анвои шеърии классикиро истифода намуда, ҳунари шоирии хешро дар ин қолабҳои хурду бузурги шеъри ғиноӣ таҷриба кардаанд. Дар баробари осори манзуми мазкур таълифоти осори насрӣ низ ба қалам овардаанд, ки бештари онҳо ба баҳси масоили диниву таърихӣ бахшида шудаанд.

# БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ ПОЭТИКИИ АШЪОРИ СУХАНВАРОНИ ҲАВЗАИ АДАБИИ ХУҶАНД

## 3.1. Таъсири поэтикаи шеъри Бедил ба шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд

Сабк ва услуби шуарои мавриди назарро, пеш аз ҳама, таъсири сабки ҳиндӣ, хоса намояндаи барҷастаи он – Мирзо Абдулқодири Бедил, инчунин, таъсири сабки шеъри шуарои мутақаддам ифода менамояд, зеро сабке нест, ки бидуни таъсири сабкҳои дигар, хусусан, сабку услуби то давраи худ ривоҷ ёфта бошад.

Маъруфтарин шоирони ғазалсарои давраи мавриди таҳқиқ: Шӯхӣ, Воқиф, Нозил, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Хотиф, Зоир, Асирӣ ва дигарон мебошанд, ки баъзе аз онҳо шоирони соҳибдевон буданд. Бо сабаби он ки дар шеъри намояндагони ин давра вежагии «чандсабкӣ» дида мешавад, баррасии масоили сабкии ғазал як андоза мушкилӣ эҷод мекунад. Барои он ки шоирон асосан ба ду сабк – ироқӣ ва ҳиндӣ пайравӣ карда бошанд ҳам, асоси ин гароишро бар шеъри ду шоир – Ҳофиз ва Бедил ниҳодаанд.

Ба таъбири дигар, дар эҷодиёти шуарои мавриди назар як навъ омезиши ду сабки адабӣ – тарзи баёни шуарои асрҳои XIII-XIV ва сабки ҳиндию равияи бедилӣ, ба назар мерасад, ки ин гузариш аз як сабк ба сабки дигарро бозгӯйӣ мекунад. Нахуст мехоҳем дар бораи таъсири сабки ҳиндӣ ва намояндаи барҷастаи он – Мирзо Абдулқодири Бедил изҳори назар намоем.

Роҷеъ ба таъсири сабки ҳиндӣ, хоса сабки Бедили Деҳлавӣ, ба шуарои қаламрави Мовароуннаҳр донишмандони суханшинос андешаҳои ҷолибе баён намудаанд. Шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд низ дар қатори шуарои ҳавзаҳои дигар аз мактаби шуарои бузурги адабиёти форсу тоҷик таълим гирифтаанд. Шуруъ аз асрҳои баъд аз Бедил, аллакай, ҳар шоири ба майдономада мехост истеъдоди хешро дар ин ҷода санҷида бошад, ки дар ин бора С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳангоми шарҳу баррасии осори А.Дониш чунин фармудааст: «...дар аҳдҳои охирӣ (манзур асрҳои XVIII ва XIX) дар Бухорову Мовароуннаҳр дар назму наср тақлиди Бедил шуҳрат

гирифта, ҳар аҳлу ноаҳл, ки ба дасташ қалам мегирифт, чизе дар пайравии Бедил навиштанро аз ҷумлаи татиммаи камоли худ мешуморид» [19, 289].

Ҳамчунин, С.Айнӣ дар китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» низ фаслеро перомуни таъсири Бедил ба шоирони Осиёи Миёна бахшида, дар хусуси муқаллидони шоир сухан карда, Сарир, Сират, Исо, Асирӣ ва Ҷавҳариро аз шоирони муваффақ дар ин ҷода донистааст [87, 104].

А.Мирзоев авҷи камолоти сабки ҳиндиро ба Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVII шуморидааст [120, 24]. Бино ба тадқиқоти солҳои охир таъсирпазирӣ аз сабки ҳиндӣ ва намояндаҳои он дар ашъори шоирони дарбори Амир Умархон ба назар расид. Мавриди зикр аст, ки ба ҷуз А.Дониш, С.Айнӣ ва А.Мирзоев боз Р.Ҳодизода, С.Амирқулов, А.Satторзода, А.Насриддин, М.Мирзоюнус, Б.Раҳимӣ, Н.Нуров, И.Эшонқулов ва дигарон оид ба баррасии адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX, махсусан вежагиҳои сабки Бедил, пажуҳишоте анҷом додаанд. Лозим ба ёдоварист, ки рисолаи «Савмааи маърифат», ки ба қалами Бахтиёр Ҳамдам мутааллиқ аст, бевосита дар хусуси таъсири эҷодиёти Бедил ба адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX баҳс мекунад [179].

Аз шуарои ҳавзаи таҳқиқи мо Шӯхӣ, Нозил, Зоир, Иффат, Асирӣ (ва шоирони дигар) ба сабки ҳиндӣ ва, махсусан, шеъри Бедил пайравӣ намудаанд, ки ин падидаро дар нуктаҳои зерин баррасӣ намудан имконпазир аст:

*Таъсири шакли шеър (қофияву радиф ва вазн).* Шуарои мавриди назар дар эҷоди шеър, аз ҷумла навъҳои ғазалу мухаммас бештар аз ҷиҳати шаклу қофияву радиф пайравӣ намудаанд. Чунончи, ғазали зерин, ки бо радифи «оинаро» таълиф ёфтааст, зоҳиран дар пайравии ғазали Бедил, ки матлааш чунин аст, «*Нест бо ҳуснат маҷоли гуфтугӯ оинаро, / Сурма мерезад нигоҳат дар гулӯ оинаро»* [25, 65] эҷод шудааст:

*Дода рухсори ту ранги навбаҳор оинаро,*

*Шуд зи аксаш пур зи гул ҷайбу канор оинаро...*

*...Софтабъонро дар ин айём, Шӯхӣ қадр нест,*

*Буд дар аҳди Сикандар эътибор оинаро* [50, 28].

Вежагии фарқкунадаи ғазали Шӯхӣ аз ғазали Бедил он аст, ки дар шеъри шоири хуҷандӣ қофия тағйир ёфтааст. Аммо дигар воситаҳои тасвирофари шеър, мисли объекти тасвир, ки дар айни ҳол радифи ғазалро ташкил медиҳад, боқӣ монда, аз маншаъ ва сарчашмаи шеър, яъне ғазали Бедил дарак медиҳад. Ин анъана дар асри XIX низ мавриди истиқболи шоирон буда, Нозил, Маъюс, Хотиф, Кошиф ва Асирӣ аз нафароне ҳастанд, ки ашъори эшон тамоюл ба сабки мазкур дорад. Инҳо, махсусан, ба шеъри Абулмаонӣ бештар ҷавобия навиштаанд. Чунончи, Бедил:

*Вақти он аст, ки аз гардиши гардуни фалак,*

*Нақши меҳр аз варақи рӯйи замин гардад ҳак.*

Нозил:

*Вақти он шуд, ки намонад ба ҷаҳон ҳаққи намак,*

*Силаю раҳму мурувват зи миён гардад ҳак* [32, 45].

Бедил:

*Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлуйи аҷз аст роҳ он ҷо,*

*Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо!* [25, 31]

Туробӣ*:*

*Ба меъроҷи тақаддус гар шикастӣ хеш, роҳ он ҷо,*

*Бурун шав заррае аз худ, ки гардӣ каҷкулоҳ он ҷо!* [45, 397]

Бедил*:*

*Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо,*

*Бар рухат наззораҳоро лағзиш аз ҷӯши сафо* [25, 36].

Маъюс:

*Эй даҳонат мим аз сарчашмаи оби бақо,*

*Абруят мадде зи бисмиллаҳи «Фурқон»-и Худо* [45, 221].

Хотиф:

*Эй хами зулфи каҷат саркӯб бар муши Хито,*

*Равшан аз рухсораат оинаи субҳи сафо* [45, 329].

Кошиф:

*Умрҳо шуд дар раҳат, афтодаам чун нақши по,*

*Барнахезад аз мани бедил ба ҷуз дасти дуо…* [45, 217]

Лозим ба ёдоварист, ки ба ин ғазали Бедил Тошхоҷа Асирӣ мухаммас ҳам бастааст, ки банди аввали онро ин ҷо меорем:

*Эй саводи дидаат, сайёди оҳуи Хито,*

*Аз карам дасти маро баргир афтодам зи по,*

*Накҳати нақши қадам бинҳода бар дӯши сабо,*

*«Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо,*

*Бар рухат наззораҳоро лағзиш аз ҷӯши сафо»* [23, 96].

Намунаи дигари мухаммасоти ба ғазалиёти Бедил навиштаи шоирони ҳавзаи Хуҷанд дар фасли аввали боби дувум, дар қисмати мухаммас баррасӣ ёфтааст.

*Таъсири сабк ва тарзи баён (корбурди образҳои шоирона).* Агарчи дар шеъри гузаштаи мо роҳу усул, шеваҳои корбурд, сохтмони калимаҳои мураккаб ва таъбиру иборот маъмуланд, аммо авҷи корбурд аз ин навъ калимот дар ғазал бо шеъри сабки ҳиндӣ, бахусус, номи Бедил гираҳ мехӯрад. Шуарои Хуҷанд, аз сабаби он ки ба шеъри Бедил ва шуарои ҳаммаслаки ӯ, мисли Сайидову Соиб назар доштаанд, дар ин ҷода як андоза тавфиқ ёфтаанд. Ба таври куллӣ, дар ашъори шуарои мавриди назар вожаву ибора ва таркибҳои мураккаби ду, се ва бисёрҷузъа, ифодаҳо дар қолиби воҳидҳои фразеологӣ ё ибораҳои рехта, корбурди арқом ва шумораҳо ҳамчун образҳои шоирона, ибораву таркибҳои хоси мардумӣ ба чашм мерасад.

Нахуст ба баррасии вожагони мураккаб ва калимаву таркибҳои шоирона, ки барои ифодаи инсон корбурд шудаанд, мепардозем. Шуаро дар мавриди баёни ҷанбаи руҳонии инсон аз фазоили муқаддасу поки ин мавҷудоти беҳтарини худовандӣ ёдовар шуда, дар баёни ҷанбаи ҷисмонӣ бошад, асосан инсонро ба қаҳрамонҳои ормонии адабиёти пурғановатамон шабеҳ додаанд, ки талмеҳро ба хотир меоварад:

*Ман <u>ҷаҳаннампарвару</u> халқе <u>биҳишторои</u> ваҳм,*

*Нашъаи саҳбои мо гӯё хумори банг буд* [23, 81].

***

*Сикандартинатам, бо чашмаи ҳайвон намесозам,*

*Дилам шодоби ҷоми соқии симинтан аст имшаб* [45, 218].

Шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд барои баёни ҳолатҳои равониву ҷисмонии инсони ошиқу ориф вожагону таъбироти ҷолибу шоиронаи Бедилро устодона истифода бурда тавонистаанд, ки ин амал ҳамагӣ аз ҳунари суханвариашон дарак медиҳад. Аз ҷумла, дар иртибот ба ҳолати орифи ба мақоми ҳайратрасида, ки аз зинаҳои вежаи камолоти маънавии инсон маҳсуб меёбад, вожагони мураккабе, чун ҳайратфизо [45, 187], ҳайратпарвар [45, 218], ҳайратзада [50, 93], ҳайратхона [50, 123], ҳайратпеша [50, 128], ҳайратобод [50, 225], ҳайратсаро [50, 273] ва амсоли инро метавон аз ашъори шоирони мавриди таҳқиқ дарёфт намуд. Барои намуна ба чанд байт руҷуъ мекунем:

**Ҳайратпарвар:**

*Зи ишқат чун пари товус ҳайратпарвар ангуштам,*

*Муҳаббат сурати оина баст охир бар ангуштам* [45, 218].

**Ҳайратзада:**

*Нест парвози малак мардуми ҳайратзадаро,*

*Мурғи тасвир бурун аз ғами дом аст ин ҷо* [50, 93].

Дар байти дигар вожаҳои мураккаб ба таври чида омадаанд:

*Мудом карда siyaҳ рӯзгори ман, Шӯхӣ,*

*Руҳофтобу баногӯшмаҳ, баданмаҳтоб* [50, 98].

Лозим ба ёдоварист, ки дар ашъори шоирони мавриди назар вожаҳои мураккаби бисёрреша, ки аз се ва чаҳор ҷузъ иборатанд, низ ба чашм мерасад. Барои исботи фикр аз ашъори эшон намунаҳо меоварем:

*Бо забони ҳол гӯяд ғунча дар боғи ҷаҳон,*

*Туъма ҷуз хун нест дандонбарҷигарафшурдаро* [50, 71].

***

*Хотирғубордида чунонам зи дасти чарх,*

*К-оина ҳам ба худ напазирад мисоли ман* [50, 261].

Ҷой додани чанд вожаҳои мураккаб дар таркиби як ғазал, ки қаблан дар ашъори шоирони дигаре чун Сайидову Бедил ба назар мерасид, аз ҳунари шоирии Шӯхӣ дарак медиҳад. Дар ин бора дар сарсухани китоби «Мунтахаби ғазалиёт»-и Шӯхӣ ишора рафтааст «...шоир дар роҳи созиши калимоти мураккаб, ки аз ду ё бештар реша иборатанд, гомҳои устувор гузоштааст» [142, 16].

Ба як ғазали Шӯхӣ, ки ҷавобан ба ғазали Сайидо [120, 116; 38, 347] эҷод шудааст, руҷуъ мекунем:

*Кабобам карда ёди ҷилваи он шӯхболое,*

*Ки дар иқлими раъноӣ бувад маъшуқи яктое.*

*Қабогулгун паризоде, ба раҳ товусрафторе,*

*Баданоинатаркибе, сафотахмираъзое.*

*Латофатгуфтугӯлаъле, назокатшевамазмуне,*

*Забонсанҷидагуфторе, суханнашнидадоное.*

*Табассум шаккаромезе, тараҳҳумпеша дилдоре,*

*Такаллуммунтахаб шӯхе, саропо рамзимое.*

*Тағофулпеша майнӯше, нигаҳошиқталабгоре,*

*Шикорандоз бераҳме, балоҷӯ, фитнаорое.*

*Фариди кишвари Шӯхӣ, шаҳи авранги бедодӣ,*

*Бути бемисл маъшуқе, биҳиштизода барное* [50, 291].

Ба ҷуз аз вожагони мураккаб дар ашъори шоирони мавриди таҳқиқ таркибҳое ба назар мерасанд, ки аз ду ё се ҷузъ иборат буда, дар ифодаи як маъно ё мафҳум, ё як ҳолати равонӣ корбаст шудаанд. Аз сабаби он ки таркиби эҷодиёти шоирони мавриди назарро вобаста ба замон асосан мавзуи иҷтимоӣ фаро гирифта буд, шуаро зимни мурочиат ба инсонҳое, ки берун аз мақоми ирфонӣ қарор доштанд, таркибҳои хосае офарида, ки аслан баёнгари хислатҳои заминии эшон мебошад. Масалан, дар байти зер Асирӣ ибораи «ҷайби адам»-ро ба маънии инсони пайванд ба ҷаҳони омадшуд ба кор бурдааст, ки билохир фирефта хоҳад шуд:

*Фиреби домани ҳастӣ махӯр чу тифли сиришк,*

*Саре зи <u>ҷайби адам</u> бар маё, ки по ин ҷост* [23, 75].

***

**Дарди дили мурғони қафас –** ин ҷо киноя аз инсони пурдарду пурғам.

*Гул ҳамон беҳ, ки ба ҳар ҳарф наяндозад гӯш,*

*Варна <u>дарди</u> <u>дили</u> <u>мурғони</u> <u>қафас</u> бисёр аст* [23, 85].

Ин навъи иборасозиро шоирони мавриди назар бисёр истифода кардаанд, ки ин ҷо аз зикри муфассали он худдорӣ менамоем.

Ҳамчунин, дар ашъори шоирони мавриди таҳқиқ калимот ва образҳои мушобеҳи зиёде дида мешаванд, ки таъсирпазирии як идда шоирон аз ҷаҳони ботиниву маънавии шоири соҳибсабке чун Бедилро таҷассум мекунад. Бино ба маълумоти адабиётшинос Н.Нуров «дар аксари сурудаҳои Бедил вожагоне чун «оина», «ҳайрат», «нафас», «мавҷ», ваҳдату касрат», «ранг» ва амсоли ин басомади фаровон дорад» [138, 104]. Бинобар ин, шоир «дар заминаи корбурди онҳо аз такрори маънӣ дурӣ ҷуста, бар он калимот маонии тозаи шоирона бахшид, ки ин амр ба ҳунари шоирии суханвар дар мазмунсозӣ перомуни як вожа таъкид меварзад» [138, 104]. Забоншинос М.Олимҷонов муқаррар кардааст, ки дар ғазалиёт ва маснавиҳои Бедил 53 калимаи муштақ бо ҷузъи «оина» сохта ва истифода шудааст, ки 40 калимаи он аз ихтироъҳои худи шоир мебошад [139, 82].

Дар шеъри шоирони ҳавзаи Хуҷанд низ истихдоми вофир аз калимоти мазкур, ҳамчунин, як идда вожагони ҳамсони инҳо, мисли «дарюза», «шамъ», «бахя», «гирдоб» ва ғайра ҳангоми офариниши образҳои шеърӣ дида мешавад. Мо барои ба дарозо накашидани баҳси мазкур танҳо ба калимаи «оина» дар ашъори Шӯхӣ таваҷҷуҳ менамоем. Яке аз образҳои шеъри Бедил – «оина» дар ашъори Шӯхӣ басомади зиёд дошта, бино ба маълумоти адабиётшинос Д.Раҳматова [144, 5] ибораву таркибҳои хеле ҷолиб ба мисли «хонаи оина» [50, 82], «оинаи ҳиммат» [50, 217], «оинаи соҳибғубор» [50, 191], «оина-чашми нигарон» [50, 188], «киштии оина» [50, 169], «оина-пушт ба девори ҳайронӣ» [50, 145], «синаи оинаваш» [50, 132], «хотири оина» [50,

133], «оинадори ҳусн» [50, 129], «чеҳраи оина» [50, 114], оина-файзи хоксориҳо» [50, 41], «оина-оғози мо» [50, 40], «Бесутун-оинаи ҷавҳари мардон» [50, 74], «софии оина» [50, 75] ва ғайра созмон ёфтаанд. Дар умум, аз рӯйи мушоҳидаи мо Шӯхӣ зиёда аз 70 маротиба дар 62 ғазал вожаи «оина»-ро мавриди истифода қарор додааст. Чунончи:

*Аз софтинатӣ гили моро сириштаанд,*

*Оина дар хатар набувад аз ғубори мо* [50, 30].

***

*Агар дар оина худро назора меҳоҳӣ,*

*Биё ба хонаи дил, то диҳам нишони туро* [50, 53].

Бо он ки «оина» дар шеъри Мирзо Абдулқодири Бедил бамаротиб аз шеъри Шӯхии Хуҷандӣ зиёд аст, ин нукта низ қобили қайд аст, ки оморгирии муҳаққиқи мазкур аз рӯйи «Мунтахаби ғазалиёт»-и Шӯхӣ сурат гирифтааст. Дар ҳоли такмили ин омор аз рӯйи матни пурраи девон метавон доираи таъсирпазирии шеъри Шӯхиро дар доираи густардатар баррасӣ кард.

*Истиқбол аз шеваи маъниофаринӣ.* Шуарои мавриди назар асосан дар шаклу услуб пайравӣ ба ашъори нобу ҷаззоби Абулмаонӣ менамуданд, аммо ин пайравӣ ва дилбастагиҳои эшон ба ҳадде буд, ки бевосита дар бозофаринии маонии ашъори ин шоири бузург низ таъсиргузор гардид. Байти Файёз далели ин гуфтаҳост:

*Ҳар нафас аз қасри умрам канд хишти зиндагӣ,*

*Баҳри ин вайрона аз таъмири меъморам мапурс!* [48, 28]

Байти мазкур ҳамон ғазали машҳури Бедилро, ки дар баррасии мухаммас ёдовар шуда будем, ба хотир меоварад:

*Нафас ҳар дам зи қасри умр хиште меканад, Бедил,*

*Пайи таъмири ин вайрона меъмор инчунин бояд* [25, 231].

Мисоли дигар, Бедил:

*Бедил, навиди қосиди бадлаҳҷа мотам аст,*

*Мактуби навбаҳор набандӣ ба боли зоғ* [25, 313].

Шӯхӣ:

*Шеваи донишварон аз мардуми нодон маҷӯӣ,*

*К-аз забони зоғ мен-ояд баёни андалеб* [50, 100].

*Тазмини шуаро ба ашъори Бедил.* Пайравиҳои шоирони давраи таҳқиқ ба ашъори Бедил то ба ҳаддест, ки онон дар густариши тазмину назирагӯӣ низ саҳми арзанда гузоштаанд. Чунончи:

Ҳоҷӣ Ҳусайни Роҷӣ:

*Қадам неҳ, дар тариқи аҷз, Кошиф, баски Бедил гуфт:*

*«Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо!»* [45, 376]

Туробӣ:

*Ба аҷзи хеш менозам, Туробӣ з-он, ки Бедил гуфт:*

*«Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо!»* [45, 397].

Иффат:

*Чӣ хуш гуфтаст, Иффат, булбули боғи сухан, Бедил,*

*«Нишоти ин баҳорам бе гули рӯят чӣ кор ояд?!»* [45, 415].

Маврид ба зикр аст, ки дар ғазалҳои шоирони мавриди назар ба ҷуз таъсири бевоситаи Бедил навъе таъсири намояндагони дигари сабки ҳиндиро метавон мушоҳида кард. Аз ҷумла, ин абёти Нозил гарчанде ба ягон намояндаи алоҳидаи ин сабк пайравӣ намудани шоирро нишон надиҳад ҳам, вале услуби шоир аз таъсири ин равия далолат менамояд:

*Ҳарими синаи ушшоқ, оташхонаи шавқ аст,*

*Гурез, эй булҳавас, то дарнасӯзӣ* ***шуълазантолеъ****.*

*Зи* ***хилват по*** *куну дар маҷлиси риндон рав, эй зоҳид,*

*Зуҳури шуълаи шавқ аст дар ҳар* ***анҷумантолеъ*** [32, 47].

Дар мисоли зикршуда мафҳуму образҳои «шуълазантолеъ» (истиора аз толеи нек), «анҷумантолеъ» (истиора аз толеи баланд), «пои хилват» навъи усули образофаринии намояндагони сабки ҳиндиро ба хотир меорад.

Шӯхӣ низ мисли дигар муосиронаш ба намояндагони дигари сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Соиб аз ҷиҳати шакл пайравӣ намудааст:

Соиб:

*Нигаҳ дор сарриштаи ҳисоб ин ҷо,*

*Ки дам шумурда занад баҳр аз ҳубоб ин ҷо.*

Шӯхӣ:

*Кашид субҳ агарчи сар офтоб ин ҷо,*

*Фишонд бар сари ман шоми ғам туроб ин ҷо* [50, 33].

Аз ин мисол равшан аст, ки Шӯхӣ ин ғазалро дар ҷавоб ба ғазали Соиб гуфта, «аз ҳодисаву рӯйдодҳои ҳаёт бепарво набудан, вақтро барабас масраф накардан, оғозу анҷом ва гиреҳу сабаби ҳодисаҳоро сарфаҳм рафтан ва дар ҳалли он кӯшидан» барин фикрҳои дарназар доштаи ӯро бо тазмини мисраи *«Бисоз бо ҷигарташна чун сароб ин ҷо»* ҷонибдорӣ менамояд. Гарчанде ғазали мазкур дар ҷавоб ба ғазали Соиб гуфта шудааст, аммо Шӯхӣ тавонистааст, ки сабк ва услуби худро нигоҳ дорад. Мисоли дигар, Сайидо:

*Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,*

*Нолаи ҷуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд* [38, 128].

Иффат:

*Шаб, ки шуд оташфишонӣ, бистарам омад ба ёд,*

*Нолаҳое чун сипанди пайкарам омад ба ёд* [45, 415].

Ҳарчанд назирагӯиву пайравии шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд ба шеваву тарзи баёни Бедил ифодакунандаи ҳунари воло ва маҳорати сухангустарии эшон бошад ҳам, аммо на ҳамаи шуарои мавриди назар ба ин муваффақ шудаанд. Гарчанде аз ашъори баъзе аз шуаро (Хотиф, Маъюс, Ҳоҷӣ Ҳусайни Роҷӣ) дар назари аввал пайравӣ ба ашъори Амир Умархон ба назар расад ҳам, аммо тавассути ашъори ӯ истиқбол намудани сабки Бедилро дарк карда метавонем, чун Амир низ яке аз муқаллидони Бедил буда, дар эҷоди ғазал аз сабки шоир суд ҷустааст.

Дар умум, шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд ба сабки ҳиндӣ, хоса Бедилу Соиб, Сайидо ва дигарон таваҷҷуҳ дошта, пайравиҳои эшон асосан аз ду ҷиҳат: ҷиҳати зоҳирӣ ва шаклии шеър, аз ҷумла вазн, қофия, радиф, таъсирпазирӣ дар мазмунсозиву маъниофаринии ин сабк дар ашъори шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд ба чашм мерасад. Як хусусияти таъсирпазирии шоирон дар забони шеър, яъне офариниши калимаҳои мураккаб, ибораҳо ва

таркибҳои шоирона таҷассум ёфтааст. Ин далели он аст, ки шуарои мавриди назари мо баробари шуарои ҳамаҳди хеш, ки дар дигар ҳавзаҳои адабӣ буданд, беҳтарин суннатҳои шеъри Бедилро густариш ва давом додаанд.

### 3.2. Баррасии ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ

Нахуст дар мавриди таърихи пайдоиши «сабки давраи бозгашт» ва чунин унвон гирифтани он ҳаминро метавон баён кард, ки муҳаққиқи эронӣ А.Хотамӣ таърихи пайдоиши онро ба ду давра: нимаи дуюми асри XII-XIII/XVIII-XIX нисбат дода, дар мавриди «бозгашт» унвон гирифтани он чунин андеша дорад: «шоирони нимаи дуюми қарни дувоздаҳум ба шеваи шоирони ду қарни гузаштаи худ пушт кардаву ба сӯйи шоирони мутақаддам бозгаштанд ва ба лиҳози ҳамин эътиқод ба бозгашт ба шеваи қудамо дар истилоҳ муосирони давраи онон дар таърихи адабиёт «давраи бозгашт» ном гирифтааст, ки дар давраи мутолиа қарор мегирад» [79, 53].

Дар ин давра шуарое буданд, ки бештар шеваи Саъдӣ, Амир Хусрав, Камоли Хуҷандиву Ҳофиз, Ҷомиву Навоиро, ба истилоҳи сабки қудамо ё мутақаддам ихтиёр карда, равиши бозгаштро давом додаанд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки аҳли назар мулоҳизоти марбут ба бозгашти шуароро ба ду сурат баён намудаанд:

Аввалан, шоирон бар асари аҷзи худ дар муқобили сабки бедилӣ онро мубҳам ва печида унвон дода, аз он парҳез кардаву ҳатто дар инкори ин сабк пардохтанд, ки намунаашро дар сурудаи Фориғи Ҳисорӣ метавон мушоҳида кард [87, 108-109].

Гурӯҳи дуюм муътақид буданд, ки шеъри Бедил навъе муъҷиза аст ва ҳар чи қудрат ба офариниши муъҷиза надорад, бигузор бар он даст набарад. С.Айнӣ бо такя ба мулоҳизоти А.Дониш дар мавриди ин баҳс навиштааст: «Услуби Бедил бо сабаби душворфаҳмиаш қобилияти умумӣ шудан надошт… Бинобар ин, баъзе шоироне ҳам, ки услуби Бедилро бомуваффақият тақлид карда намунаҳои дуруст дода буданд, дар охир аз ин роҳ баргашта ба оммафаҳм кардани асарҳои худ кӯшиш намуданд. Дар робита ба ин баҳс аз ҳамсуҳбатии хеш бо А.Дониш ёдовар шудаанд, ки гуфта

буд: «Бедил пайғамбар аст, муъҷизаро дар ихтиёри пайғамбар гузоштан даркор аст. Шумо валӣ шуда кароматнишон диҳед ҳам мешавад». Ба андешаи С.Айнӣ шояд «таъсири ҳамин гуна сӯҳбатҳо бошад, ки Сарир, Сират ва Исо баъд аз он ки умри ҷавониашонро ба тақлиди Бедил сарф карданд, дар пирӣ шеъри худро сода карданд» [87, 108-109].

Ашъори шоирони мавриди назар низ бозгӯйи ҳамин гуфтаҳост, зеро аксари ин шоирон (Содиқ, Шӯхӣ, Парӣ, Нозил, Асирӣ) дар аввал ҳамчун пайрави Бедил шинохта шуда, баъдан, шояд баъди фаҳмиши сирру асрори «муъҷизот»-и Бедил аз он даст кашида, ба соданависӣ рӯй оварданд, зеро осори бадастомадаи шоирони ин давра аз он шаҳодат медиҳад, ки аксари онҳо аз байни шоирони асрҳои XIII, XIV ва XV бештар ба Ҳофиз пайравӣ намудаанд. Дар ин бора муҳаққиқ У.Каримов низ таваҷҷуҳи алоҳида зоҳир намуда, зикр карда буд, ки «тақрибан шоири ғазалсароеро пайдо намекунем, ки дар назди иқтидори ин нобиғаи назм сари таъзим фуруд наоварда бошад. Бинобар ин, дар қатори шоирони асрҳои дигар, як зумра гӯяндагони нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX – Мирзо Содиқи Муншӣ, Парии Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Мирзо Атои Бухороӣ, Шӯхии Хуҷандӣ, Қонеи Насафӣ, Шавқии Қатақӯрғонӣ ва дигарон ба ғазалиёти Ҳофиз бештар татаббуъ, тазмин ва пайравиҳо карданашон як амри қонунӣ буд» [114, 140-141].

Чунонки қайд гардид, дар қатори шоирони номбурда шуарои мавриди таҳқиқи мо низ аз мактаби бузурги Ҳофизи Шерозӣ татаббуъ намудаанд, ки дар зер пайравиҳои эшонро аз рӯйи маъно, тазмин ва шакл (вазну қофияи ҳамгун) баррасӣ менамоем.

Аз ашъори шоири соҳибдевони ин давра – Шӯхӣ маълум мегардад, ки ӯ қисме аз ашъори худро дар пайравии устоди бузурги ғазал – Ҳофиз низ сурудааст. Чунончи:

*Наям, Шӯхӣ, ба кори гуфтугӯ холӣ зи имдоде,*

*Муриди табъи назми Ҳофизи Шероз мебошам* [50, 13].

Ё дар мавриди дигар:

*Фароғ аз миннати соқии даҳрам додааст, Шӯхӣ,*

*Суханҳои майомези Лисонулғайби Шерозӣ* [50, 292].

Аз ин абёт бармеояд, ки ашъори Ҳофиз воситаи илҳомбахш ва маншаи руҳияи шодиву нишоти муҳити Шӯхӣ ба ҳисоб мерафтааст, зеро аз ашъори ӯ вобастагии сабку мундариҷаи Ҳофиз ба хубӣ маълум аст.

Шӯхӣ нахустғазали девони Ҳофизро тазмин намуда, на ба шеваи гуфтор, балки ба руҳияи ғазали шоир пайравӣ кардааст. Шоир ҳини тазмин кӯшидааст, ки калимоти меҳварии байтҳои Ҳофизро дар шеъри худ риоят кунад, то ҷаззобияту фасоҳати маъно аз байн наравад.

Чунончи, Ҳофиз:

*Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,*

*Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо* [58, 41].

Шӯхӣ:

*Худовандо, ба мифтоҳи карам бикшо дари дилҳо,*

*Ба ангушти иноят соз, ё Раб, ҳалли мушкилҳо...*

*Хуморолуда омад, Шӯхӣ, аз майхонаи ваҳдат,*

*«Ало, ё айюҳа-с-соқӣ, адир каъсан ва новилҳо»* [50, 14].

Аз мисраи «*Ало, ё айюҳа-с-соқӣ, адир каъсан ва новилҳо*»-ро овардани Шӯхӣ маълум аст, ки ин ғазал дар тазмини ғазали Ҳофиз таълиф шудааст. Шӯхӣ дар ин ғазал ба талаботи тазмин риоя намуда, чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа кӯшидааст, то ҳамсони Ҳофизи лисонулғайб эҷод намояд. Масалан, агар Ҳофиз дар роҳи ишқ афтодани мушкилиро баён карда бошад, Шӯхӣ ҳалли онро аз Худованд металабад ва амсоли ин.

Лозим ба ёдоварист, ки ба ин ғазал Нодими Истаравшанӣ [53, 63] ва Мирзо Содиқ низ тазмин намудаанд [114, 141]. Ин равишро метавон ба иддае аз шуарои дигар низ нисбат дод.

Ашъори Ҳофиз, образҳои хосаи ҳофизона ва руҳияи ҳофизӣ ба дигар намояндагони адабиёти ҳавзаи Хуҷанд (Нозил, Файёз, Кошиф ва дигарон) низ бетаъсир намонд, ки дар ин маврид У.Каримов бо зикри андешаи худ мисолҳои зерро ба унвони шоҳид овардааст. Чунончи, Нозил:

*Ҷоми доно з-инқилоби давр лабрези ғам аст,*

*Аблаҳонро нашъаи шодист дар дил, ғам куҷост?!* [32, 43]

Ин байт беихтиёр гуфтаи поёни Ҳофизро ба хотир меорад:

*Аблаҳонро ҳама шарбат зи гулобу қанд аст,*

*Қути доно ҳама аз хуни ҷигар мебинам* [57, 416].

Дар ин ду байт ҳам воқеияти муҳиту предмети тасвир, ҳам дараҷаи парешонию дилсӯзӣ ва ҳам мавҷи туғёнҳои ботинии қалби Ҳофизу Нозил тақрибан якхела аст. Агар Ҳофиз «шарбати аблаҳонро гулобу қанд» хонда, онро муқобили хуни ҷигар хӯрдани нафарони донову оқил дониста бошад, Нозил низ ба ҳамин маънӣ ба ҷойиибораи «қути доно»-и Ҳофиз «ҷоми доно» ва бар ивази «хуни ҷигар» - «лабрези ғам»-ро офарида, андешаи Ҳофизро, ки аблаҳон ҳамеша дар нашъаи шодӣ ва сururанд, ҷонибдорӣ намудааст.

Мисоли дигар, Ҳофиз:

*Дар вафои ишқи ту машҳури хубонам чу шамъ,*

*Шабнишини кӯйи сарбозону риндонам чу шамъ* [58, 267].

Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф:

*Бе ту дар шабҳо ба ҳар ҳангома гирёнам чу шамъ,*

*Аз шарори дил ба чандин ранг сӯзонам чу шамъ…* [45, 286]

Ба ғазалиёт ва услуби шеъри Ҳофиз то чи андоза ҳусни таваҷҷуҳ доштани шуарои мавриди назарро дар мисоли мухаммасоти эшон низ мушоҳида метавон кард. Аз байни мухаммасҳои шоирон қисмати бештарро мухаммасҳои тазминӣ ташкил намуда, ба ғазалҳои намояндагони сабки ироқӣ ба монанди Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон мухаммас баста шудаанд. Чунончи, Файёз дар банди охири мухаммасаш, ки онро ба *«Дар ин замона рафиқе, ки холӣ аз халал аст, / Суроҳии маи нобу сафинаи ғазал аст»* ном ғазали машҳури Ҳофиз бастааст, мадад намуданани руҳи Хоҷа Ҳофизро ба қалам оварда мегӯяд:

*Шабе ба бандаи худ руҳи Хоҷа шуд ёраш,*

*Зи рӯйи лутф ба Файёзи хастаи зораш.*

*Бидод як қадаҳи пур чу ҳусни гуфтораш,*

*«Ба ҳеҷ давр нахоҳанд ёфт ҳушёраш,*

*Чунин ки Ҳофизи мо масти бодаи азал аст»* [48, 10].

Эҳтироми зиёд ва гиромӣ доштани Хоҷа Ҳофиз ва ашъори ноби ӯро аз мухаммаси Фавзӣ низ метавон дарк кард, зеро Фавзӣ дар мақтаи мухаммасаш ашъори Ҳофизи лисонулғайбро беҳ аз дурру гавҳар дониста, чунин иброз намудааст:

*Ҷаҳон зи файзи суханҳои туст пур, Ҳофиз,*

*Ба назди Фавзии бечора беҳ зи дур, Ҳофиз,*

*Зи бадсириштии даврон ту ғам махур, Ҳофиз,*

*«Зи меҳрубонии ҷонон тамаъ мабур, Ҳофиз,*

*Ки нақши ҷавру нишони ситам нахоҳад монд»* [14].

Ҷоиз ба қайд аст, ки дар зери мафҳуми «сабки бозгашт» – гароиш ба ашъори Ҳофизро асосан дар назар дошта бошанд ҳам, аммо дар ғазалҳои шуарои асрҳои XVIII, XIX ва ибтидои асри XX навъе руҷуъ ба намояндагони дигари ин сабк – Саъдӣ, Камол ва Ҷомӣ низ ба назар мерасад. Дар мавриди истиқбол аз шуарои давраи мутақаддам муҳаққиқи эронӣ А.Хотамӣ бамаврид гуфтааст: «... гӯяндагон пайравӣ аз равиши шуарои садаҳои шашуму ҳафтум ва ҳаштум, яъне шуарои сабки ироқиро аз даст нагузоштанд...» [79, 49-55]. Дар ин маврид метавон аз тазминҳои шуаро ёд намуд. Шоирони мавриди назар ба ашъори Ҳофиз ба дигар намояндагони сабки мутақаддам тазминҳое намудаанд, ки ҳама истиқбол ва пайравиҳои эшонро аз ин сабк бозгӯйӣ мекунад. Дар зер намунаҳои онро ба ин шакл меорем.

*а) Тазмини шуаро аз ашъори Ҳофиз:* Дар ин порча Файёз тибқи тазминбандӣ нахуст аз номи Низомӣ ва Ҳофиз ёд намуда, баъдан аз ашъори эшон байте овардааст:

*...Бигуфт байти аҷибе, ба хотирам бирасид,*

*Чӣ хуш навишта Низомӣ ба «Махзан-ул-асрор»,*

*Ба одамӣ ба ҷаҳон боз хуштар аз ин чист,*

*Ҷавонию маю маъшуқу сабзаю гулзор?»*

*Бигуфтамаш, ки ба девони Ҳофизи Шероз,*

*Аз ин қабил ишорат бувад ҳазор-ҳазор.*

*«Дар ин замона рафиқе, ки холӣ аз халал аст,*

*Суроҳию маи нобу сафинаи» ашъор* [48, 71].

Мисоли дигар аз Файёз:

*...Насиҳате, ки ба девони Ҳофизи Шероз,*

*Ба зар навишта бидидам, ки ин чунин рақам аст:*

*«Ғанимате шумар, эй шамъ, васли парвона,*

*Ки ин муомаларо лутф то ба субҳдам аст»* [48, 67-68].

*б) тазмини шуаро аз шуарои дигари мутақаддам:*

Ҷоиз ба қайд аст, ки Файёзи Хуҷандӣ дар пайравӣ аз Пайғамбари ғазалсаро – Шайх Саъдӣ худро Саъдии асри хеш мешуморад:

*Ту мурғи руҳ тавонӣ, ки дар қафас дорӣ,*

*Қафас чу бишканад, ин мурғ мекунад парвоз.*

*Рабуд гӯи балоғат ба асри худ Файёз,*

*«Чу дар замони Атобак, ки Саъдии Шероз»* [48, 28].

Шоир дар ду маснавии хеш аз андешаҳои тарбиявӣ ва гуманистии Шайх Саъдӣ баҳраёб шудааст:

*...Фикр кун як дам, эй бути танноз,*

*Бин, чӣ бинвишт Саъдии Шероз:*

*«Эй ки гаштӣ чу пойбанди аёл,*

*Дигар озодагӣ мабанд хаёл.*

*Ғами фарзанду нону ҷомаву қут,*

*Боз дорад зи сайр дар малакут...»* [48, 75]

Лозим ба ёдоварист, ки шуарои мавриди назари мо низ дар баробари кӯшиш дар пайравӣ аз услуби бедилӣ ва сабки бозгашт, ҳатто, аз Фирдавсӣ низ истиқбол намудаанд:

*Зи абёти Фирдавсии бебадал,*

*Яке байт хонам туро муҳтамал.*

*«Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,*

*Шавад ҷомаат сарбасар анбарӣ»* [23, 41].

Дар баробари пайравӣ ва татаббуъ аз Хоҷа Ҳофиз шуарои мавриди назар аз шоири барҷастаи ҳамзамини хеш Хоҷа Камоли Хуҷандӣ низ дар чанд маврид истиқбол намудаанд. Мо ин ҷо бо зикри чанд намуна иктифо менамоем. Камол:

*Аз ту чашмам чу хатат кай тарафи маҳ бошад,*

*Бо хаёли ту киро дар дили ман раҳ бошад* [46, 322].

Кошиф:

*Кошкӣ бе ту маро сабру қароре бошад,*

*Ё туро сӯи мани зор гузоре бошад* [33, 62]

Камол:

*Ин чӣ маҷлис, чӣ биҳишт, ин чӣ мақом аст ин ҷо?!*

*Умри боқӣ, рухи соқӣ, лаби ҷом аст ин ҷо!* [46, 50]

Шӯхӣ:

*Шаби ид асту тараб бе ту ҳаром аст ин ҷо,*

*Гардиши чашми асас гардиши ҷом аст ин ҷо*! [50, 93]

Пайравӣ ва истиқболи шуарои мавриди таҳқиқи мо ба таври муфассал дар яке аз нигоштаҳоямон баррасӣ ёфтааст [ниг. ба: 11-М].

Бино ба маълумоти У.Каримов «Дар девони Нозил аз гузаштагон бештар номи Абдурраҳмони Ҷомиро мушоҳида намудан мумкин аст, зеро шоир дар осори худ пайваста аз эҷодиёти Ҷомӣ баҳравар будани худро таъкид карда, «бодаи ҷоми Мавлавиро гулфомтар» донистааст:

*Ҳар касеро бодаи гулгун диҳад, Нозил аз он,*

*Чашм дорам, Мавлавӣ Ҷомӣ диҳад гулфомтар»* [32, 48].

Нозил борҳо таъкид кардааст, ки аз «ҷоми Мавлавӣ» баҳраманд аст ва, аз ин рӯ, ба тарзи равияи Ҷомӣ сурудааст:

*Аз Мавлавист, нашъаи ҷоме, ки бурдаам,*

*З-он Нозилист вои ману вой-вои ман* [32, 48].

Нозил худро яке аз шогирдони камтарини Ҷомӣ ҳисобида, дар ситоиши ӯ ғазали алоҳидае бо радифи «ҷонам фидои Ҷомӣ» иншо намудааст:

*Аз ҳар ду ваҷҳ пирам, ҷонам фидои Ҷомӣ,*

*з по-ш сар нагирам, ҷонам фидои Ҷомӣ...*

*Будам ба зери гардун, Нозил ду дида пурхун,*

*Акнун маҳи мунирам, ҷонам фидои Ҷомӣ* [32, 48].

Дар ин давра бо баробари истиқбол ва пайравии шуарои пеш аз худ шуарои мавриди назари мо дар ҷавоб ба баъзе ғазалҳои Амир Умархон ашъор сурудаанд, ки намунаи онро мо такя ба суханҳои У.Каримов дар фасли якуми боби аввали рисола овардем [ниг. ба саҳ.: 23].

Дар маҷмуъ, баҳсу баррасии вежагиҳои сабкии шоирони ин замон гувоҳ аз он медиҳад, ки дар адабиёти ин давра асосан мактаби пайравони Бедил ривоҷ дошт ва гурӯҳе аз шоирон дар истиқбол аз сабки сухани ин шоири номвар иқдом ва ғазалҳояшро тазмин намудаву ба суннатҳои адабии мактаби шеърии ӯ пайравӣ кардаанд. Баробари ин, истиқбол аз сабки сухани Саъдиву Камол, Ҳофизу Ҷомӣ ва Амир Умархон баёнгари он аст, ки унсурҳои ҷараёни бозгашти адабӣ низ дар эҷодиёти гурӯҳе аз суханварони давр дида мешавад.

## 3.3. Заминаҳои зуҳури падидаҳои шеъри нав

Дар баробари мавҷудияти ҷараёнҳои адабии мактаби пайравони Бедил, бозгашти адабӣ дар ин давра тозагиҳое аз ҳар ҷиҳат ба чашм мерасанд, ки гурӯҳе аз донишмандон бо назардошти унсурҳои шаклӣ ва муҳтавоӣ заминаҳои пайдоиши шеъри навро аз ҳамин давра муқаррар карда, онро «ҳодисаи муҳим» донистаанд. Ба андешаи Х.Отахонова «Он на танҳо навпардозиро дар шеър ифода мекард, балки моҳиятан маънии бо қуввати тоза пару бол задани назм, парвози баланд ва ба талаботи замон мувофиқ шудани онро дошт» [140, 131]. Ба ин хотир дар адабиётшиносӣ истилоҳи шеъри нав пайдо шуд ва дар ин замина чанд мақолаву китобҳо таълиф ёфтанд.

Боиси қайд аст, ки дар ташаккулу таҳаввул, ҳамчунин, падидаҳои тозаи адабӣ, мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори шоирони давр таъсири маҳфилҳои адабӣ низ хеле назаррас аст, ки дар ин ҷода суҳбату мушовараҳои хонаводагию мадрасавии А.Дониш ва пайравони ӯ мавқеи ҷудогонаеро соҳиб мебошад. Бино ба мулоҳизаҳои академик М.Шакурӣ «Маҳфили адабии

Садри Зиё барои шаклгирии равияҳои тозаи адабӣ, хосатан, барои ташаккули сабки тоза дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарон, ки Садри Зиё дар тазкираи манзуми худ «Тазкори ашъор» шеъри онҳоро «шеъри нав» номидааст» [100, 8], нақши муассир дошт. Аз маълумоти М.Шакурӣ ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои таълифи «Тазкори ашъор» муаррифии шеъри нав будааст [100, 8].

Ҳарчанд баъзе аз адабиётшиносон [140, 131; 88, 147; 89, 8] бар он боваранд, ки шеъри нав дар қаламрави адабиёти форсии тоҷикӣ «бо Суруди озодӣ» (Марши ҳуррият)-и С.Айнӣ, ки соли 1918 навишта шуда, соли 1919 дар нахустин маҷаллаи адабию сиёсии тоҷикӣ «Шуълаи инқилоб» чоп шудааст, ибтидо мегирад, аммо аз «Тазкори ашъор» чунин бармеояд, ки истилоҳи шеъри нав дар адабиёти тоҷикӣ аз солҳои 1905-1907 пайдо шуда, дар баъзе мавορид муродифҳое чун «услуби тоза» ва «тарзи ҷадид» низ доштааст [100, 65].

Гарчанде ин гуна истилоҳҳоро дар мавриди шоирони бузурги сабки ҳиндӣ ҳам дар замони оғозини пайдоиши ин сабк гуфтаанд, он чи ки дар «Тазкори ашъор» меояд, истилоҳан шеъри аз дарунмоя ва абъоди ҳунарӣ тозаро дар назар доранд.

Омили рушди шеъри навро дар асрҳои мавриди назар, хоса асри XIX, аз рӯйи хусусиятҳо ва заминаҳои пайдоишаш мо ба чанд зина тақсим намудем:

1. Роҳ ёфтани калимаҳо ва образҳои нав, вожа ва мафҳумҳои русиву аврупоӣ дар шеър. Дар давраи мавриди таҳқиқ бо назардошти равобити иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву маданӣ дар ашъори баъзе аз шоирони ин давр вожаҳои русӣ мушоҳида мешавад. Аҳмадҷони Ҳамдӣ низ дар корбурди таъбир ва мафҳумҳои нав, калимаҳои русию интернатсионалӣ нақши калон дошта, ин кӯшишоти ӯ дар ғазалҳои пешазинқилобии «Эй моҳлиқои меҳрпайкар», «Рӯйи чаманат хандазани Пориҷу Маскав» ва монанди ин ба хубӣ намоён аст. Чунончи:

*Рӯйи чаманат хандазани Пориҷу Маскав,*

*Мӯйи зақанат таънадеҳи Ботуму Варшав.*

*Дар тозагӣ, эй рашки бутони загаронич,*

*Дар чобукӣ, эй ибрати хубони фаронсав…*

*Эй атру гул аз накҳати мӯи ту парастуй,*

*Аз тобиши рӯят гули атрӣ шуда фалшав.*

*Дар ишқи ту машҳури ҷаҳонем ба сайёз,*

*Дар меҳри ту мақбули замонем ба сайлав.*

*Чун нест ба мо дигар аз ин кофия, Ҳамдӣ,*

*Бояд ки заказ карда биёрем зи Маскав* [100, 65].

Услуби тоза ва тарзи ҷадид ба худ касб кардани ин ғазалро дар корбурди мафҳумҳои нав, ки дар рӯзгори мардуми он давр, пас аз истилои Русия пайдо шуда буд, вобаста медонанд. Номҳои наве, чун Маскав, Братислав, Порич (Париж), Варшав, ки баъзе аҷибу ғайриодӣ чун «кантӯр» (контора), «загронич» (хориҷӣ), «заказ» (дархост кардан), «фалшав» (сохта) ва ғайра ҳама бозгӯ аз ҳаёти тоза, муносибатҳои нави фарҳангиву иқтисодии ин кишварҳо дарак медиҳанд. Дар ин бора М.Шакурӣ чунин андеша дорад: «Он ҷо ки мазмун поя бар навиҳои зиндагӣ ва рамзҳои он дорад, «услуби тоза» ба миён омадааст» [100, 66].

Аз шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд чунин навъи шеърро аз осори шоири маорифпарвар Тошхоҷа Асирӣ метавон дарёфт намуд. Асирӣ дар «Ҷӯйи Бекобод» ном маснавияш, ки бо коргарони рус ҳамсуҳбат ва аз техникаҳои пуриқтидори ин кишвар ба ваҷд омада буд, на танҳо калимаҳои русӣ, балки мисраҳои русиро низ хеле ҳолиб корбаст намудааст:

*…Гуфто зи раҳи вафопарастӣ:*

«*Приходите камне гӯсти*»... [23, 36-39]

Дар осори Асирӣ, хоса дар маснавии «Ҷӯйи Бекобод» калима ва, ҳатто, мисраъҳои русӣ бисёр истифода шудаанд. Ин ҷо агар ба вежагии навъи шеърии ширу шакар, ки асрҳои пеш бо истифода аз мисраъҳои тоҷикӣ ва туркӣ сурат мегирифт, таваҷҷуҳ намоем, равшан мегардад, дар давраи мавриди назари мо бо корбурди мисраъҳои русӣ дар қолиби арӯзи тоҷикӣ

таҷрибаҳои ҷолиб анҷом додаанд, ки омил ба эътирофи он ҳамчун шеъри нав гардидааст.

Шоир лаҳзаҳои кушодашавӣ, корбурди техникаҳо, воҳӯрӣ ва суҳбатҳо бо кормандони русро бо истифода аз калимаҳои *фабрик, машина, министр, губернат, телегром, октябр, поезд, пудрат* ва монанди ин хеле ҷолиб баён намудааст:

*Вазиру волию ҳуккому қуззот,*

*Министирҳои давлат то губернот*

***

*Ба панҷум октабир расми кушодаш,*

*Шуда ҷорӣ чу об андар ниҳодаш.*

***

*Ҳама аз нерӯйи фан гашт эҳё,*

*Паёми тилгироми барқпаймо* [169, 96].

2. Омили дигари пайдоиши «мафҳуми шеъри нав»-ро дар корбурди истилоҳоти одиву омиёна, содаву мусталаҳотилурфия чун гӯйишҳои халқӣ гӯем ҳам, хато нахоҳем кард. Дар ин маврид М.Шакурӣ қайд менамояд, ки «гуфтори омиёна, маҷозҳои халқӣ ва ташбеҳу истиораҳои тоза, ки аз «муҳовароти урфия» гирифта шудаанд, нахустин аломати шеъри нав дар «Тазкори ашъор» аст [100, 67].

М.Шакурӣ бо такя ба Садри Зиё иброз медорад, ки «Садри Зиё барои нишон додани мазмуни тозаи шеъри Айнӣ ба як қасидаи машҳури шоир, ки «қасида... фӣ-л-мусталаҳотилурфия» ном дошта, дар «Ёддоштҳо» ба номи «Қасидаи даҳяк» зикр шудааст, руҷуъ намудааст:

*Боз ор зи бозор, шарик, аз пули даҳяк*

*Ҳалвову мураббову кабобу маю шӯрак.*

*Як халта пур аз соягиву пиставу бодом,*

*Як қуттӣ пур аз кӯфтаву руставу пашмак.*

*Асбоби тараб - чангу дутору маю танбӯр,*

*Лозим бувад имрӯз ба зангу наю ғиҷҷак.*

*Дарёб духулзан, ки агар нест нақора,*

*Мутриб натавон ёфт раҳи зеру баму бак...»* [100, 66].

Шеъри нав ном гирифтани ин шеър шояд дар он бошад, ки он бо оҳанги тоза, бо руҳияи шодмонӣ ва ҳазл бо вазну оҳанги сабуку шӯх эҷод шуда, бештар номи ширинихо ва асбоби тараб «мусталаҳоти урфия», яъне аз гуфтори одӣ ва гӯиш гирифта шудаанд. Маҳз ҳамин хусусияти ин қасидаи Айниро М.Шакурӣ «нишонаҳои шеъри нав» номидааст [100, 66].

Аз намунаи сурудаҳои шоирони нимаи дуюми садаи XIX равшан шуд, ки сабки сабуки мардумӣ ва гӯишҳои халқӣ дар адабиёти форсии тоҷикии ин давр хеле ривоҷ ёфта, дар пайдоиши тарзи ҷадид ва услуби тозаи шеър заминае фароҳам овардааст. Сабки сабуки мардумӣ ва гӯйишҳои халқӣ ҳаргиз матонату латофати сухани шоиронро кам накарда, баръакс, сифати тозаву нав бахшидааст, ки мисоли ин гуфтаҳо шеърҳои устод Айнӣ, Шамсиддин Шоҳин, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва дигар намояндаҳои ин давр шуда метавонад.

Дар ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди назар низ ин вежагиро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар осори Фахрӣ, Қутбинисо, Бибӣ, Бибиҳидоят ва дигарон, намунаи шеърҳои омиёна бисёр ба назар мерасад. Барои тасдиқи фикр ба чанд намунае аз осори Фахрӣ руҷуъ мекунем. Шеърҳои «Чалақ-палақ» [42, 14], «Сифати пушти ӯрда» [42, 21], «Куҷонда?» [42, 31], «Сифати қандақ» [42, 31-33], «Ангур ало шуд» [42, 35] ва ғайраро метавон аз ҳамин қабил шуморид. Чунончи:

*Нархи олуча ба савдо камтар аз «бобоӣ» нест,*

*Ҳеч нахли сардарахтиро ба ин ҳамтоӣ нест.*

*Харбуза, ангур агарчи меваи боғи биҳишт,*

*Қимати онҳо вале асло ба ин аълоӣ нест...* [42, 33, 34]

Мисоли дигар:

*Омад чуғурчуқ беадад,*

*Фарёди мардум дар фалак.*

*Кар шуд аз ин бонгу фиғон,*

*Дар осмон гӯши «малак»...*

*Фахрӣ аҷаб дилгир шуд,*

*Аз «ҳой» гуфтан пир шуд...* [42, 34, 35]

Маълум аст, ки Осиёи Миёна, аз он ҷумла Хуҷанд, бо боғу бӯстон ва меваҳои шаҳдбори худ аз қадим машҳур аст. Фахрӣ, ки худ деҳқон буду соҳаи боғдориро хуб медонист, дар ашъораш боғу киштзорҳои зодгоҳашро васф намудааст. Масалан, дар шеърҳои «Қандак макун» [42, 31], «Сифати олуча» [42, 33] шоир аз таҷрибаи боғдорӣ ва зироаткориаш сухан намуда, парвариши дарахтони мевадорро маслиҳат додааст.

3. Дигар аз омили рушди шеъри нав дар адабиёти форсии тоҷикӣ ин таълифи ашъори ватандӯстӣ, ҳимоя ва ҳифзи марзҳои он мебошад. Бо ин роҳ шуаро дар замири хонанда ҳисси хештаншиносӣ ва дӯст доштани ватанро тарғиб менамуданд, зеро ба қавли М.Шакурӣ дар ин давра «Вожаи «ватан» мазмуни иҷтимоӣ гирифт: на танҳо зодгоҳ ва бомгӯаи падар, балки будгоҳи миллат, чунончи марказҳои бузурги фарҳанг Бухоро ва Самарқандро низ ифода намуд. Бухорову Самарқанд ва фарҳанги бостонии онҳо мояи ифтихори маорифпарварон буд» [100, 67]. Яке аз беҳтарин намунаҳои шеъри ватандӯстии давраи мавриди назар шеъри бар васфи Бухорои Абдурраufi Фитрат мебошад, ки матлааш ин аст:

*Эй модари азизи ман, эй хиттаи Бухор!*

*Эй бо ту ифтихораму в-эй бо ту эътибор!* [100, 68]

Дар идома М.Шакурӣ мавзуи «Меҳан ва меҳанпарварӣ»-ро аз муҳимтарин рукнҳои шеъри нав дониста, ифтихори ватандӯстона ва ғамхорӣ дар ҳаққи Ватанро як мавзуи шеъри нав дар ду даҳаи аввали садаи бист ва шеъри «Дар мадҳи Самарқанду Бухоро»-и Айниро аз ҳамин қабил шуморидааст.

Ба таъкиди М.Шакурӣ «Он мавзуи анъанавии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ки шикоят аз замон, беадолатӣ, носозиву беэътиноӣ дар ҳамбастагӣ бо мавзуи ватан ва ифтихори миллӣ маънои наве ба худ касб карда буд, бо тобиши маънавӣ ба ҷилва омад, зеро мавзуи мазкур аз фарҳанги қадимаи аҷдод

ёдоварӣ намуда, якҷоя бо мавзуъҳои иҷимоиву сиёсии замон ормон (идеал)-ҳои маорифпарварӣ бунёди маънавии адабиётро қувват дод» [100, 68].

Ҳимоя ва ҳифзи зодгоҳ, таараннуми он дар умқи осори шуарои Хуҷанд низ маскан гирифтааст, ки мавзуи мазкур дар фасли дуюми боби аввал баррасӣ гардидааст.

4. Замина ва омили дигаре, ки ба пайдоиши шеъри нав вобастагӣ дорад, ин бозтобии афкори маорифпарварӣ ва сурудани шеърҳои тарғибкунандаи илму дониш буда, масъалаҳои меҳварии он дар шеъри шоирони ин давр низ таҷассум ёфтааст.

Тарғибу ташвиқи мактаби усули нав ва тадрис дар он, омӯхтани улуми замонавӣ яке аз мавзуъҳои асосии шоирони пешқадами замон буда, аз шоирони Хуҷанд мавзуи мазкур дар эҷодиёти Файёз ва Асирӣ мавқеи хос дорад. Эшон мактабҳои усули кӯҳна, ки бачагон дар он танҳо дуову оятҳои Қуръонро сарсарӣ аз бар намуда, дар мутолиаи китобҳои дарсӣ оҷизӣ доштанд, танқид намудаанд. Мавзуи мазкурро аз қасидаи «Дар бобати мактаби ҷадид ва қадим» ё ин ки унвони дигари он «Қасида дар боби усули ҷадида»-и Асирӣ ба хубӣ мушоҳида карда метавонем:

*...Махон ту мактаби дерина мумидди камол,*

*Ҳазор мартаба з-ин раҳ фаротарасту баид...*[23, 70-71]

Асирӣ кӯдаконро панд дода, насиҳат мекард, ки на барои саллаву дастор, на барои ҷоҳу мансаб, балки барои манфиати ҷамъиятии инсоният аз улуми дунявӣ баҳраёб бояд шуд. Ин мавзуъ дар шеъри «Насиҳат ба фарзанд» хеле хуб инъикос ёфтааст, ки мо онро дар фасли дигар баррасӣ намуда будем.

Маврид ба зикр аст, мавзуи мазкур дар эҷодиёти Асирӣ доманаи фарох дошта, шоир мактабҳои усули навро, ки дар ибтидои асри XX бо таъсири бевоситаи инқилоби соли 1905 дар Бухоро, Самарқанд ва баъзе шаҳрҳои Осиёи Миёна таъсис ёфта буданд, ташвиқу тарғиб намудааст:

*...Макотибҳои нав эҷод кардан,*

*Раҳи дарси ҷадид иршод кардан...*

*Сари кори дигар бояд гирифтан,*

*Ба роҳи тоза бояд пеш рафтан…*

*Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол,*

*Сазад рафтан пайи таҳсили икмол…* [23, 21-25]

Дар осори Файёз низ шеърҳои тарғибгари мактабу илму дониш ба назар мерасанд. Дар мусаддаси хеш Файёз ақиб мондани мардуми Шарқ аз Ғарбро дар натиҷаи дур будан аз илму дониш дониста, рӯй овардан ба улуми дунявиро тарғиб намудааст. Файёз дар дигар шеъри худ, ки «Ҷавр ва беадолатӣ» унвон дорад, илмро воситаи соҳибмартабаву соҳибимтиёз гардидани инсон дониста, аз ҳамаи неъматҳои дунё боло медонад:

*...Аз неъмати ҷаҳон ту қаноат ба илм кун,*

*Инсон ба илм дар ду ҷаҳон гашт муътабар.*

*Умри азизро ба раҳи илм сарф кун,*

*Поят шикаста буд, ту чун хома рав ба сар...* [48, 21]

Мавзуи мазкур дар байни шоирони ҳавзаҳои дигари давр низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар таркиби осори лирикии Мунзим қасидае бо унвони «Мактаб» дар ҳаҷми 22 байт мавҷуд аст, ки аз лиҳози мавзуъ метавон онро ба навъи қасидаҳои мадҳия мансуб донист. Қасидаи мазкур аз ҷиҳати сабку услуби баён, устухонбандӣ, муроҷиатҳои тавсифомез, шаклу қолаб, тарзи қофиябандӣ, мадҳу санои мактаб, муаллим ва тарзи тадрис ҷавобгӯйи талаботи жанри қасида буда, мавзуи асарро метавон аз лиҳози тамоюли замонӣ тоза ва нав хонд [ниг. ба: 172, 142].

Ин гуна мавзуъ ва мазмунро дар эҷодиёти Айнӣ низ ба хубӣ дида метавонем. Айнӣ ин макони илму донишро ба сифати «обу нон» тасвир намудааст:

*Бемактабонро набвад ҳаёте,*

*Об аст мактаб, нон аст мактаб.*

Ё дар ҷойи дигар:

*Чанд нишинӣ ба эҳтиёҷу зарурат?*

*Гавҳари ноёб ёб аз дари мактаб…*

*Баччаи одам чаро аз илм гурезад?*

*Хон, накунӣ иҷтиноб аз дари мактаб...*

*Аз раҳи ибрат нигар: шуданд ҳунарвар*

*Хайли вуҳушу давоб аз дари мактаб* [172, 143].

Аз ин намунаҳо бармеояд, ки «услуби тоза», «тарзи ҷадид» ва «сабки нав» падидаҳои гуногун дошта, мо дар боло аз байни ин падидаҳо истифода ва корбурди истилоҳоти ғайр, содабаёнӣ ва муҳовароти урфия, мазмуни нав чун меҳанпарварӣ ва ифтихори миллӣ, омӯзиш ва бохабар шудан аз улуми замонавӣ, тадрис дар мактабҳои усули навро баррасӣ намудем.

Ҳаминро бояд илова намоем, ки баландтарин нуқтаи инкишофи шеъри нави маорифпарварии тоҷикро шеъри машҳур ва инқилобии С.Айнӣ – «Суруди озодӣ» (ё «Марши ҳуррият») медонанд, зеро ба андешаи М.Шакурӣ шеъри мазкур «охирин дастоварди шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ, охири марҳилаи якуми рушди шеъри нав дар адабиёти форсии тоҷикӣ, охири давраи расидан ба қонунмандиҳои тоза мебошад:

*Эй ситамдидагон, эй асирон,*

*Вақти озодии мо расид.*

*Муждагонӣ диҳед, эй рафиқон,*

*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид...»* [100, 73].

Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки шеъри нав дар таърихи адабиёти тоҷик чанд марҳиларо дарбар мегирад? Посухи ин саволро низ аз китоби «Садри Бухоро»-и М.Шакурӣ метавон дарёфт кард, зеро М.Шакурӣ шеъри нави тоҷикро ба се давра тақсим намуда, даҳаи аввали асри XX-ро давраи аввал донистааст.

Ҳаминро низ бояд илова намуд, ки ин навовариҳо на бо истилоҳи шеъри нав, балки чун падидаҳои реализми сотсиалистӣ, ки дар адабиёт дигаргуниҳои бунёдӣ оварда, номи алоҳидае надошт, маънидод мегардид. Шояд аз ҳамин лиҳоз бисёре аз муҳаққиқин дар мавриди пайдоиши шеъри нав ба хатоӣ роҳ дода, оғози онро ба солҳои шасти қарни бист, яъне бо ба миён омадани шеъри нимоӣ, ки робитаҳои адабӣ бо Эрону Афғонистон андак густариш ёфта, баъзе вежагиҳои шеъри нави Эрону Афғонистон ба

Тоҷикистон омад, донистаанд. Ҳол он ки аз даҳаи шастуми асри бист марҳилаи сеюми рушди шеъри нав оғоз мешавад.

Дар умум, метавон изҳор дошт, ки дар баробари мактаби пайравони Бедил ва шеваи бозгашти адабӣ шеъри нав низ яке аз муҳимтарин бозовардҳои равияи маорифпарварӣ дар адабиёти давра ба шумор рафта, он дигаргуниҳоеро дар шакл, услуб, тарз, мазмун ва мавзуи шеър ворид намуд. Шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд низ дар қатори ҳамасрони хеш дар эҷод, таҳаввул, рушд ва нуфуз пайдо намудани шеъри нав» иқдом намуданд, ки дар миёни онҳо Тошхоҷа Асирӣ, Фахрии Хуҷандӣ, Файёзи Хуҷандӣ, Фавзии Хуҷандӣ ва дигарон пешсаф мебошанд.

### 4.4. Вежагиҳои ҳунарӣ ва шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ

Нуфузи ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоирон дар ҳама давру замон ба шеваҳои шоиронаи корбурди саноеи бадеӣ такя мекунад. Дар қаламрави адабиёти давраи мавриди таҳқиқи мо низ шоирон, асосан, аз муҳимтарин шеваҳои роиҷи корбурди саноеи бадеӣ истифода кардаанд, ки ҷойгоҳи бархе аз онҳоро дар эҷодиёти намояндагони ҷудогонаи ҳавзаи адабии Хуҷанд ба риштаи таҳқиқ хоҳем кашид.

Афзалияти матолиби мазҳабиву қуръонӣ дар осори шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд ба нуфуз ва мақоми баландро касб намудани санъати талмеҳ мусоидат намуд.

Бино ба маълумоти А.Сатторзода «адибон аз талмеҳ ба хотири ғунҷонидани маънии бисёр дар лафзи андак, яъне ба хотири барҷастагӣ ва расоии маънӣ истифода кардаанд» [152, 126]. Аз ҷумла, байте аз як ғазали Файёз:

*...Бошад касод равнақи бозори Мисри ҳусн,*

*То ҳусни Юсуфии ту бошад дар обу тоб* [48, 36].

Ин ҷо қиссаи ба фурӯш мондани Юсуф дар бозори Миср инъикос ёфта, ҳусни юсуфӣ, ки дар адабиёт аз беҳтарин ва мондагортарин ташбеҳоти шуарост, тасвир шудааст. Файёз низ бо ин назардошт дар қолаби санъати талмеҳ ҳамин таъбирро мавриди истифода қарор додааст. Байти дигар:

*...Кор бо номард агар афтад, зи мурдан бадтар аст,*

*Ин суханро гуфт Рустам вақти мурдан бо Шағод...* [48, 15]

Ин ҷо ишора ба достони қаҳрамони ормонии «Шоҳнома» – Рустам меравад, ки дар он бо ҳила куштани Рустам аз дасти бародарандараш Шағод тасвир гардидааст. Аз забони Рустам овардани ин сухан, ки: «Афтодани кор ба дасти номард бадтар аз марг аст» аз як ҷиҳат талмеҳ бошад, аз тарафи дигар шоир бо овардани чунин қиссаи ибратбахш хулосаи худро дар бораи мушкилиҳои зиндагӣ ва муносибатҳои одамон баён доштааст.

Дар ашъори Шӯхӣ низ талмеҳоти қуръонӣ фаровон корбаст шудааст. Метавон ин афзалиятро, пеш аз ҳама, ба қавӣ будани ҷанбаҳои фикрии ашъори ӯ нисбат дод. Барои мисол қиссаи Хизрро меорем, ки дар ашъори шоир зиёда аз 17 маротиба корбаст шудааст:

*...Ишқ дар базми ту саршору хирад бебаҳра,*

*Хизр бар чашмаи ҳайвону Сикандар маҳрум...* [50, 228]

Шоир ин ҷо ба қиссаи тӯлонии дастрасии Хизр бар оби чашмаи ҳайвон ва маҳрум мондани Сикандар аз он ишора намудааст.

**Маҷоз.** Дар шеър истифодаи маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо аз меъёрҳои муҳимми бадеияти калом маҳсуб мешавад. Дар адабиёт ба маънии аслӣ ва маҷозӣ истифода шудани вожаҳо ба ҳунари суханварии адибон иртибот дорад. Бино ба андешаи А.Сатторзода «...адибон ба хотири барҷаста ва хотирнишин кардани маъние, чизе, амре, шахсе ва ғайра истифода намудаанд [152, 109]. Ашъори шоирони хуҷандӣ бозгӯйи он аст, ки шуаро аз ин навъи санъат низ бамаротиб истифода намудаанд:

*Биё, эй нури чашму ҷони дида,*

*Зи ман бишнав яке панди ҳамида* [23, 11].

Дар ин байт ибораи «нури чашм» ба маънии ҳақиқии он – «равшании чашми инсон» наомада, балки дар маънии ғайриаслӣ, яъне «фарзанд» мавриди истифода қарор гирифтааст. Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф низ ибораи мазкурро ба маънии ғайриаслӣ – «ёр, маҳбуба» истифода намудааст:

*...Нест ороме маро дар гӯшаи ғам субҳу шом,*

*Бе ту мондам музтариб, эй нури чашмонам, биё* [45, 266].

Мисоли дигар:

*Хешро чун нақши по дар раҳгузор овардаам,*

*Гард аз роҳат ба чашми интизор овардаам* [45, 224].

Ибораи «чашми интизор» дар ин байт маънои маҷозии «умедвор будан», «интизор будан»-ро ифода намудааст.

**Ташбеҳ**. Монанд кардани чизе ба чизе, ки дорои сифатҳои муштараканд, ташбеҳ меноманд. Ташбеҳ аз санъатҳои маъмулу серкорбурди аҳли адаб буда, он дар роҳи барҷаста, равшану зебо ифода намудани ягон лавҳаи бадеӣ мавқеи калон дорад [111, 62].

Ашъори шоирони Хуҷанд дар давраи мавриди таҳқиқ собит менамояд, ки эшон барои равшану зебо ифода намудани фикр аз ташбеҳ ва анвои он бамаротиб истифода намудаанд:

*...Рухаш гул, чашм наргис, қоматаш шамшод, мӯ сунбул,*

*Маро аз ҷилваи он моҳ сайри гулшан аст имшаб...* [45, 218]

Дар ин байти Кошиф, рух ба гул, чашм ба наргис, қомат ба шамшод ва мӯй ба сунбул монанд карда шуда, навъи ташбеҳи пӯшидаро ба хотир меоварад. Мисоли дигар:

*Ин қадар, эй тундхӯ, аз дил фаромӯшам макун,*

*Чун ҳубоби бесарупо хонабардӯшам макун* [45, 224].

Шоир ин ҷо хонабардӯш ва сарсонии хешро ба ҳубобе, ки бесарупо ҳар ҷо мегардад, монанд кардааст.

**Муроотунназир**. Аз санъатҳои бадеии маънавӣ, ки дар як ҷо овардани чанд калимаи маънан ба ҳам муносибатдор (*риояи таносуби сухан*)-ро талаб мекунад [166, 843; 81, 168; 152, 154].

Ҷ.Ҳумоӣ муроотунназирро аз лавозимоти аввалияи сухани адабӣ дониста, қайд менамояд, ки «каломи манзум ва мансур дар адаби форсии тоҷикӣ вақте арзиш пайдо мекунад, ки мобайни аҷзои он таносуб вуҷуд дошта бошад» [81, 170].

Ба иттилои А.Сатторзода муроотунназирро «мутаносиб», «таносуб», «мутобиқа», «тавфиқ», «талфиқ», «тарфиқ», «эътилоф» ва «муохот» низ меноманд [152, 155]. Чунончи:

*Ёқути ту зад парер бар ғунча шарар,*

*Дӣ лола зи по фитод, шуд об гуҳар.*

*Бар гул чу расад ҳавои алмос имрӯз,*

*Бар хок фитад бунафша фардо чун зар* [14].

***

*Гул парер аз қабати хок чу зар берун шуд,*

*Дӣ суман шод шуд аз об, гуҳар берун шуд.*

*Лола имрӯз чу ёқути ту оташрӯ гашт,*

*Боди фардо бадару ғунча зумаррадгун шуд* [14].

Дар ин абёт вожаҳои «парер», «дӣ», «имрӯз» ва «фардо» ба ҳам мутаносибанд.

**Сифатчинӣ (Тансиқи сифот**). Агар «Дар асарҳои адабӣ як чизро ба чанд ном ё чанд сифат дар пайи якдигар ёд кунанд», сифатчинӣ меноманд [152, 156]. Мирзо Шӯхӣ дар корбасти санъати сифатчинӣ истеъдоди баланд дошта, ба ин васила ба ҷиҳати ғаномандӣ ва оростагии ашъораш нақши назаррас гузоштааст:

*...Мудом карда сияҳ рӯзгори ман, Шӯхӣ,*

*Рухофтобу баногӯшмаҳ, баданмаҳтоб* [50, 98].

Бино ба таъкиди Т.Зеҳнӣ «Сифатчинӣ бештар дар як байт ва гоҳе дар ду-се байти алоқадор, ҳатто баъзан дар тамоми ғазал риоя мегардад» [111, 97]. Ин нукта дар як ғазали Шӯхӣ ба таври возеҳ ҳувайдо мегардад. Чун ғазали мазкур дар ҷойи дигар баррасӣ ёфта буд, бо овардани ду байт иктифо менамоем:

*Кабобам карда ёди ҷилваи он шӯхболое,*

*Ки дар иқлими раъноӣ бувад маъшуқи яктое.*

*Қабогулгун паризоде, ба раҳ товусрафторе,*

*Баданоинатаркибе, сафотахмираъзое...* [50, 291]

Мисоли дигар:

*Марди донову хирадманд асту соҳибимтиёз,*

*Маъдани ҳилму ҳаёву ҷавҳари кӯҳи виқор* [48, 24].

Дар ин байт Файёз бо истифода аз вожаву ибораҳои «доно», «хирадманд», «соҳибимтиёз», «маъдани ҳилму ҳаё» ва «ҷавҳари кӯҳи виқор», ки ҳама дар тавсифи як мард омадаанд, санъати сифатчиниро инъикос намудааст.

**Тазод** аз серистифодатарин саноеи бадеӣ дар ашъори шоирони мавриди таҳқиқ буда, мавриди корбурди васеи гузаштагон қарор дошт. Фирдавсӣ ба воситаи тазод низоу нифоқи амиқи фалсафии «Шоҳнома»-ашро аз зиддияти қувваҳои осмонӣ – Ҳурмузу Аҳриман сар карда, то задухӯрдҳои заминии байни Ковусу Афросиёб, Рустаму Сӯҳроб, Сиёвушу Судоба ва санадҳои таърихии то асри истилои араб (асри VII/XIII) аз тасвири рашку муҳаббат, дӯстию адоват, саховатмандию хасисӣ ва ғайра оро додааст. Ҳамчунин, «Хамса»-ҳои Низоми Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дигарон, аз таркиби «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хусрав ва Ширин», «Саломон ва Абсол» ва ғайра асосан бо санъати тазод офарида шудаанд. Бо такя ба ин абармардон шуарои мавриди назар низ ба ин намуди санъати бадеӣ ҳунари шоириашро санҷида, ашъори аҷибе офаридаанд:

*Рӯз дар фикри рухат, шаб дар хаёли кокулат,*

*Мекунам кӯтоҳ аз шавқи ту субҳу шомро* [45, 270].

Дар ин байт Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф бо истифода аз калимаҳои ба ҳам зидди «рӯз»-у «шаб» ва «субҳ»-у «шом» гунае аз санъати тазодро ба хотир овардааст.

Боиси қайд аст, ки мутазод (тазод) ба ҷуз ифодаи калимаву ибораҳои ба ҳам зид, ҳамчунин дар зикри ашё ва ҳодисаҳои ба ҳам зид – ҳолат, сифат, манзара ва саҳнаҳои ба ҳам зидди табиат кӯмак мерасонад. Чунончи:

*Надонистам, ки субҳи ишратамро шоми ғам будаст,*

*Пайи як нӯши ман омода сад неши ситам будаст* [50, 122].

Дар ин байт Шӯхӣ бо истифода аз ибораву таркиби «субҳи ишрат» ва «шоми ғам» ва «як нӯш»-у «сад неш» ҳолатҳои зидди якдигарро ифода намудааст. Мисоли дигар:

*Дидаи бино, ки равшан буд монанди чароғ,*

*Тира чун рӯзи сиёҳам гашт, айнак доштам* [48, 30].

Байти мазкур бо истифода аз санъатҳои ташбеҳ, киноя ва тазод таркиб ёфта, шоир дидаи биноро ба чароғ ташбеҳ додааст, инчунин рӯзи сиёҳ киноя аз ҳолати ғамноки шахс мебошад. Дар мисраи аввал калимаи «равшан» ва дар мисраи дуюм калимаи «тира» ба ҳам тазоди фосилавӣ буда, шоир сифатҳои зидди якдигарро ба ҳам муқобил гузоштааст. Ҷоиз ба қайд аст, ки истифодаи якчанд санъат дар як байт аз ҳунармандӣ ва тахайюлоти рангини шоир дарак медиҳад.

**Тавсиф. «**Нависанда барои тасвир кардани ягон воқеа, касе ё чизе гоҳе сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он касе ё чизеро хеле барҷаста нишон медиҳад» [111, 96]:

*Чист он иксири аъзам ё ки он кибрити сурх,*

*Суҳбати ёри хирадманд аст, инро ёд дор* [48, 26].

Дар байти мавриди назар ибораҳои «кибрити сурх» ва «ёри хирадманд» чун ибораҳои тавсифӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аммо дар навбати худ таъбири «кибрити сурх» киноя аз суҳбати ёр бар асари фурӯзон ва рӯшан буданаш мебошад. Мисоли дигар:

*Эй шоҳбози гулшани қудрат, хуш омадӣ,*

*Товуси бӯстони ҳақиқат, хуш омадӣ…*

*Булбулнавои гулшани идроку фаҳму ҳуш,*

*Тӯтибаёни боғи фасоҳат, хуш омадӣ* [50, 293].

**Муболиға**. «Ғулув кардан дар чизе, ситоиш ё накӯҳиши чизе, бозтоби чизе ё касе буда, дар истилоҳ он аст, ки дар сифат ё дар замми чизе муболиғат бисёр равад ва аз ҳадди эътидол таҷовуз кунад» [152, 111]. Т.Зеҳнӣ муболиғаро дар забони халқ болотар аз муҳобот донистааст [111, 92].

Муболиға низ аз санъатҳоест, ки шуарои мавриди таҳқиқи мо моҳирона истифода кардаанд:

*Моро ҷигар зи баҳри ту бирёну дил кабоб,*

*Аммо ту ҳамчу умр ба рафтан кунӣ шитоб* [48, 36].

Дар ин байт Файёз ифодаи муболиғаомез – бирёну кабобшавии дилу ҷигари хешро дар мавқеи худ ба кор бурдааст, ки таблиғ (ҳаётӣ, реалӣ)-ро ба хотир меоварад. Мисоли дигар аз Шӯхӣ:

*Эй гашта аз вуҷуди ту ширин бинои ҳусн,*

*Зебанда нест бо дигаре иддаои ҳусн* [50, 250].

***

*Дар хаёли шамъи рухсораш дилам ҳар шаб зи оҳ,*

*Карда дар фонуси худ равшан чароғи тозае* [50, 278].

Абёти болоӣ аз қабили муболиғаи иғроқ аст. Ҳарчанд, аз вуҷуди касе бинои ҳусн ва аз шамъи рухсор чароғе равшанӣ надодааст, аммо аз рӯйи тасвироти бадеӣ чунин тасаввур намуданро ақл ва мантиқ қабул менамояд.

Ғулув – дар фарҳанг ба маънии «аз ҳад даргузаштан» [166, 388], «дар истилоҳ даргузаронидани калом аз сарҳади ақл ва одат» [152, 112]. Чунончи Шӯхӣ гӯяд:

*Дил об гашт, оташи оҳам баланд шуд,*

*Ёрӣ ба шуъла рафт зи равған чароғро* [50, 81].

***

*Гиря ҳамчун шамъ то кардам фурӯ шустам ба гил,*

*Мавҷаи ашки равон занҷир шуд бар по маро* [50, 86].

**Ирсоли масал.** Ба истилоҳ овардани масал дар байтро меноманд [111, 132; 152, 137]. Аз мутолиаи асарҳое, ки дар иртибот ба ирсоли масаланд, дарк менамоем, ки манзури муҳаққиқин аз масал – зарбулмасалу мақолҳост. Ба ин хотир А.Сатторзода андешаи Бетобро, ки «зикри зарбулмасали машҳурро дар калом ирсоли масал пиндоштааст» [152, 137], ҷонибдорӣ менамояд. Чунончи:

*Зи ишқи рост ақли каҷниҳод албатта бигрезад,*

*Ҳазимат мекунад рӯбаҳ ба ҳар ҷо шер меояд* [45, 281].

Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф аз ақли каҷ дур шудани ишқи ҳақиқиро мисли оне мешуморад, ки аз ҳайбати шер рӯбоҳ метарсад.

Дар ҷойи дигар Шӯхӣ бо истифода аз зарбулмасал фикри хешро чунин ифода кардааст:

*...Дар Ҳарам ё Рабу дар дайр санам бояд гуфт,*

*«Ҳар сухан ҷоеву ҳар ҳарф маконе дорад»* [50, 188].

Мисоли дигар:

*Мабош, Кошиф, аз ин ғусса тирадил, шояд,*

*Зи шоми ҳиҷр кунад субҳи иттисол зуҳур* [45, 284].

Ин баёт низ зарбулмасали машҳури «Поёни шаби сияҳ сафед аст»-ро ба хотир меорад.

Байни дигар шоирони мавриди таҳқиқ Нозили Хуҷандӣ дар корбурди санъати ирсоли масал мавқеи сазовор дорад. Ҳарчанд санъати ирсоли масалро намояндагони сабки ҳиндӣ фаровон истифода намудаанд, аммо гуфтаҳои Э.Шодиев шаҳодат медиҳад, ки «ин ихтироъкории Нозили Хуҷандӣ дар девони шоирони пешин дида намешавад» [188, 44]. Мавзуи мазкур дар боби дуюми рисола дар баррасии рубоӣ шарҳи худро ёфтааст [ниг. ба саҳ.: 76].

**Таҷнис.** Ба истилоҳ калимоти монанд ба якдигар дар гуфтор ва дар навишт, яъне аз лиҳози шакл мушобеҳ ба ҳам ва ҳамҷинс, вале дар маънӣ мухталифро таҷнис номанд [111, 163; 81, 44; 152, 20]**.** Чунонки Файёзи Хуҷандӣ мегӯяд:

*Сиркае аз анор бо манту,*

*Бишнавӣ васфи манту аз ман ту* [48, 44].

Калимаи «манту» дар ду мавриди аввал номи хӯрок ва дар ниҳоят ҷонишинҳои шахсӣ: «ман» ва «ту»-ро ифода кардааст.

Ин тарзи калимаҳо аз нуқтаи назари забон «омоним» (ҳамшакл), вале дар илми бадеъ бинобар ду бор зикр шудани айни калима «таҷнис» ном мегирад, зеро дар як байт ду калимаи ҳамҷинсу ҳамшакл ба ду маънои ҷудогона зикр ёфтааст. Мисоли дигар:

*Чӣ хуш гуфт он* ***Сарвари ростӣ,***

*Ки гар ростӣ, корат оростӣ* [48, 48].

Дар ин байт вожаи «ростӣ» ду маротиба такрор шуда, бори аввал ба маънии Сарвари ростӣ, яъне киноя аз Паямбар ва бори дувум ба маънии росткорию ростгӯйӣ ифода ёфтааст. Мисоли дигар:

*Ба зар идроки дурбин ёфт дур бин,*

*Тилискубу расадҳо ёфт тазъин* [23, 14].

Дар ин байт калимаҳои мутаҷонис «дурбин» ва «дур бин» мебошанд, ки таҷниси мураккабро ба хотир меоварад.

Мисоли дигар:

*Кошкӣ бар гарданам печад ду тори кокулат,*

*Мезадам аз шавқ он соат дутори кокулат.*

*Аз дилу ҷон, эй ниҳоли тозагул, ёри туям,*

*Рухсате деҳ то занам машқи «Сувор»-и кокулат!* [14]

Ин ҷо ҳунари шоирии Фавзӣ дар таҷассуми якҷояи чанд санъати бадеӣ дар таркиби як байт ҷилвагар мешавад, ки аз таваҷҷуҳи шоир ба рангорангии калом дарак медиҳад. Фавзӣ дар ин ғазал ба се санъат – илтизом, таҷнис ва иҳом руҷуъ намудааст.

Бо баробари корбурди саноеи маъмули лафзиву маънавӣ шуарои Хуҷанд аз санъати хеле нодири ҳуруфи бенуқта яъне, шеъре, ки ҳарфҳои нуқтадори арабӣ надорад, истифода намудаанд:

*Дил дар оромгаҳи турраи мо во дорад,*

*Ҳар саҳар дар ҳарами васл алалло дорад…*

*Гар каломи гуҳари мо расад, ӯ гардад лол,*

*Умдаи аҳли камол ар сари савдо дорад!* [14]

Ғазали зерин бошад, бо санъати лафзаии «сод» эҷод шудааст. Шуаро дар гузашта ҳар чизи писандидаро бо «сод» нидо мекарданд. «Сод» рамзи эътирофи сифатҳои наҷибу олии инсонӣ ва оламии руҳонӣ, хусусиятҳои неки ҳар мавҷудот, нишонаи шинохтани зебоиву шевоӣ ва дилрабоии кулли ашёву билохира шинохти сунъи Илоҳӣ мебошад:

*Ду чашми наргиси масти ту «сод» мехонанд,*

*Даҳони «мим»-и туро низ «сод» мехонанд!...*

*Зи рӯйи саҳфаи рӯят кироми аҳли адо,*

*Яқин, ки сураи ҳусни ту «Сод» мехонанд!* [14]

**Ташхис.** Ташхис яке аз санъатҳои серистеъмол буда, дар адабиёти классикии форсу тоҷик таърихи куҳан дорад. Асирӣ маснавии аҷибе дорад, ки «Дар ҷавоби Файёз» унвон дошта, мухтавои он ба сухан омадани муш, муддате ба инсон мубаддал гаштан ва бозгаштан ба асли худро дарбар мегирад. Яъне, ҳикмати маснавӣ дар он аст, ки инсон бояд қаноатпеша, шукргузор ва вафодар ба аҳду паймони хеш бошад:

*...Чунин гуфт он духтари мушзод,*

*Ба зоҳид, ки «Ин гуна ҳаргиз мабод!*

*Лабатро аз ин ҳарф хомӯш кун,*

*Дуо кун маро дубора муш кун»,*

*Дуо кард духтар ҳамон муш гашт,*

*Ба ҳамбистари худ ҳамоғӯш гашт.*

*Дарун рафт ду муш дар як шикоф,*

*Зиҳӣ ақлу тазвиҷу меҳру зифоф.*

*Зи нокас умеди беҳӣ доштан,*

*Ба боғи дироят хасак коштан»* [23, 44-45].

Мисоли дигар аз Файёз:

*Ба боғе, ба фасли хазон дар саҳар*

*Гузорам бияфтод чун раҳгузар.*

*Бидидам, ки дар шохаки як гуле,*

*Нишастаст хомӯш як булбуле.*

*Бигуфтам: «Чӣ шуд он дили волаат,*

*Ки хомӯш мебинам аз нолаат?»*

*Бигуфто, ки: «Сад нола бе рӯйи ёр,*

*Ту инсоф кун бо чӣ ояд ба кор?* [48, 55]

Дар ин шеър ба сухан омадани булбул ва гуфтугӯи ӯ бо шоир аз ҷилваи санъати ташхис дарак медиҳад.

**Муаммо.** Дар фарҳанг ба маънии сарбаста, муғлақ ва пӯшида [166, 822] буда, ҳамчун истилоҳ «санъатест, ки шоир номи маъшуқ ё номи чизе дигар дар байт пӯшида биёрад, аммо ба тасҳиф, ба қалб, ба ҳисоб, ба ташбеҳ ба ваҷҳе дигар» [152, 243]. Ҷоиз ба қайд аст, ки бисёре аз муҳаққиқон луғаз, чистон ва муамморо як санъат донистаанд, аммо мувофиқи шарҳи А.Сатторзода «Дар чистон ва луғаз шакл ё хусусиятҳои чизе баён карда шуда, дар муаммо баръакс нишонаҳо ё номи шахс пӯшида нигоҳ дошта мешавад [152, 244].

Ҳаминро бояд илова намуд, ки шоири маъруф Абдурраҳмони Ҷомӣ, муосирони ӯ – Мулло Мирҳусайни Муаммоӣ, Мулло Шаҳобуддин Ҳақири Муаммоӣ, Мӯҳташами Кошӣ, Зайнуддини Восифӣ ва дигарон саромади муаммосароён ва муаммошикофонанд.

Ҷомӣ, ҳатто, доир ба муаммо рисолае таълиф намудааст. Пайравӣ ба ин саромадони сухан шуарои Хуҷандиро низ водор кардааст, ки ба ин навъи санъати бадеӣ ҳунарашонро санҷанд. Инак, як муаммо аз Файёзи Хуҷандӣ зикр мешавад, ки дар баёни солу моҳу ҳафтаву рӯзҳо гуфта шудааст:

*Луъбате дидем, ҳар соат зи мо дорад суол,*
*Бо суолаш ақли ман оҷиз, забони халқ лол...*
*Он суолаш ин, ки дорам шаст духтар дар ҷаҳон,*
*Се ҳазору шашсад аз онҳо писар шуд баркамол.*
*Боз он соил ҳамегӯяд, ки мо танҳо наем,*
*Модаре дорем, з-он зодем бисту чор зол.*
*Сесаду шасту шаш омад синни модар дар ҳисоб,*
*Модарамро модараш як духтари соҳибҷамол.*
*Мекунад Файёз бо Роҷӣ ҳазорон офарин,*
*Аз карам гӯяд ҷавобе, к-ӯ бад- ин сеҳри ҳалол.*
*В-арна аз Хуҷанди танг то Юнону Рум,*
*Аз Фалотуне ҷавоб орам аз он ҷо эҳтимол* [48, 30].

Мисоли дигар аз Фавзӣ:

*Маро дар қайди як дилбар мудом аст,*
*Ду рӯяш қиблаи ҳар хосу ом аст.*
*Нишонат медиҳам гар мешиносӣ,*
*Ду миму як алифу ҳашт лом аст* [14].

Баррасии арзишҳои ҳунарӣ ва бадеияти ашъори суханварони Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX баёнгари он аст, ки дар шеъри ин шоирон муҳимтарин санъатҳои бадеии лафзӣ ва маънавӣ барои ороиши сухан ва таъмини назокату балоғати калом ба кор рафтаанд. Бар ин асос, дар ҷараёни корбурди саноеи бадеӣ шуаро кӯшидаанд, ки шеваҳои гузаштагонро истифода намуда, ба ин васила дар такмили бадеияи каломи худ роҳ кушоянд. Корбурди фаровони саноеи талмеҳ, ташбеҳ, истиора, тамсил, таҷнису ташхис ва амсоли ин худ гувоҳи он аст, ки суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар таъмини назокати калом ва балоғати сухани хеш аз шеваҳои мухталиф ба кор гирифта, дар анвои ашъори суннатӣ таҷрибаҳои муҳимми ҳунарӣ ба сомон расонидаанд.

## Хулосаи боби севум

Ҳамин тавр, аз баррасии боби севум маълум шуд, ки шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд ба осори намояндагони сабки ҳиндӣ, хоса Бедилу Соиб, Сайидо ва дигарон таваҷҷуҳи хоса дошта, пайравиҳои эшон асосан аз ду ҷиҳат: вазн, қофия, радиф ва таъсирпазирӣ дар мазмунсозиву маъниофаринӣ, эҷоди калимаҳои мураккаб, ибораву таркибҳои шоирона ба чашм мерасад. Ин далели он аст, ки шуарои мавриди таҳқиқи мо баробари шуарои ҳамаҳди хеш, ки дар дигар ҳавзаҳои адабӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд, беҳтарин суннатҳои шеъри Бедилро густариш ва давом додаанд.

Баробари ин, истиқбол аз сабки сухани Саъдиву Камол, Ҳофизу Ҷомӣ ва Амир Умархон баёнгари он аст, ки шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди назар аз унсурҳои ҷараёни давраи бозгашти адабӣ низ баҳраёб гаштаанд, ки мухаммасоту ғазалҳои дар пайравӣ ва ситоиши намояндагони ин сабк сурудаи эшон далели ин гуфтаҳост.

Ҳамчунин, дар баробари мактаби пайравони Бедил ва шеваи бозгашти адабӣ шуарои мавриди назар дар иншои шеъри нав, ки яке аз муҳимтарин бозовардҳои равияи маорифпарварӣ ба шумор меравад, иқдом намудаанд. Корбурди аносири ғайб ва вожаву таркибҳои омиёна, ашъори ватандӯстӣ, тарғиби илму дониш, ки аз заминаҳои ба вуҷуд омадани шеъри нав дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX мебошад, дар ашъори Тошхоҷа Асирӣ, Фахрии Хуҷандӣ, Файёзи Хуҷандӣ, Фавзии Хуҷандӣ дида мешавад.

Бадеияти ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX баёнгари он аст, ки эшон ҷиҳати таъмини назокату латофати калом аз шеваҳои гузаштагон баҳраёб гашта, муҳимтарин санъатҳои бадеии лафзӣ ва маънавӣ – таҷнису тарсеъ, ташбеҳу истиора, маҷозу киноя, иҳому муболиға ва ғайраро истифода намудаанд. Корбурди фаровони саноеи бадеӣ гувоҳи он аст, ки шуарои мавриди назар ҷиҳати такмили назокати калом ва балоғати сухан дар анвои гуногуни шеърӣ иқдом намудаанд.

# ХУЛОСАҲО

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқу баррасии ҳавзаи адабии Хуҷанд ва мероси суханварони ин шаҳри бостонӣ аз нимаи дуюми асри XVIII то аввали асри XX муқаррар месозад, ки дар ин давра чун қуруни қаблӣ шоирони зиёде зиндагонӣ ва эҷод намуда, дар умум, ба равнақи адабиёти замон саҳми муносиб гузоштаанд. Аз баҳсу баррасии вежагиҳои ашъор, ҷараёнҳои адабӣ, жанрҳои маъмули таркиби эҷодиёт, вежагиҳои сабкиву ҳунарии осори суханварони мазкур натиҷаҳои муайян ва хулосаҳои илмии зерин ҳосил мешавад:

1. Дар фосилаи таърихии аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX бештар аз 60 шоир дар шаҳри Хуҷанд зиндагӣ ва эҷод намуда, барои ривоҷи адабиёти замон ва ташаккули ҷараёнҳои адабӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Зиндагонӣ, эҷод ва ҳамкориҳои адабии ин суханварон моро бар ин натиҷа мерасонад, ки маҷмуи эҷодиёти онон, бо назардошти соҳиби муштаракоти умумии сабкиву ҳунарӣ ва мавзуӣ, дар шаҳри Хуҷанд як ҳавзаи адабиеро ба вуҷуд овард ва бар ин асос ин ҳавзаи адабӣ дар таърихи адабиёт баробари ҳавзаҳои маъруфи адабии давр, чун Бухорову Самарқанду Хӯқанд, мақом ёфт **[3-М]; [7-М]; [8-М].**

2. Мусаллам аст, ки аксари шоирони мавриди таҳқиқ аз Хуҷанд бархоста, дар айни камолоти эҷодӣ ба шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр сафар намуда, муддате он ҷо боқӣ мондаанд ва бозпас дар айёми пирӣ ба Хуҷанд баргаштаанд. Гурӯҳи дигар бошад, дар ҳамон шаҳрҳо поёни рӯзгорро гузарониданд. Аммо нуктаи муҳим ва қобили таваҷҷуҳ он аст, ки аксари ин шоирон фаъолиятро дар шаҳри Хуҷанд оғоз намудаанд ва ё дар ҳар шаҳре, ки зиндагиву эҷод мекарданд, нисбаи хуҷандиро бо худ нигоҳ доштаанд. Ҳамин авомили муҳим моро водор сохт, ки ҳамаи онҳоро дар умум ҳамчун намояндагони ҳавзаи адабии Хуҷанд муаррифӣ намоем **[3-М]; [7-М]; [8-М].**

3. Таҳқиқи вазъи адабиёти давраи мазкур муқаррар месозад, ки бонувони суханвар низ дар ин шаҳр зиндагонӣ ва эҷод намуда, муҳимтарин суннатҳои адабиёти классикиро давом додаву барои ривоҷу равнақи

адабиёти ин ҳавза саҳми хешро гузоштаанд. Таҳлилу баррасии намунаҳои эҷодиёти ин бонувон маълум месозад, ки муҳити сиёсиву иҷтимоии давр дар шеъри онҳо таъсири худро гузоштааст **[1-М].**

4. Шаҳри Хуҷанд ҳамчун ҷузви қаламрави Мовароуннаҳр бештар дар тобеияти сиёсии хонигариҳои Хӯқанд ва Бухоро қарор дошт. Аз ин рӯ, қисмати бештари шоирони ин шаҳр ба дарбори Амир Умархон роҳ ёфта, дар муҳити адабии Хӯқанд низ ном баровварда буданд. Муҳимтарин суннатҳои адабии роиҷ дар ин ҳавза дар шеъри шоирони Хуҷанд низ таҷассуми барҷаста касб намудааст **[5-М]; [10-М].**

5. Васфи манозири табиати Хуҷанд ва изҳори муҳаббату дилбастагӣ ба ин сарзамини куҳани таърихӣ миёни шоирони ин давра ба ҳукми мавзуи умумӣ ва муштарак арзи ҳастӣ намудааст. Шоирони дар шаҳри Хуҷанд зиста ва берун аз он рафта васфи шаҳри азизи хешро ба унвони яке аз мавзуоти муҳим ва куллии ашъори хеш қарор дода, дар ин замина шуҳрату маҳбубияти онро боло бардоштаанд **[10-М].**

6. Рушди адабиёти дузабона низ яке аз вежагиҳои муҳимми адабиёти ин давра ба шумор меравад, ки намояндагони Хуҷанд низ дар ин ҷода саҳмгузоранд. Афзудани нуфузи забони ӯзбекӣ дар муҳити дарбор сабаб ва омили асосӣ ба шумор меравад. Ин афзалияти забонӣ ба адабиёт низ таъсири равшан гузошт ва дар натиҷа шоирони дузабона зиёд шуданд, ки миёни онҳо Шӯхӣ, Нозил, Файёз, Тошхоҷа Асирӣ, Қамбархону Муаззамахон ва дигарон мавқеи намоён касб кардаанд **[1-М]; [10-М].**

7. Мусаллам аст, ки дар осори суханварони ин давра пайравони мактаби Бедил ривоҷ дошт. Аз ин рӯ, суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд, чун Шӯхӣ, Зоир, Нозил, Тошхоҷа Асирӣ ва дигарон бештар ба сабки сухани ин шоири номвар пайравӣ менамуданд, ки мавҷудияти тазмину назира ва мухаммасоти шоирон ба ин матлаб ишорат мекунанд **[2-М].**

8. Дар ҳавзаи адабии Хуҷанд шоироне низ зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки ҳам ба Бедил ва ҳам ба шуарои пешин, чун Саъдиву Ҳофизу Камол пайравӣ намудаанд. Ба ин маънӣ метавон таъкид дошт, ки дар шеъри баъзе аз

намояндагони ин давра унсурҳои ҳар ду шеваи суханварӣ – мактаби пайравони Бедил ва ҷараёни бозгашти адабӣ ба мушоҳида мерасад. Баробари ин, шоироне буданд, ки асосан аз сабки сухани Ҳофизу Саъдӣ истиқбол намуданд, ки яке аз онҳо Шӯхӣ ба шумор меравад **[6-М]; [11-М].**

9. Баробари нуфузи мактаби пайравони Бедил ва ҷараёни бозгашти адабӣ дар нимаи дуюми асри XIX маорифпарварӣ низ ривоҷи тамом касб намуд, ки бо сабаби афзудани ғояҳои он ба таркиби ашъори шоирони давр мафҳум, истилоҳот ва мазомини нав ворид гардиданд. Муаллифи «Тазкори ашъор» – Садри Зиё ҳамин нуфузи мафоҳим ва истилоҳоти навро як рукни зуҳури шеъри нав муаррифӣ кардааст, ки дар таркиби ашъори шоирони ҳавзаи Хуҷанд, чун Тошхоҷа Асирӣ, Фахрӣ, Фавзӣ ва Файёз ба таври барҷаста намоён аст **[5-М]; [10-М].**

10. Эҷодиёти шоирони ин давра бозгӯйи он аст, ки муҳимтарин жанрҳои адабӣ, чун ғазал, рубоӣ, қитъа, қасида, мухаммас, мусаддас, маснавӣ ва монанди ин дар осори шоирони муҳити адабии Хуҷанд маъмул буда, онҳо аксари анвои шеърии суннатиро бо ҳамон вежагиҳои хос идома додаанд. Дар баробари ин, эҷоди навъи рубоии мустазод ба мушоҳида мерасад, ки он бештар дар сурудаҳои Нозил дида мешавад. Ҳарчанд ба ақидаи муҳаққиқони ин навъи шеърӣ намунаҳои он дар нусхаҳои хаттии девони шоирони пешин, аз ҷумла Камоли Хуҷандӣ ба чашм мерасад, вале Нозил барои ривоҷи он дар ҳавзаи адабии Хуҷанд саҳми назаррас гузоштааст. Баробари ин, рубоии ирсоли масал низ рӯ ба рушд оварда, ҳамчун маҳсули ибтикороти шоирони ин давр, хусусан Нозил шинохта мешавад **[4-М]; [12-М].**

11. Дар таркиби эҷодиёти шоирони ин аср муҳимтарин суннатҳои маснависароӣ ба мушоҳида расид, ки яке аз онҳо маснавии «Хоб дидани Файёз Фирдавсиро» мебошад. Баробари сурудани тазкираи манзум («Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ ва «Тазкор-ул-ашъор»-и Садри Зиё дар қолаби маснавӣ) намояндаи адабиёти ин ҳавза – Файёзи Хуҷандӣ ибтикори ҳунарие намуд. Ӯ ба мисли ҳамасри хеш – Зуфархон Ҷавҳарӣ, ки ба як байти Бедил дар қолаби маснавӣ дар 26 байт шарҳ навиштааст, шарҳи

манзумро ривоҷ дод. Бояд таъкид намуд, ки шарҳи манзуми Файёз ба як байти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо чанд хусусият: тозагӣ, ҷолибият, ҳаҷм (зиёда аз 80 байт) ва монандӣ ба аносири соқинома (руҷуъ ба соқӣ) афзалият дорад **[5-М]; [9-М].**

12. Дар баробари идомаи муҳимтарин мавзуоти роиҷ дар адабиёти гузашта, ки асоси онро ишқи заминӣ ва ирфонӣ ба вуҷуд овардааст, шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар инъикоси вазъи замон, масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дар эҷоди ашъори мадҳӣ, марсиявӣ ва амсоли ин нақши муассир гузоштаанд. Ба ин маънӣ, вобаста ба ташаккули авзои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоирон низ обу ранги тоза гирифтааст, ки яке аз падидаҳои он сурудани моддаи таърих мебошад **[5-М]; [10-М].**

13. Баррасии вежагиҳои ҳунарии ашъори намояндагони адабиёти ин давра маълум месозад, ки шоирон барои такмили он аз доираи васеи саноеи бадеии маънавӣ ва лафзӣ истифода намудаанд. Вуҷуди санъатҳое, чун ташбеҳу истиора, талмеҳ, таҷнис, сифатчинӣ, ирсоли масал, тарсеъ ва монанди ин аз ривоҷи шеваҳои шоиронаи корбурди ин воситаҳои тасвири бадеӣ дарак медиҳад, ки ҳамагӣ бадеияти шоёни ашъори шоирони замонро бозгӯйӣ мекунанд. Афзун бар ин, шоирони ин ҳавза дар эҷоди ғазал ва анвои дигари шеърӣ муҳимтарин авзони шеъриро таҷриба кардаанд, ки ба корбурди анвои фаровони вазнҳои шеърӣ ва идомаи суннатҳои хоси адабӣ ишорат мекунад **[9-М].**

